Рушди сармояи инсонӣ омили калидии баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии соҳаҳои иҷтимоӣ, махсусан, маорифу тандурустӣ, илму инноватсия, инчунин, фаъолияти самараноки муассисаҳои илмӣ мебошад. Дар навбати худ, рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намудани ояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Эмомалӣ РАҲМОН

# МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ, МАЪРИФАТӢ ВА ТАЪЛИМИЮ МЕТОДИИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


## ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

**Раҳим САИДЗОДА**-вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Абдулло РАҲМОНЗОДА**-ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа
**Ҳомид ҲОШИМЗОДА**-муовини якуми вазири маориф ва илм
**Равшан КАРИМЗОДА**-муовини вазири маориф ва илм
**Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА**-муовини вазири маориф ва илм
**Муҳаммадтоир САИДЗОДА**-директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Фарҳод РАҲИМӢ**-раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА**-президенти АМИТ
**Аҳлиддин ИБОДУЛЛОЗОДА**-ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
**Зулхия НОЗАКЗОДА**-раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илм
**Бахром ИСМОИЛЗОДА**-сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе
**Зиёдулло АБДУЛЗОДА**-сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон
**Аминҷон МИРЗОҚАНДОВ**-сардори раёсати маорифи ВМКБ
**Шавкат КАРИМЗОДА**-директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди ВМИ ҶТ

## САРМУҲАРРИР
**НУРАЛИЗОДА НОИЛШОҲ ИМОМАЛӢ**

## ҶОНИШИНИ САРМУҲАРРИР
**Дилором ЗАБИРОВА**

## ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

**Муҳаммад ЛУТФУЛЛОЗОДА**-узви пайвастаи АТТ, доктори илмҳои педагогӣ

**Шамсуллоҳ ИСЛОМОВ**-номзади илмҳои педагогӣ

**Саида НАБИЗОДА**-муҳаррири бахши мактабшиносӣ

**Шодӣ РАҶАБЗОД**-муҳаррири бахши филологӣ

**Мамадҷон МАҲКАМОВ**-номзади илмҳои педагогӣ, муҳаррири бахши фанҳои табиӣ-риёзӣ

## МУҲАРРИРИ ТЕХНИКӢ:
Шаҳнозаи МИРЗО



**Маорифи Тоҷикистон**

**Нишонӣ:** 734024, ш.Душанбе, Айнӣ-126

**Телефон:** +992-37-225-82-23

**E-mail:** majallai-maorif@maorif.tj

**Индекс:** 77500. Маҷаллаи аз 24.02.2025 таҳти №399/ МҶ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шудааст.

Маҷалла аз соли 1991 нашр мешавад.

Дар ҶДММ «Мега-принт» ба табъ расид. Андозаи 60x84 1/8. Адади нашр 6635 нусха.

**СУРАТҲИСОБИ МАҶАЛЛА ДХ БДА «АМОНАТБОНК»**

С/Ҳ: 20202972900816101000
Ҳ/К: 20402972316264
БИК: 350101626
РМА: 010009508

**№10**

**№10 (246), 2025**

# М У Н Д А Р И Ч А


**РОҲНАМО**

Забон, миллат ва давлат – ҷузъҳои ҷудоинопазир
*(Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ)*..........3

Омӯзгорон – неруи тавоно ва қувваи пешбарандаи ҷомеа
*(Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи омӯзгорон)*..........6

**БА ИСТИҚБОЛИ 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ**

Н. НУРАЛИЗОДА. Нақши Паёмҳои Пешвои миллат дар ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм (2000-2025)..........7

**5 ОКТЯБР – РӮЗИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ**

Ш. КАБИР. Сайре дар олами пурасрори забон..........13

**ҲАР ОН КАС, КИ «ШОҲНОМА»-ХОНӢ КУНАД...**

Ҷ. САИДЗОДА. Фирдавсӣ – шоири паёмрасон..........19

**ОМӮЗГОР ВА ЗАМОН**

Ш. ДИЛШОДЗОДА. Фарҳанги калом ва баёни омӯзгор дар таълиму тарбия..........24

**КИШВАРИ САБЗ МАРОМИ МОСТ**

А. БОБОЕВ. «Иқтисоди сабз» – унсури инкишофи иқтисоди миллӣ..........29

**ИДЕОЛОГИЯ**

А. ПАЛАВОНОВ. Тарбияи ғоявию мафкуравӣ ва ватандӯстии донишҷӯён..........32

**ТАҶРИБА**

Д. ТАЛБАКОВА. Баҳогузорӣ ва таъсири он ба дониши хонандагон..........35

**ТАҲСИЛОТ**

Б. ҲАЙДАРОВ. Консепсияи миллии таҳсилот ва роҳҳои татбиқи он..........38

**МЕТОДИКА**

Ҷ. ИЛЁСОВ. Усулу шеваҳои муассир дар таълими математика..........41

**КОРГОҲИ ҲУНАРМАНД**

Т. КИШВАРЗОДА. Мониқалам..........43

**МАВЗУИ РӮЗ**

Д. ЗАБИРОВА. Коррупсия на танҳо мушкилоти ҳуқуқӣ, балки вабои аср аст..........45

**БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ**

Ш. АЗИМОВА, М. НАМОЗОВА. Татбиқи технологияи рақамӣ дар ташаккули фанҳои дақиқ..........47

**ФИЗИКА**

А. МАЛАХОВ. Назаре ба ҳалли масъалаҳо аз физика..........49

**ШИНОХТИ ШОИР**

С. НАБИЗОДА. Маснади баланди шеър..........52

**САНАД**

Низомномаи намунавии муассисаҳои таълимии томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон..........56

**САЙҚАЛИ ЗЕҲН**

Ҳ. ҲОМИДОВ. Муаммои «Шаҳрошӯб»..........64

# ЗАБОН, МИЛЛАТ ВА ДАВЛАТ – ҶУЗЪҲОИ ҶУДОИНОПАЗИР

*Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат,*
*Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон*
*ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ*

*04.10.2025, шаҳри Душанбе*




**Ҳамватанони азиз!**

Ҳамаи шуморо ба ифтихори Рӯзи забони давлатӣ, ки аз ҷумлаи муқаддасот ва рукнҳои асосии давлатдории миллии тоҷикон, инчунин, гаронбаҳотарин ёдгори аҷдоди ориёии мо мебошад, самимона табрик мегӯям.

Забони тоҷикӣ дар раванди рушди таърихии худ ҳамчун шаҳсутуни бинои маънавии миллат ва муҳимтарин воситаи инъикоси ҳаёти мардум барои мондагории миллати тоҷик нақши барҷаста бозидааст. Яъне тоҷикон роҳи тайкардаи худро дар хотираи таърихии хеш маҳз ба василаи забони модарӣ ҳифз кардаанд.

Дар тӯли таърих забони форсӣ – дарӣ – тоҷикӣ ба фишору таҳдидҳои зиёде рӯ ба рӯ гардидааст, вале абармардони сиёсат ва илму фарҳанг дар тамоми давраҳои таърих барои нигаҳдории он талошу кӯшишҳои зиёд ба харҷ додаанд. Ба шарофати сиёсати фарҳангпарваронаи хонадони Сомониён, сиёсатмадорони ватандӯсту донишманд ва аҳли илму адаби он давра забони дарии тоҷикӣ мавқеи худро дубора устувор кард ва мақоми расмии давлатӣ касб намуд. Сомониён бо фароҳам овардани шароити мусоид барои пешрафти илм ва фарҳангу адабиёт рушди забони тоҷикиро таъмин карданд. Ба ибораи дигар, забони адабии тоҷикӣ маҳз дар даврони Сомониён ташаккул ёфт ва асоси тамоми меъёрҳои он гузошта шуд. Ин меъёрҳо дар давоми зиёда аз ҳазор сол, яъне то имрӯз мунтазам суфтаву устувор гардида, барои рушди забони тоҷикӣ дар шакли хаттию шифоҳӣ хизмат кардаанд. Қобили зикри хос аст, ки

меъёрҳои забони адабии тоҷикӣ аз аҳди Сомониён то имрӯз ба тағйироти хеле кам дучор гардидаанд.

Донишмандон эътироф кардаанд, ки чунин падида дар низоми забонҳои дунё камназир мебошад. Сомониён ҳамчун хонадони миллатдӯсту ватанпарвар мақоми забони тоҷикиро чун забони расмӣ устувор карда, асосҳои сиёсии инкишофи онро фароҳам сохтанд. Олимону донишмандон ва шоирону нависандагони тоҷик аз он рӯзгор то имрӯз барои рушду такомули забони модарии худ осори илмиву адабии пурғановате навишта, заминаҳои мондагории онро таъмин намуданд. Забоне, ки дар саргаҳи рушди он устод Рӯдакӣ қарор дошт, ба ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ имкон дод, ки «Шоҳнома»-и безаволи худро таълиф намояд, Абуалӣ ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ, Умари Хайём ва садҳо нафар олимону донишмандони дигар шукӯҳу ҷалоли забони тоҷикиро ба аҳли олам муаррифӣ карданд, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ «Маснавии маънавӣ» ва ғазалиёти дилошӯби худро, ки имрӯз ҷаҳониён онро бо номи «Девони кабир» мешиносанд ва мехонанд, эҷод кард, Абдураҳмони Ҷомӣ бо осори манзум ва «Баҳористон»-и бехазонаш шукӯҳи забони тоҷикиро боло бурд, Сайидову Аҳмади Дониш, устод Садриддин Айнӣ ва бузургони дигар бо асарҳои баландмазмуни худ барои пойдории забони тоҷикӣ корҳои шоистаи таърихиро анҷом доданд.

Бояд гуфт, ки ҳарчанд тайи асрҳои тӯлонӣ забони тоҷикӣ ҳамеша забони илму адабу фарҳанг буд, аммо баъди зиёда аз ҳазору сад сол – танҳо дар замони истиқлол – бори дигар ба ҳайси забони расмии давлатӣ соҳиби мақому манзалати аслии худ гардид. Имрӯз забони давлатӣ ҳамчун яке аз рукнҳои муҳимтарини давлати соҳибистиқлоли тоҷикон эътироф гардидааст. Маҳз истиқлоли давлатӣ маҳдудиятҳои сунъиеро, ки дар роҳи рушди забони тоҷикӣ мавҷуд буданд, бартараф сохта, роҳи тараққиёти озодонаи онро таъмин намуд. Имрӯз Ҳукумати мамлакат бо дастгирии мардуми шарифи Тоҷикистон барои пешрафти забони давлатӣ ва густариши доираи истифодаи он тамоми шароити заруриро фароҳам овардааст. Ҳоло дар кишвар муқаррароти Қонун «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муваффақона, зина ба зина ва бомаром амалӣ шуда истодаанд. Масъалаи истифодаи забони давлатӣ дар соҳаҳои илму маориф, фарҳанг, воситаҳои ахбори омма, марказҳои инноватсиониву технологӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, номгузории маҳалҳои аҳолинишин, номи ашхос ва самтҳои дигар дар маркази диққати Ҳукумати мамлакат қарор дорад. Имрӯз забони тоҷикӣ дар ҳамоишҳои бонуфузи дохиливу хориҷӣ, аз ҷумла аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид садо медиҳад. Ин ҳолат аз манзалати забони давлатии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар арсаи ҷаҳонӣ дарак медиҳад, ки боиси ифтихору сарфарозии ҳар як фарди миллатдӯст ва ватанпараст мебошад.

Дар баробари ин, бояд гуфт, ки ҳифзи асолати забони миллӣ дар замони ҷаҳонишавии босуръат, интишори бесобиқаи иттилооти гуногун, рушди техникаву технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ ва таъсири фарҳангу забонҳои бегона яке аз вазифаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Дар ин росто, таъмин намудани рушди забони тоҷикӣ бо дарназардошти ҳамқадами навовариҳои илмӣ ва техникиву технологии ҷаҳон сохтани он низ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳим мебошад. Вазифаи олимону донишмандон дар чунин шароит аз он иборат аст, ки бо истифода аз тавоноиву имкониятҳои забонамон калимаву истилоҳоти нави мутобиқ ба мантиқу мазмуни соҳаҳои гуногунро сохта, ба истифода диҳанд, то дар ҳамаи қаламрави забони тоҷикӣ корбурди онҳо ҳамгуну ҳамсон бошад. Агар аз ҳозир дар фикри ба забони давлатӣ мувофиқ кардани забони инноватсия ва технологияҳо набошем, на танҳо санъати сухан ва маданияти гуфтори мо, балки фасоҳату равонӣ, покиву зебоии забони модарӣ ва риояи меъёрҳои забони адабӣ таҳти таъсири манфӣ қарор хоҳад гирифт.

**Ҳамватанони азиз!**

Дар баробари омӯхтан ва арҷу эҳтиром гузоштан ба забони давлатӣ зарур аст, ки ба масъалаи донистани забонҳои хориҷӣ эътибори ҷиддӣ дода шавад. Зеро ба аҳли олам беҳтар муаррифӣ кардани таъриху тамаддуни миллати бостонии тоҷик ва дастовардҳои давлати соҳибистиқлоли тоҷикон тавассути забонҳои хориҷӣ муяссар мегардад. Зарур аст, ки махсусан, ба омӯхтани забонҳои русӣ ва англисӣ эътибори аввалиндараҷа дода шавад. Чунки забонҳои зикршуда аз ҷумлаи забонҳои ҷаҳонӣ мебошанд.

Агар мо хоҳем, ки рушди оянда илмӣ ва техникиву технологии кишварамонро таъмин намоем, бояд шароит муҳайё созем, ки фарзандонамон забонҳои хориҷиро хуб омӯзанд ва

ҳамчун кадрҳои ба талаботи замонаи пешрафт ҷавобгӯй ба камол расанд. Дар баробари ин, таъкид менамоям, ки омӯхтани забонҳои хориҷӣ тавассути забони давлатӣ ва ба дараҷаи аъло донистани он ба роҳ монда шавад. Ҳамчунин, мо бояд ба китобхонӣ таваҷҷуҳи доимӣ диҳем, зеро хондани китоб, дар навбати аввал, боиси болоравии сатҳи забондонӣ, маърифатнокӣ ва васеъ гардидани ҷаҳонбинии инсон мегардад. Итминон дорам, ки ҳар як фарди огоҳ ва бонангу номуси миллати тоҷик дар оянда низ ба хотири ҳифзи забони давлатӣ, поку беолоиш нигоҳ доштани он ва вусъати доираи истифодаи забони ширину шоиронаи тоҷикӣ саъю талош мекунад. Ҳамчунин, аҳли илм, адибону ҳунармандони тоҷик бояд таҷриба ва анъанаҳои неки ниёгони хешро дар самти нигаҳдорӣ ва мондагории забони модарии худ идома дода, дар таҳкиму такмили он саҳми боз ҳам бештар гузоранд. Ҳамеша дар хотир бояд дошт, ки забони мо мисли миллати мо яке аз куҳантарин забонҳои дунё буда, таърих ва мероси фарҳангии мардуми бостониамон, аз ҷумла Наврӯзро бо гузаштаи беш аз шашҳазорсолаи он дар худ инъикос кардааст ва то замони мо расонидааст. Наврӯз, дигар расму ойинҳо ва суннату анъанаҳои миллии мо мисли муҳаббат ба Ватан ва модар дар мағзи ҷони мо ҷой гирифтаанд ва мо бояд онҳоро эҳтиёт кунем ва рушд диҳем.

Бори дигар хотирнишон менамоям, ки забон, миллат ва давлат ҷузъҳои ҷудоинопазири якдигар ба ҳисоб рафта, устувории давлат, бақои умри миллат ва ҳувияти миллӣ ба василаи забон таъмин мегардад. Забон гавҳари бебаҳо, мояи ифтихор ва олитарин муқаддасоти миллии мост, ки аз гузаштагон мерос мондааст ва мо бояд онро барои наслҳои оянда дар шакли суфтаву такмилёфта ва поку бегазанд ба мерос гузорем.

Бори дигар кулли мардуми шарифи Тоҷикистонро ба ифтихори Рӯзи забони давлатӣ самимона табрик гуфта, ба ҳар хонадони кишвар саодату оромӣ ва осоиши рӯзгор орзу менамоям.

**Рӯзи забони давлатӣ муборак бошад, ҳамватанони азиз!**

## ЗАБОН

Забони тоҷикӣ! Тоҷи сари тоҷики ман бошӣ,
Асал бошӣ, ба коми тутии шакаршикан бошӣ.
Ба ҳар ҷо, ки фурӯзӣ, офтоби шеър ҳам рахшад,
Чароғи офтоби завқ дар ҳар анҷуман бошӣ.
Садоят аршро то фарш дар маънӣ фаро гирад,
Ба ҳар ҷо бо чунин вусъат бузургии Ватан бошӣ.
Тамоми қавмҳои олам аз ту баҳравар гаштанд,
Ту чун сарчашмаи фарҳангу рӯди илму фан бошӣ.
Ту давлатсоз гаштӣ давлати Сомонии моро,
Ҷаҳонро ёдгор аз Рӯдакии хушсухан бошӣ.
Туӣ воломақом имрӯз, ту дорӣ қадру ном имрӯз,
Суханро бо таровати биҳиштӣ пераҳан бошӣ.
Забони тоҷикӣ, эй тоҷбахши руҳи созанда,
Муқаддас бахри мо чун нанги номуси Ватан бошӣ.

**Ҳақназар ҒОИБ**

# ОМӮЗГОРОН – НЕРУИ ТАВОНО ВА ҚУВВАИ ПЕШБАРАНДАИ ҶОМЕА

*Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи омӯзгорон*




**Устодон ва омӯзгорони мухтарам!**

Ҳамаи шумо ва кулли кормандони соҳаи маорифро ба ифтихори Рӯзи омӯзгорон самимона табрик мегӯям.

Омӯзгорон дар ҳама давру замонҳо ҳамчун неруи тавоно ва қувваи пешбарандаи ҷомеа эътироф мешаванд. Таҷлили Рӯзи омӯзгорон далели равшани эҳтироми Давлату Ҳукумат ва мардуми кишвар ба аҳли таълиму тарбия ва равшангарони роҳи фардои ҷомеа мебошад.

Ҳукумати мамлакат ба ҳалли масъалаҳои илму маориф ва кормандони ин соҳаи муҳим, пеш аз ҳама, омӯзгорон таваҷҷуҳи ҳамешагӣ зоҳир менамояд. Зеро мо хуб дарк мекунем, ки пешрафти ҳамаи соҳаҳои давлати соҳибистиқлоламон ва фардои дурахшони халқамон аз соҳаи маориф вобастагии бевосита дорад.

Ман зимни мулоқоту суханрониҳоям борҳо эътиқоду эҳтиромамро нисбат ба омӯзгорон ва аҳли маориф изҳор доштаам. Гуфтаам ва боз мегӯям, ки омӯзгорон ақл, шарафу виҷдони ҷомеа ва симои асосии он мебошанд. Онҳо донишу заковат ва гармии калби худро бедареғ ба шогирдон мебахшанд ва хешро аз ин хушбахт мешуморанд.

Дар робита ба ин, таъкид менамоям, ки тарбия ва ташаккули хислатҳои ҳамидаи инсонӣ дар ниҳоди насли наврас - насле, ки пояи илму фарҳанги миллатро дар оянда бояд ба сатҳи ҷаҳонӣ бардорад, маҳз ба омӯзгорон вобаста мебошад. Барои расидан ба ин поя устодону омӯзгорони мо бояд масъулиятшиносу сахтгир бошанд ва ба масъалаи баланд бардоштани сатҳу сифати таълим эътибори аввалиндараҷа ва доимӣ диҳанд.

Бовар дорам, ки устодону омӯзгорони мо минбаъд низ барои тарбияи шоистаи наслҳои наврас ва пешрафти боз ҳам бештари Ватани азизамон ҷидду ҷаҳд менамоянд. Бори дигар шумо – омӯзгорони шарафманди кишвари соҳибистиқлоламонро ба ифтихори ҷашни касбиатон самимона табрик мегӯям. Орзу дорам, ки ҳамеша саодати рӯзгор насибатон бошад ва дар ҷодаи тарбияи насли созандаву бунёдкор ва ватандӯсту ватанпараст комёбу муваффақ бошед.

**Рӯзи омӯзгорон муборак бод!**

# НАҚШИ ПАЁМҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ МАОРИФ ВА ИЛМ (2000-2025)



Ноилшоҳ НУРАЛИЗОДА – номзади илмҳои филологӣ

## МУҚАДДИМА

**Маориф ва илм дар ҳамаи давлатҳои мутамаддин ба сифати рукнҳои бунёдии рушди устувор ва пешрафти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ шинохта мешаванд. Дар шароити ҷаҳони муосир соҳаҳои мазкур на танҳо абзори омодасозии кадрҳои баландихтисосу рақобатпазир ба шумор мераванд, балки нақши ҳалкунандаро дар ташаккули тафаккури миллӣ, худшиносии ҷомеа, таҳкими арзишҳои давлатдории миллӣ ва тавсеаи иқтидори зеҳнии кишвар мебозанд.**



Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ин равандҳои ҷаҳонӣ истисно набуда, тайи се даҳсолаи охир ба рушди маориф ва илм бинобар аҳаммияти стратегӣ доштааш таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. Ин соҳаҳо пайваста дар меҳвари сиёсати давлатӣ қарор дошта, зери таваҷҷуҳи доимии Роҳбарияти олии мамлакат қарор доранд. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали фаъолияти худ дар маснади Сарвари давлат ба рушди муассисаҳои илмию таълимӣ ҳамчун пояҳои устувори давлатдории навин ва арзишҳои маънавии ҷомеа таваҷҷуҳи ҳамаҷониба зоҳир менамоянд. Бо ташаббус ва ҳидоятҳои Сарвари давлат дар самти рушди маориф ва илм ислоҳоти фарогир амалӣ гардида, барномаҳои стратегии миёнаҳадаф ва дарозмуддат таҳия ва ба иҷро расонида шуданд. Дар ин замина, муҳаққиқ ва сиёсатшинос С. Ятимов саҳми Пешвои миллатро чунин арзёбӣ мекунад: **«Давраи роҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ба бахти миллати тоҷик зиёда аз чоряк асрро дар бар мегирад, замони гул-гулшукуфии асосҳои бунёдии давлати миллии тоҷикон, аз ҷумла, соҳаи мактабу маориф мебошад»** [33, с. 3].

Паёмҳои ҳамасолаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз муҳимтарин санадҳои сиёсии стратегӣ маҳсуб меёбанд, ки тавассути онҳо самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ва рушди ҳамаҷонибаи ҷомеа муайян мегарданд. Ҳар як Паёми нав таҷассумгари мувозинати ҳассос миёни таҳлили воқеиятҳои ҷорӣ ва дурнамои рушд буда, ҳамчун оинаи равшани равандҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар хидмат мекунад ва самти ҳаракати стратегиро мушаххас менамояд.

Аз рӯзҳои аввали истиқлол, хусусан, дар марҳалаҳои ҳассоси баъд аз ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ, Паёмҳои Президенти мамлакат ҳамчун омили таҳкими пояҳои давлатдорӣ, таҳарруки равандҳои ваҳдати миллӣ ва баланд бардоштани худшиносии миллӣ нақши муассир бозиданд. Ин анъанаи муҳимми сиёсии миллӣ, ки Пешвои миллат бо масъулияти баланд онро идома медиҳанд, имрӯз ба як унсури ҷудонашавандаи фарҳанги давлатдорӣ табдил ёфтааст.

Бо итминон метавон гуфт, ки Паёмҳои Сарвари давлат ба Маҷлиси Олӣ на танҳо дурнамои сиёсати давлатиро муайян месозанд, балки ҳамчун роҳнамо дар таърихи муосири тоҷикон нақши таърихӣ доранд. Онҳо заминаи таҳлили сиёсӣ, омӯзиши илмӣ ва амал дар сатҳҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа мебошанд.

Дар Паёмҳои ҳарсолаи Сарвари давлат соҳаи маориф ва илм мавқеи меҳварӣ дорад. Пешвои миллат ба ин ду самт таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, афзалиятҳои стратегӣ ва дурнамои рушди онҳоро пайваста таъкид менамоянд. Маориф ва илм дар Паёмҳо на танҳо ҳамчун бахшҳои инфрасохторӣ, балки ҳамчун пояҳои ташаккули тафаккури миллӣ, таҳкими арзишҳои маънавӣ ва неруи инсонӣ арзёбӣ мегарданд.

Муҳаққиқ ва сиёсатшинос С. Ятимов дар ин замина дуруст таъкид мекунад, ки **«дар ин ҳуҷҷати роҳнамо [Паём – Н. Н.], мавқеъ ва манзалати инсон, маданият ва маърифати ӯ тавассути мактабу маориф – хамирмояи ҷавҳари одамӣ дар шоҳроҳи андешаи миллӣ ва бунёди давлати миллӣ дар ҷойи аввал меистад»** [33, с.12].

Дар ҳақиқат, маърифати инсон, ки тавассути низоми маориф ташаккул меёбад, бунёду пояи андешаи миллӣ ва давлатдории миллӣ мебошад. Бидуни инсони соҳибмаърифат ва бофарҳанг, на миллат маънои воқеӣ меёбад ва на давлат метавонад пойдор монад. Инсонро бояд аз остонаи мактаб тарбия намуд, бо китобу дониш роҳашро равшан сохт ва бо фарҳанги миллӣ муҷаҳҳаз гардонид. Аз ин рӯ, Пешвои миллат бо масъулияти баланд таъкид менамоянд, ки **«Бунёди миллат аз маориф оғоз меёбад ва ғамхорӣ нисбат ба маориф – сармоягузорӣ барои рушди неруи инсонӣ ва ояндаи ободи давлат ва Ватан мебошад»** [26].

Бо дарназардошти аҳаммияти омӯзиши таҷрибаи солҳои гузашта, **истифодаи усули таърихӣ-муқоисавӣ ҳамчун як василаи муҳимми таҳқиқотӣ барои таҳлили амиқ ва арзёбии равандҳо, тамоюлҳо ва тағйироти сиёсати давлатӣ дар бахшҳои маориф ва илм шароити мусоид фароҳам меорад.** Ин усул имкон медиҳад, ки муҳтавои Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2000-2025 бо назардошти заминаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ислоҳоти марҳалавӣ мавриди муқоиса қарор дода шуда, самтҳои асосии сиёсати маориф ва илм дар раванди таҳаввули миллӣ муайян гарданд. Дар робита ба ин, муҳаққиқ ва сиёсатшинос С. Ятимов ба дурустӣ таъкид менамояд, ки **«боиси эътироф, эҳтиром ва қадршиносист, ки матни Паём дар чаҳорчӯбаи талаботи илмӣ, бо назардошти таҳаввулот ва дигаргунии мавзуъ омода гардида, нуктаҳои аслии он бо истифода аз методи муқоисавӣ-таърихӣ асоснок карда шудаанд»** [33, с. 7].

Воқеан ҳам, чунин таҳлил ба дарки амиқтари заминаҳо, дастовардҳо ва мушкилоти мавҷуда дар сиёсати давлатӣ мусоидат намуда, имкони воқеъбинона барои муайян кардани самтҳои афзалиятноки ислоҳоти минбаъда ва таъмини рушди устувор дар бахшҳои маориф ва илмро фароҳам месозад.

Бо такя ба муҳтавои Паёмҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ дар солҳои 2000 то 2025, раванди ташаккул ва такомули сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва илмро метавон шартан ба се марҳалаи муҳимму асосӣ ҷудо кард:

**1. Марҳалаи аввали ислоҳот (2000-2010)**. Марҳалаи таҳияи заминаҳои ибтидоии сиёсати маориф дар шароити истиқлолияти давлатӣ мебошад. Дар ин давра иқдомҳои аввалин дар самти ислоҳоти сохторӣ, танзими низоми таълим, таҷдиди муассисаҳои таълимӣ ва ҷустуҷӯи моделҳои миллии мутобиқ ба шароити нави таърихӣ андешида шуданд.

**2. Марҳалаи таҳкими сифат ва стандарт (2011-2020)**. Ин даҳсола давраи таҳия ва таҷдиди асосҳои меъёриву ҳуқуқиии низоми таҳсилот, ҷорӣ намудани стандартҳои давлатии таҳсилотӣ, такмили муҳтавои барномаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сатҳи касбияти омӯзгорон ва сифати раванди таълим бо такя ба арзишҳои миллӣ ва ниёзҳои ҷомеаи муосир ба ҳисоб меравад.

**3. Марҳалаи рақамикунонӣ ва инноватсия (2021-2025)**. Марҳалаи мутобиқсозии низоми маориф ва илм ба талаботи иқтисоди рақамӣ ва ҷомеаи иттилоотӣ мебошад. Дар ин фосила, равандҳои ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ, рушди таҳсилоти фосилавӣ, такмили инфрасохторҳои рақамӣ ва ташкили муҳити мусоиди таҳқиқоти илмӣ ва навоварӣ ба марҳалаи сифатан нав ворид гардиданд.

## МАРҲАЛАИ ИСЛОҲОТ

Ислоҳоти соҳаи маориф ва илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ибтидои солҳои 2000-ум оғоз ёфтаанд, ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иҷтимоии давлат баррасӣ мешаванд. Ин

марҳалаи таърихӣ, ки солҳои 2000-2010-ро фаро мегирад, асосан, ба барқарорсозии низоми маориф, таҳкими инфрасохтори таълимӣ ва гузоштани заминаи мустаҳками ислоҳоти стратегӣ равона гардидааст. Дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ ин раванд ҳамчун яке аз афзалиятҳои муҳимтарини сиёсати давлатӣ шомил шудааст. Ҳадафи асосӣ аз ин навсозӣ мутобиқ кардани низоми миллии маориф ба талаботи замони муосир ва шароити нави иҷтимоию иқтисодӣ буд.

Пас аз солҳои пурталотум ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ соҳаи маориф дар ҳолати буҳронӣ қарор гирифт. Дар бисёре аз минтақаҳои ҷумҳурӣ муассисаҳои таълимӣ валангор шуданд, омӯзгорони соҳибихтисос тарки касб карданд ва дастрасӣ ба таҳсил коҳиш ёфт. Аз ин рӯ, аз ибтидои солҳои 2000-ум зарурати амалӣ кардани ислоҳоти фарогир ва муассир дар соҳаи маориф ба миён омад. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ таъкид шудааст: **«Имрӯз аз 100 ҳазор омӯзгор камтар аз 62 ҳазор нафарашон маълумоти олӣ доранд. Дар бисёр мактабҳо на танҳо омӯзгорони фанҳои физикаю математика, забонҳои русӣ ва англисӣ, балки омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик низ ба андозаи зарурӣ вуҷуд надоранд. Ҳарчанд Ҳукумат барои барқарорсозии инфрасохтори мактабҳои миёна, сохтмон ва ҷиҳозонидани синфхонаҳо бо ёриҳои башардӯстона миллионҳо доллар харҷ кардааст, ҳолати муассисаҳо ҳанӯз дар сатҳи зарурӣ нест»** [11].

Дар ин марҳала таваҷҷуҳи асосӣ ба барқарорсозии инфрасохтори соҳаи маориф равона гардид. Дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус, солҳои 2005, 2008 ва 2010 таъкид мешавад, ки пас аз давраи бесуботии сиёсӣ ва иқтисодӣ, фароҳам овардани муҳити мусоиди таълимӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва таҳкими заминаҳои моддӣ ва техникии онҳо яке аз вазифаҳои муҳимтарини соҳа мебошад. Ҳамзамон, ҳавасмандсозии омӯзгорон ва беҳтар кардани вазъи иҷтимоиву касбии онҳо ҳамчун омили калидӣ дар баланд бардоштани сифати таълим мавқеи хос пайдо намуд. **«Ҳукумати Тоҷикистон илму маорифро ҳамчун захираҳои стратегии пешрафти кишвар арзёбӣ мекунад ва барои баланд бардоштани маърифатнокии аҳолӣ ва беҳтар кардани вазъи иҷтимоии кормандони соҳаи илму маориф мунтазам тадбирҳои зарурӣ меандешад. Аз моҳи январи соли 2005 то имрӯз музди меҳнати кормандони соҳаи илм 100 фоиз ва маоши омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти умумӣ 70 фоиз афзоиш ёфтааст, китобҳои дарсӣ бо сифати баланд нашр шудаанд, корҳои сохтмон ва таъмири мактабҳо густариш ёфтаанд ва муассисаҳо бо лавозимоти зарурӣ ва компютерҳо таъмин гардидаанд. Ин иқдомҳо барои фароҳам овардани шароити мусоид ба таълиму тарбияи самарабахши насли наврас замина мегузоранд»** [12].

Бо такя ба ҳидоят ва дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти ислоҳоти соҳаи маориф, махсусан, таҳкими заминаҳои ҳуқуқӣ ва меъёрии он, як қатор ҳуҷҷатҳои муҳимми стратегӣ таҳия ва ба тасвиб расиданд. Ин санадҳо ба рушди соҳа ва мутобиқсозии низоми таҳсилот ба талаботи замон мусоидат намуданд. **«Таҳия ва мавриди қабул қарор ёфтани ҳуҷҷтҳои меъёрии соҳаи маориф дар давоми 20 сол яке аз муваффақиятҳои Истиқлолият мебошад. Дар ин муддат барои ба танзим даровардани фаъолияти муассисаҳои таълимӣ зиёда аз 400 санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҷдиди назар, таҳия ва тасдиқ гардиданд»** [30, с. 172].

Бо мақсади мутобиқ намудани қоидаву танзимоти соҳаи маориф ба равандҳои нави иҷтимоӣ ва таълимӣ, аз ҷумла, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» дар солҳои 2004, 2005, 2006, 2008, 2009 ва 2010 шаш маротиба тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд. Тағйирот ба масъалаҳои танзими идоракунии муассисаҳои таълимӣ, муайянсозии масъулияти ҷонибҳо дар раванди таълиму тарбия, инчунин, тақвияти мақоми омӯзгор нигаронида шуда буданд.

Ҳамзамон, таҳия ва тасдиқи як қатор ҳуҷҷатҳои муҳимми сиёсӣ ва меъёрии соҳа, аз ҷумла, **Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти давлатии таҳсилот, Низомномаҳои намунавии муассисаҳои таълимии таҳсилоти томактабӣ, умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёна ва олии касбӣ** ва қабули як силсила барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳо ба татбиқи амалии ислоҳоти низомӣ дар соҳаи маориф такони ҷиддӣ бахшиданд. Аз ҷумла:

- Барномаи давлатии рушди соҳаи тарбияи томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010;
- Барномаи компютеркунонии мактабҳои маълумоти умумии асосӣ ва миёна барои солҳои 2003-2007;

- Барномаи давлатии такмили забономӯзии забонҳои русӣ ва англисӣ барои солҳои 2004-2014;

- Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ барои солҳои 2005-2010;

- Стратегияи миллии рушди соҳаи маориф барои солҳои 2006-2015;

- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.05.2006 «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон»;

- Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.02.2006 оид ба таъсиси «Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф»;

- Барномаи компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои солҳои 2008-2010;

- Барномаи давлатии таҳия ва нашри китобҳои дарсӣ барои солҳои 2007-2010;

- Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015;

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Парки технологӣ»;

- Барномаи давлатии сохтмон, таъмир ва азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008-2015, ки дар хонаҳои шахсӣ, вагонхонаҳо, биноҳои маъмурӣ ва ҷойҳои ҷамъиятӣ фаъолият доранд;

- Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ барои солҳои 2008-2015;

- Барномаи давлатии рушди таҳсилоти олии касбӣ барои солҳои 2008-2015.

Ин иқдомҳо шароити зарурии ҳуқуқӣ, ташкиливу молиявиро барои амалисозии ислоҳоти куллӣ дар низоми маориф ва илм фароҳам оварданд ва заминаи устуворро барои рушди минбаъдаи соҳа гузоштанд.

Дар доираи татбиқи ҳадафҳои стратегии давлатӣ, маблағгузорӣ ба соҳаҳои маориф ва илм пайваста афзоиш ёфтааст. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олӣ таъкид намудаанд: **«Ҳаҷми маблағгузории давлатии соҳа дар давоми ҳафт соли охир қариб сездаҳ маротиба афзудааст, ки ин беш аз чоруним фоизи маҷмуи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад. Танҳо дар панҷ соли охир барои рушди соҳаи маориф беш аз 1 миллиарду 600 миллион сомонӣ сарф шудааст. Маблағгузории соҳа аз тамоми манбаъҳо дар соли ҷорӣ зиёда аз 690 миллион сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли гузашта 40 фоиз зиёд мебошад. Ҳоло дар соҳаи маориф 7 лоиҳаи сармоягузории хориҷӣ ба маблағи умумии 250 миллион сомонӣ амалӣ шуда истодааст. Танҳо дар соли 2007 ва семоҳаи аввали соли 2008 дар доираи ин лоиҳаҳо 230 муассисаи таълимӣ бунёд ва таъмиру таҷдид гардид. Ислоҳоти сохтори идоракунӣ ва низоми маблағгузории соҳа, таҳияи нақшаву барномаҳои нави таълимӣ, интишори китобҳои дарсӣ, бунёди мактабҳо, литсейҳо ва гимназияҳои муосир, инчунин таҷдид ва бо таҷҳизоти замонавӣ таъмин намудани муассисаҳои мавҷуда, шароити мусоидро барои рушди соҳаи маориф фароҳам овардаанд»** [14].

Яке аз масъалаҳои муҳимми дар ин марҳала ба миёномада, омодасозии кадрҳои омӯзгорӣ буд, ки ҳамчун рукни асосии низоми таълим аҳаммияти махсус пайдо кард. Норасоии омӯзгорони тахассусманд, хусусан дар муассисаҳои таҳсилоти умумии минтақаҳои дурдаст, ба яке аз мушкилоти ҷиддии соҳа мубаддал гашт. Бо дарназардошти ин вазъ, Роҳбари давлат дар Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олӣ (солҳои 2004-2005) ба зарурати ислоҳоти кадрӣ ва баланд бардоштани сифати тайёр намудани мутахассисони соҳаи маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуданд. **«Тарбияи кадрҳо, хусусан, барои соҳаи маориф, таъмини сифати таҳсил ва сатҳи баланди дониш, дуруст ҷобаҷо намудани мутахассисони ҷавон ва фароҳам овардани шароити муносиби корӣ барои онҳо, пеш аз ҳама дар деҳот, аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарин ба ҳисоб мераванд, ки бояд ҳамеша дар маркази диққати Вазорати маориф ва ҳукуматҳои маҳаллӣ қарор дошта бошанд»** [12].

Бо дарназардошти ин супоришҳо, соли 2005 Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ барои солҳои 2005-2010 қабул гардид. Ин барнома ҳамчун як санади муҳим ва заминаи сиёсати кадрӣ дар соҳаи маориф нақши муассир бозида, ба беҳтар шудани омодасозии кадрҳо ва таъмини муассисаҳои таълимӣ бо мутахассисони соҳибтахассус замина гузошт.

Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ барои солҳои 2005-2010 дар заминаи таҳлили ниёзҳои воқеии кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таҳия гардид. Ҳадафи асосии он таъмини муассисаҳои таълимӣ бо омӯзгорони соҳибихтисос, коҳиш додани нобаробарии сатҳи таълим миёни минтақаҳои шаҳрӣ ва деҳот, инчунин, баланд бардоштани сифати таҳсилот буд.

Дар натиҷаи татбиқи ин барнома як қатор нишондиҳандаҳои мусбат ба даст омаданд. То соли 2010 аксари муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо омӯзгорони дорои тахассуси зарурӣ таъмин гардиданд. Дар муқоиса бо соли 2004, шумораи духтарони аз деҳот ба муассисаҳои таҳсилоти олии равияи омӯзгорӣ ҷалбшуда ба таври назаррас афзоиш ёфт. Барои рафъи мушкили норасоии кадрӣ дар минтақаҳои камнуфус ва дурдаст, таъсиси квотаҳои Президентӣ нақши муассир бозид. Ин иқдом ба ҷавонони лаёқатманд, бахусус, духтарони деҳот имконият фароҳам овард, ки таҳсилро дар равияҳои омӯзгорӣ идома диҳанд.

Бо вуҷуди пешрафтҳо, мушкили нарасидани кадрҳои соҳибтахассус пурра ҳал нашуд. Ба гуфти муҳаққиқон: **«Дар оғози соли таҳсили 2002-2003 дар муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар 7 ҳазору 542 нафар омӯзгор намерасид. Тадбирҳои амалӣ шуда тавонистанд то андозае ба ҳалли масъала мусоидат намоянд ва ин рақам то ба 2 ҳазору 969 нафар коҳиш дода шуд»** [7, с. 32].

Бо назардошти натиҷаҳо ва ниёзҳои боқимонда, марҳалаи дуюми Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ барои солҳои 2011-2016 қабул гардид. Ин барнома ба таҳкими низоми омодасозии кадрҳо ва беҳтар кардани сифати таълим дар тамоми зинаҳои таҳсилот таъсири мусбат расонид.

Яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол, дастгирии кадрҳои ҷавон дар соҳаи маориф ва ҷалби устувори онҳо ба фаъолиятҳои касбӣ дар муассисаҳои таълимӣ, хусусан, дар минтақаҳои дурдасту кӯҳистон мебошад. Дар ин замина, бо ташаббус ва роҳнамоии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, тадбирҳои мушаххаси ҳавасмандсозӣ ва пуштибонии иҷтимоӣ амалӣ гардиданд, ки мақсади онҳо таҳкими иқтидори кадрии низоми маориф ва тақвияти нуфузи касби омӯзгорӣ буд.

Санади дигари муҳимми амалигардида дар ин самт, **қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2006 «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон»** мебошад. Тибқи ин қарор, омӯзгорони ҷавоне, ки соҳиби маълумоти олии касбӣ буда, ба фаъолият дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҷалб шудаанд, дар се соли аввал аз як қатор имтиёзҳои иҷтимоиву иқтисодӣ бархӯрдор гардиданд. Ин имтиёзҳо чунинанд: додани қитъаи замин барои сохтмони манзили истиқоматӣ бидуни навбат; ҷудо намудани қитъаҳои замин барои боғдориву полезкорӣ (дар минтақаҳои кӯҳӣ – вобаста ба имконияти мақомоти маҳаллӣ); пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок барои харидории чорвои калони шохдори ширдеҳ ё таъсиси оилаҳои занбӯри асал. **«Дар муддати 8 соли амалишавии қарори мазкур 4 ҳазору 608 нафар омӯзгори ҷавон аз ин имтиёзҳо истифода бурдаанд. Аз ҷумла 2 ҳазору 792 нафар бо замини наздиҳавлӣ, 514 нафар бо замини полезкорӣ ва боғдорӣ таъмин карда шуда, 1302 нафар қарзи имтиёзнок гирифтанд»** [7, с. 35].

Ҳамзамон, бо мақсади боло бурдани мақоми иҷтимоии омӯзгор ва қадршиносии саҳми онҳо дар рушди маърифат, **Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 феврали соли 2006 оид ба таъсиси «Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф»** низ қабул гардид. Тибқи ин санад, ҷоиза ба 5 нафар омӯзгори беҳтарин дода шуда, ҳаҷми он **2000 доллари ИМА**-ро ташкил медиҳад. Ҷоиза дар ду сол як маротиба супурда мешавад ва он на танҳо як шакли қадрдонӣ, балки воситаи муассири рӯҳбаландсозӣ ва ҳавасмандгардонии омӯзгорон маҳсуб меёбад.

Иқдомҳои зикршуда ба баланд бардоштани нуфузи касби омӯзгорӣ, ҷалби ҷавонони лаёқатманд ба муассисаҳои таълимӣ ва бартарафсозии нобаробарии таълимӣ байни шаҳр ва деҳот мусоидат намуданд. Бо вуҷуди муваффақиятҳо, мушкилоти марбут ба норасоии кадрҳои тахассусманд дар баъзе минтақаҳо боқӣ монда, зарурати таҳкими минбаъдаи сиёсати кадрӣ ва пуштибонии иҷтимоиро ба миён гузоштааст. Вобаста ба ин, **«вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, маориф ва илм, роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, инчунин дигар мақомоти давлатӣ вазифадор карда мешаванд, ки то соли 2018 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро бо омӯзгорони сатҳи баланди касбӣ пурра таъмин карда, ба Ҳукумат ҷиҳати тайёр кардани мутахассисони дигар соҳаҳо пешниҳод манзур намоянд»** [21].

Дар даҳсолаи аввали асри XXI омӯзиши забонҳои хориҷӣ, бахусус, забонҳои русӣ ва англисӣ, ба унсури калидии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфт. Ин раванд дар заминаи зарурати ҳамгироӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, рушди захираҳои инсонӣ ва мутобиқшавӣ ба фазои иттилоотии муосир ташаккул ёфт.

Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ омӯзиши забонҳои хориҷиро дар меҳвари сиёсати маориф қарор дода, барои татбиқи амалии он заминаҳои барномавӣ ва меъёрии заруриро фароҳам оварданд. Ба таъкиди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, **«зиндагии оянда аз наслҳои нав саводу маърифати баланд, ҷаҳонбинии васеъ, дониши амиқ, донистани техникаву технологияи навтарин ва забондониро ба таври қатъӣ талаб мекунад»** [4]. Маҳз бо дарназардошти чунин ниёзмандӣ, бо мақсади густариши омӯзиши забонҳои хориҷӣ, пеш аз ҳама, русӣ ва англисӣ, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид.

Мақомоти дахлдори соҳаи маориф, муассисаҳои таълимӣ ва сохторҳои марбут ба таълиму тарбияи насли наврас вазифадор шуданд, ки иҷрои муқаррароти ин фармонро ба таври ҳатмӣ ва пайгирона таъмин намоянд. Тавре дар Паёми Президенти кишвар зикр шудааст: **«Бори дигар таъкид менамоям, ки бе надонистани якчанд забони хориҷӣ роҳи наслҳои оянда ба сӯи пешрафт баста мегардад»** [4].

Аз андешаҳои Роҳбари давлат бармеоянд, ки омӯзиши забонҳои хориҷӣ на танҳо ҷузъи муҳимми барномаҳои таълимӣ, балки омили таҳкими савияи фарҳангӣ, илмию зеҳнӣ ва рақобатпазирии шаҳрвандон дар бозори меҳнати дохилию байналмилалӣ маҳсуб меёбад. Дар Паёми дигар, Сарвари давлат таъкид менамоянд: **«Омӯзиши ҳатмии забонҳои хориҷӣ, пеш аз ҳама, русӣ ва англисӣ, аз ҷумлаи равандҳое мебошад, ки бояд таҳти назорати доимӣ қарор дошта бошанд. Дар ҷаҳони имрӯза забондонӣ ва малакаи кор бо техникаи компютерӣ ба яке аз меъёрҳои асосии интихоби кадрҳо табдил ёфтааст. Ҳоло вақти он расидааст, ки мо низ ин меъёрро дар ҷомеаи худ татбиқ намоем. Албатта, ҳалли ин масъала кори якрӯза нест ва он бояд оқилона, дурбинона ва тадриҷан амалӣ гардад»** [16].

Бо дарназардошти чунин дидгоҳи стратегӣ, Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ барои солҳои 2004-2014 таҳия ва тасдиқ гардид. Ин барнома омӯзиши забонҳоро дар тамоми зинаҳои таҳсилот тақвият бахшида, имкониятҳои амалии забономӯзиро тавсеа дод. Ҳамзамон, барнома ба самтҳои зерин таваҷҷуҳи хос зоҳир намуд: бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорони забонҳои хориҷӣ; таъмини муассисаҳои таълимӣ бо китобу маводи муосири таълимӣ ва воситаҳои техникии нав; таъсиси марказҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар минтақаҳо; мусоидат ба воридсозии технологияҳои иттилоотӣ ба равандҳои таълимӣ. Ба ҳамин тартиб, ин иқдомҳо ба рушди устувори забономӯзӣ дар кишвар мусоидат намуда, заминаи муҳим барои омода кардани кадрҳои рақобатпазир дар шароити ҷаҳонишавӣ фароҳам сохтанд. **«Ҷиҳати татбиқи амалии ин Барномаи давлатӣ Вазорати маориф як қатор чораҳои судманд андешида, дар нақшаи таълимии мактабҳои таҳсилоти умумӣ миқдори соатҳоро барои омӯзиши забони русӣ аз 22 ба 25 соат дар як ҳафта расонид. Ҳоло дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ аз синфи 2 то 11 фанни забони русӣ ва аз синфи 3 то 11 фанни забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забони англисӣ таълим дода мешавад»** [30, с. 120].

Дар зинаи таҳсилоти касбӣ низ барои татбиқи амалии барномаи мазкур як қатор чораҳои судманд андешида шуд. Аз ҷумла, **«дар нақшаи таълимӣ аз ҳисоби соатҳои захиравӣ 80 соат барои омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ илова карда шуд. Бо назардошти ин дар блоки якуми нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ фанни забони русӣ ва забонҳои хориҷӣ ҳамчун фанҳои ҳатмӣ дохил карда шуданд»** [7, с. 35]

Бо мақсади боз ҳам тақвият бахшидан ба сатҳи таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ, марҳалаи дуюми амалисозии Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши ин забонҳо дар муассисаҳои таълимии кишвар барои солҳои 2015-2020 қабул ва татбиқ гардид. Бо вуҷуди андешидани тадбирҳои муайян, натиҷаҳои бадастомада ҷавобгӯйи талабот ва интизориҳои Сарвари давлат нестанд. Дар ин замина, дар суханронии Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид шудааст: **«Ҳоло марҳалаи сеюми амалисозии Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 оғоз ёфтааст, вале то имрӯз дар ин самт пешрафти назаррас ба мушоҳида намерасад. Масалан, норасоии омӯзгорони фанҳои забони русӣ ва англисӣ дар бисёре аз ноҳияҳои дурдаст яке аз мушкилоти ҷиддӣ ба ҳисоб меравад»** [2].

Ин изҳорот нишон медиҳад, ки барои расидан ба ҳадафҳои дарозмуддати Барномаи давлатии мазкур зарурати андешидани чораҳои иловагӣ, аз ҷумла, ҷалби кадрҳои соҳибихтисос, ташкили курсҳои такмили ихтисос, истифодаи самараноки технологияҳои рақамӣ ва таҳияи маводи таълимии муосир хеле муҳим мебошад.

**(Идома дорад)**



Шаҳбоз КАБИР – доктори илми филология, профессор

# САЙРЕ ДАР ОЛАМИ ПУРАСРОРИ ЗАБОН

**Таърих ва сарнавишти забонҳои ҷаҳон басо аҷибу ғариб аст. Дар ҳар як забон таърих ва саргузашти ҳамон халқу миллат нуҳуфта ва ҳифз шудааст. Аз ҳамин лиҳоз, бидуни фарогирии таърихи зуҳури забон ва раванди инкишофи мусалсали он наметавон ҳақиқати мусалламро оид ба таърихи халқу миллат манзур намуд. Забонҳо дар раванди мавҷудияти худ тағйироту таҳаввулот ва падидаҳои гуногуни забониро сипарӣ намудаанд, ки ин раванд ба ивазшавии сохтор ё худ низоми сохторҳо сабаб шудааст.**

Бадалшавии низоми забон падидаи нодиру печида ва камназир буда, забони куҳанбунёди мо дар раванди се марҳалаи (давраи) инкишофи таърихии худ ба ин падидаи мураккабу буғранҷ мувоҷеҳ гардида, сохтори флективиаш ба сохтори аналитикӣ тағйир кард. Ин раванд хеле ҷолибу мураккаб буда, тибқи андешаи шарқшиноси маъруф С. Н. Соколов (айнан): «В ходе развития языка и разложения системы флексий удареный гласный становился последним гласным слова, остальные исчезали... Но вообще вопрос о падежной форме имён, служащей исходом для дальнейшего развития, неясен, и требует особого исследования» [16, с. 245].

Воқеан, масъалаи мазкур таҳқиқу таҳлили амиқу алоҳидаро тақозо мекунад, вале, мутаассифона, имрӯз дар забоншиносии тоҷик мутахассисе надорем, ки се давраи инкишофи таърихии забонамон (махсусан, давраи бостон ва миёна)-ро ба таври зарурӣ ва кофӣ фаро гирифта бошад ва тақозои замон аст, ки дар ин самт мутахассис тайёр намуд... Дар иртибот ба масъалаи бадалшавии сохтори забонамон инҷониб дар мақолаи зер мухтасаран фикру андешаҳои хешро баён намудам, ки шояд аз саҳву иштибоҳот орӣ набошанд ва ин тараф қазоват аз шумост.

**Назаре ба раванди бадалшавии забони тоҷикӣ аз сохтори флективӣ ба сохтори аналитикӣ**

Муҳаққиқони забоншиносии иҷтимоӣ (сотсиолингвистика) шумораи забонҳои ҷаҳонро тақрибан беш аз ҳафт ҳазор қайд намудаанд. Азбаски ҷомеаи инсонӣ пайваста дар ҳолати рушду инкишоф ва ташаккулу таҳаввул қарор дорад, дар ин раванд, забон низ чун падидаи иҷтимоӣ аз



гирудор ва растохези ин раванд мустасно набуда, шарику ҳамқадами замон ва ҳаёти иҷтимоӣ мебошад. Дар масири таърих, вобаста ба омилҳои сиёсиву иҷтимоӣ, иқтисодиву фарҳангӣ ва ҷуғрофиву рақобатҳои забонӣ, силсилаи забонҳои хурду камнуфус аз байн рафта, ба ҳукми забонҳои мурда (хомӯш – истилоҳи эрониён) шомил шуданд, ки ин вазъ мусалсал сурат гирифта ва ин раванди бардавом боис шудааст, ки шумораи забонҳои ҷаҳонро дақиқан ва собит муқаррар намоянд.

Қобили зикр аст, ки гурӯҳбандии забонҳои ҷаҳон аз асри XVIII оғоз гардида, чун дар он марҳала тамоми забонҳои ҷаҳон ба пурраги омӯхта ва хусусиятҳои забонии онҳо таҳқиқ нашуда буданд, аз ҳамин лиҳоз, таснифоти забонҳо на бар асоси вижагиҳои забонӣ, балки бар пояи мавқеияти ҷуғрофӣ сурат гирифта, онҳоро бо назардошти панҷ қитъа: забонҳои Аврупо, Осиё, Африқо, Амрико ва Австролиё ҷудо карда

буданд. Мусаллам аст, ки дар ҳолати ба асоси мавқеияти ҷуғрофӣ гурӯҳбандии забонҳо, вижагиҳои забонӣ сарфи назар шуда, муайян ва муқаррар намудани қаробату хешигарии забонҳо дар канор мемонад. Ҳамчунин, воқеист, ки дар ҳар як қитъа метавон забонҳои мухталифсохту гуногунрешаро ба мушоҳида гирифт. Бинобар ин, гурӯҳбандии забонҳои ҷаҳон бар асоси ҳудуди интишори онҳо, вижагиҳои бумӣ ва қитъаҳо асос ва бунёди илмӣ пайдо карда натавонист. Ҳамзамон, бояд зикр намуд, ки дар мавриди муқаррар намудани хешигарӣ ва ҳамрешагии забонҳо асос ва маҳаки ҷавҳари таҳқиқ ҳатман бояд дар заминаи воҳидҳои асили забон чун вожаҳои решагӣ ва қолабҳои асили забон сурат гирад, вожаву унсурҳои иқтибосӣ сарфи назар карда шаванд. Масалан, дар забонҳои мардумони бумии тамоми кишварҳо ва минтақаҳое, ки ислом зуҳур кард ва интишор ёфт, вожаҳои зиёди арабӣ ворид шуданд ва дар ин росто забони тоҷикӣ, ки аз забонҳои маъмултарин ва густурдатарини Осиё буд, вожаву таркибҳои фаровонеро аз забони арабӣ иқтибос гирифт ва то ба имрӯз калимаҳои зиёди арабӣ дар забони тоҷикӣ маъмул ва мустаъмаланд. Албатта, чунин вожаҳои иқтибосии арабӣ далел шуда наметавонанд, ки забони тоҷикӣ ва забони арабӣ ба як оила мансуб доншта бошанд.

Чун дар асри XIX забоншиносӣ ба сифати илми мустақил эътироф гардид, омӯзиш ва таҳқиқи вижагиҳои забонҳо бештару ҷиддитар сурат гирифт. Дар мавриди муайян ва муқаррар намудани умумияту хешигарии забонҳо ва сохтори онҳо тавассути корбурди равиши муқоисавӣ-таърихӣ, ки бунёдгузорони он Расмус Раск ва Франс Бопп эътироф шудаанд, дастовардҳои назаррас ва дақиқ рӯйи кор омада, ба олимон муяссар шуд, ки забонҳои ҷаҳонро аз ду ҷиҳат ба тариқи зайл тасниф намоянд:

I. Таснифоти генеологии забонҳо. Дар ин доира забонҳо аз лиҳози қаробату хешигарӣ ва муштаракоти забонӣ гурӯҳбандӣ ва бад-ин васила оилаҳои забонҳо (шаҷара, ҳамнажодии забонҳо) мушаххас ва муқаррар карда шуд. Дар равиши таҳқиқу тасниф маъмулан решаҳои умумии забонҳои хеш бо такя бар вожагоне сурат мегирад, ки решаҳои умумӣ ва баромади умумии таърихӣ дошта, архетипҳои умумӣ доранд.

II. Таснифоти типологӣ ё худ морфологии забонҳо.

Маъмулан таснифоти типологии забонҳо аз рӯйи хусусиятҳои зерин анҷом дода мешавад: фонетикӣ (савтӣ); морфологӣ (сарфӣ); синтаксисӣ (наҳвӣ).

Муҳаққиқон сохтори калимаҳоро мадди назар гирифта, ба асоси умумияту қаробат ва тарзи ташаккули вожаҳо, ҳамчунин дарёфти типҳо ва қолабҳои умумии грамматикӣ забонҳои ҷаҳонро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудаанд:

1. Забонҳои аморфӣ ё ғайритасрифӣ. Ба ин гурӯҳ забонҳои хитоӣ, тибетӣ, бирмагӣ, ветнамӣ ва теъдоди зиёди забонҳои ҷануби шарқии Осиё мансуб мебошанд. Дар забонҳои гурӯҳи аморфӣ вожаҳо ба тағйирот дучор нашуда, таҳаввулоти морфологӣ ва сохторӣ надоранд, робитаи наҳвии вожаҳо дар ҷумла аз рӯйи ҷояшон сурат мегирад. Забонҳои аморфиро ҳамчунин, забонҳои решагӣ низ меноманд, ки дар он калима дар қолаби пешина ва решагии худ ҳифз мешавад ва дар ҳамон шакли устувор мавриди истифода қарор мегирад.

2. Забонҳои агглюнативӣ. Забонҳои туркӣ, муғулӣ, уйғурӣ, банту ва дигар забонҳои ба онҳо хеш шомили ин гурӯҳанд. Дар ин забонҳо нақши вандҳо назаррас буда, дар ташаккули вожаҳо ҳудуди вандҳои шаклсозу маъносоз равшан маълум мегардад. Ба таъбири умумӣ ин забонҳоро забонҳои часпанда низ меноманд, зеро яке аз хусусияти назарраси ин забонҳо чунин аст, ки вандҳо пайиҳам ва бо теъдоди зиёд дунболи ҳам часпида меоянд ва баробари часпидани ҳар як ванд воҳиди забон тағйири маъно мекунад.

3. Забонҳои флективӣ. Ба ин гурӯҳ забонҳои славянӣ, балтикӣ, сомӣ ва баъзе забонҳои бостонии ҳиндуаврупоӣ тааллуқ доранд Хусусияти фарққунандаи ин забонҳо чунин аст, ки воҳидҳои забонӣ, ва махсусан, вожагон аз нигоҳи морфологӣ қолабҳои гуногунро касб мекунанд ва дар ин асно маъно ва вазифаҳои грамматикии онҳо дигаргун мешавад. Ин аломат ба чандирӣ ва гунапазирӣ ҳамон як қолаби калимаро дар забон муаррифӣ менамояд ва ин имконияти таҳаввулоти маъноӣ, ифоданокӣ ва сервазифагии вожагонро нишон медиҳад. [2, с. 317-318].

Забоншинос М. А. Журинская гурӯҳи чорумро забонҳои инкорпоративӣ ё полисинтетикӣ унвон дода, забони чукотӣ ва дигар забонҳои минтақаи Камчатка ва ҳиндувони Амрикои Шимолиро ба ин гурӯҳ мансуб дониста, мавқеи хос доштани феълро дар ин забонҳо қайд менамояд [4, с. 511]. Дар ин забонҳо тавассути ҳамон як феъл ва тағйир ёфтани шакли он ифодаи амал, соҳиби амал ва таъсири амалро ба объекти мушаххас ифода кардан мумкин аст.

Илова бар ин, муҳаққиқон бо такя ба хусусиятҳои типологӣ ва махсусан, аз нигоҳи имконият ва тарзи ифодаи фикр забонҳоро боз ба гунаҳои муайян ҷудо кардаанд. Вобаста ба корбурди воситаҳои грамматикӣ муҳаққиқон забонҳоро ба ду гурӯҳ – синтетикӣ ва аналитикӣ ҷудо намудаанд. Тавре ки қаблан зикр шуд, муҳаққиқ М. А. Журинская забонҳои инкорпоративиро ҳамчун гурӯҳи алоҳида ва ба истилоҳи полисинтетикӣ қайд намудааст [4, с. 511].

Дар гурӯҳи забонҳои синтетикӣ маънои грамматикӣ ва робитаи байни калимаҳо тавассути флексия ва вандҳои шаклсоз сурат гирифта, аз ҷумла, забони бостонии ҳиндуаврупоӣ ва забонҳои славяниву сомӣ ба ин гурӯҳ мансубанд. Ба гурӯҳи забонҳои аналитикӣ забонҳои англисӣ, фаронсавӣ, ҳиндӣ, тоҷикӣ, булғорӣ ва боз чандин забонҳои дигар шомил буда, воситаи асосии грамматикӣ дар забонҳои ин гурӯҳ пешояндҳову пасоянд, пайвандакҳо, феълҳои ёридиҳанда, ҳиссачаҳо, тартиби калима ва падидаҳои савтӣ маҳсуб мешаванд [11, с. 170-171]. Албатта, дар мавриди муқаррар кардани вижагиҳои забонҳо баъзан умумият ва муштаракоти байни забонҳои ин гурӯҳҳо ба назар мерасад. Дар чунин ҳолат нисбат ба забонҳои сохтори муштаракдошта меъёри бартарият ва афзалияти воситаҳои алоқа ба назар гирифта мешавад, яъне кадом вижагӣ бештару назаррас бошад, ба ҳамон гурӯҳи мувофиқ мансуб дониста мешавад.

Тавре зикр шуд, дар ҳамин замина забонҳои бостонии ҳиндуаврупоӣ синтетикӣ буда, аз ҷумла, забонҳои эронии бостон (забони форсии қадим, давраи салтанати империяи Ҳахоманишиҳо бо расмулхатти мехӣ), ки ба ҳамин оила тааллуқ доранд, ба гурӯҳи забонҳои синтетикӣ мансуб буда, аммо забони тоҷикии муосир, ки мустақиман идомаи забонҳои форсии қадим ва миёна мебошад, имрӯз дорои сохтори аналитикӣ эътироф шудааст. Нуктаи муҳим дар ин маврид ҳамин аст, ки дар раванди инкишофи тӯлонии худ забони тоҷикӣ чӣ тавр аз сохтори флективӣ, ки дар даврони қадим дошт, бо гузашти замон ба сохтори аналитикӣ табдил ёфт?

Ин раванд басо қобили таваҷҷуҳ буда, муҳаққиқон ба ин масъала диққати бештар додаанд. Аз ин лиҳоз, вобаста ба ин раванд назарҳои гуногун ҷой дошта бошанд ҳам, ба андешаи инҷониб, дар баробари таҳаввулот дар низоми савтӣ, ки баъдтар ба онҳо ишора хоҳем кард, таҳаввулоти асосӣ ба задаи таърихӣ вобаста мебошад. Тавре ки муҳаққиқони таърихи забон муқаррар намудаанд, забони форсии қадим дар ибтидо 8 падеж (ҳолат)-ро доро буда, дар эроншиносӣ онҳоро ба таври зайл зикр намудаанд: Nom. – Nominativus; Gen. – Genetivus; Acc. – Accusativus; Dat. – Dativus; Ab1. – Ablativus; Inst. – Instrumentalis; Loc. – Locativus; Voc. – Vocativus [15, с.189].

Забоншинос Р. Х. Додихудоев оид ба ин падежҳо ё худ ҳолатҳо маълумот ироа намуда, 7 ҳолатро (ба истисноии Vocativ) қайд намудааст [3, с.12]. Забоншиноси шаҳир С. Н. Соколов низ корбурди 7 ҳолатро дар забони форсии қадим зикр кардааст [16, с.247]. Мавсуф менигорад, ки дар забони форсии қадим задаи таърихӣ мустаъмал буда ва задаи мазкур агар аз охири вожа ҳиҷои дуюм дароз бошад, дар ҳамон ҳиҷо ва агар кӯтоҳ бошад, дар ҳиҷои сеюм аз охири калима меафтад [16, с. 245].

Зимнан, бояд гуфт, ки устувории ҷойи зада дар ҳиҷои охири калимаҳо (ба истиснои пешвандҳои феълсоз ва қисме аз зарфҳо) дар забони тоҷикӣ низ маҳз ба ҳамин задаи таърихӣ вобаста мебошад. Он ҳисса ё унсурҳое, ки, асосан, анҷомаҳои падежҳо маҳсуб мешуданд, тадриҷан маҳдуд ва таназзул ёфта, аз байн мераванд. Дар ин раванд то давраи миёна қисме аз ҳолатҳо омезиш ёфтаву маҳдуд гардида ва то оғози давраи нав, ба ҷуз ҳолати номинатив (именителни), дигар ҳолатҳо таназзул ёфта, тадриҷан аз байн мераванд. Дар забони адабии муосири тоҷикӣ алҳол вожаҳо дар ҳолат (падеж)-и номинатив қарор доранд. Зимнан, ишора намудан бамаврид аст, ки дар забонҳои эронии гурӯҳи шарқӣ ҳанӯз ҳам унсурҳои ҷудогонаи сохтори флективӣ ба назар мерасанд...

Ин раванд боиси он мешавад, ки анҷомаҳои падежҳо, ки баъди задаи таърихӣ қарор доштанд, ихтисор шуда ва он вазифаҳои луғавию грамматикӣ ва алоқаҳои гуногуни наҳвиро иҷро мекарданд, бар дӯши пасвандҳову бандакҳо, аз ҷумла, вазифаи наҳвии ҳолати генетив, асосан, бар дӯши бандаки изофӣ меафтад ва афзоишу густариши пайвастаи пасвандҳо дар раванди инкишофи минбаъдаи забонамон низ далели нуктаи мазкур аст [5, с. 75]. Дар доираи раванди таҳаввулу густариши забонамон ҳамчунин месазад илова намуд, ки силсилае аз пешояндҳо низ, аз қабили бо, ба, бар, дар ва ғайра чун пешванд мавриди истифода қарор гирифта, дар калимасозии ҳиссаҳои гуногуни нутқ саҳм гузоштаанд. Ҳамзамон, мебояд қайд намуд, ки дар асари раванди мазкур таркибҳои гуногун, махсусан, таркибҳои феълӣ низ

густариш меёбанд, ки ин равандро муҳаққиқи мумтози таърихи забон Д. Саймиддинов дар доираи ташаккули феълҳои таркибии номӣ чунин баён менамояд: «Ташаккули феълҳои таркибии номии гуногун дар форсии миёна ба сохтори аналитикии ин забон иртибот дорад. Теъдоди феълҳои таркибии номӣ дар нахуст марҳалаи пайдоиш ва ташаккули ин қолаб танҳо дар мисоли чанд феъл мутадовил будааст. Ин қабил феълҳо низ, аслан зимни гурӯҳе аз феълҳои сода падид омада, ҳамчун муодили таркибии онҳо дар баёни ҳамон як маъно ба кор рафтанд. Ба таври мисол, wanī kardan < wanīdan «нобуд кардан», nimud kardan < nimudan «намудан, ошкор кардан», bēš burden < bēšīdan «озурдан» [14, с.163].

Воқеан, дар забони муосири тоҷикӣ феълҳои сода дар вожасозӣ маҳдуд гардида, теъдоди ташаккули феълҳои таркибӣ густариш пайдо кардааст. Ин раванд ба забони форсӣ ҳам хос буда, аз ҷумла, забоншиноси шинохтаи эронӣ Муҳаммад Ризо Ботинӣ низ қайд менамояд, ки: «дар форсии имрӯз дигар феъли сода сохта намешавад, яъне, наметавон ба таври одӣ аз исм ё сифат феъл сохт. Миқдори феълҳои содае, ки зоёӣ доранд ва аз гузашта ба мо расидаанд, бисёр андак аст, мисли сабзидан, хандидан, ҷангидан» [9, с. 224 ].

Бояд зикр намуд, ки дар давраи навини инкишофи забонамон, яъне, дар давраи Истиқлол раванди зуҳур, густариш ва корбурди феълҳои таркибии номӣ ба таври назаррас ба мушоҳида мерасад.

Дар раванди аз низом ё худ сохтори флективӣ ба сохтори аналитикӣ табдил ёфтани забонамон дар низоми савтии он низ таҳаввулот рух додааст. Чунончи, дар мавриди таҳаввули воҳидҳои савтӣ метавон ишора кард, ки дар забони форсии қадим дар марҳалаи аввал ду ҷуфт дифтонг (сонанти мураккаб) ai, āi; au, āu ва дар марҳалаи дуюм ai, au мустаъмал буд, ки тадриҷан онҳо дар аҳди салтанати Доро ба монофтонгҳои ō (ӯ) ва e (e,u) табдил шудаанд [12, с. 243; 15, с. 27; 10, с. 162-193]. Масалан: saima > sim (сим); daina > din (дин); aitun > edun (эдун); kaufa > kōh (кӯҳ); rauča > rōz (рӯз); qauša> qōš (гӯш); mauda > mōy (мӯй); rauta > rōd (рӯд).

Ҳамчунин қобили зикр аст, ки ҳамсадоҳои мураккаб ё худ ҳамсадоҳои ҷуфти думахраҷа (ҳамсадоҳои ҷуфти ҳамхон-истилоҳи Д. Саймиддинов) аз қабили хв, хш, рд, ср, сп, ки дар аҳди бостон ва қисман дар давраи миёна мустаъмал буданд ва чун талаффузашон нисбатан дурушту душвор буд, бинобар ин, онҳо низ дар раванди бадалшавии сохтори флективӣ ба аналитикӣ тадриҷан ба як ҳамсадо (мутаносибан ба х (хвоҳар – хоҳар, хвоб – хоб, хвеш – хеш), ш (хшоясия – шоҳ, хшапа–шаб), л (вард – гул, сардор – солор), с (пусра – писар), с (спака – саг (собака)) табдил ёфтанд, ки ин ҳодиса ҳам ба бадалшавии сохтор ва равониву гӯшнавозии забонамон бетаъсир намондааст. Бояд қайд кард, ки раванди таҳаввули ҳамсадоҳои мураккаб (ҷуфти оғозӣ) нуктаи ҷолиб буда, дар вожаҳои асл ба ду ҳиҷо ва ё ҳазфи яке аз ҳамсадои мураккаб, аз ҷумла, хш сурат гирифта, тибқи шаҳодати маводи мавҷуда ва маълумоти донишманди мумтози эронӣ Алӣ Ашраф Содиқӣ барвақттар ба ҳамсадои сода табдил шудааст: «Калимаи хшап (шаб) дар форсии миёна дар ҳеҷ куҷо бо (х) дида намешавад» [1, с. 223]. Дар ҳамин замина қобили зикр аст, ки дар вожаҳои аслии тоҷикӣ овозҳои дурушту хашин ва душворталаффуз, аз қабили ҳамсадои ҳалқии чуқури ҳ («ҳо»-и хуттӣ), «айн»-у аломати ҳамза (ъ) ва қ (қоф), ки аз забонҳои арабиву туркӣ ба забони тоҷикӣ ворид шудаанд, хос нестанд (ба истиснои андаке калимаҳо ва вожаҳои тақлидӣ-овозии тоҷикии чун қар-қари зоғ, тақ-тақи дарвоза, қут-қути мурғ…). Аз ин ҷост, ки вожаҳои аслан тоҷикӣ нарму равон ва хушнаво буда, хусусан, паҳлуи ҳам омадани онҳо дар назм нағмаи ҳуруф (мусиқии ҳуруф, занги ҳуруф, овои ҳуруф), яъне аллитератсияро падид меоваранд, ки дар натиҷа мусиқии шеър ва билохира мусиқии забонро тавлиду таъмин мекунанд ва ҳамин тариқ, тамоми нукоти мутазаккира дар маҷмуъ боиси ғановату салосат ва шириниву мусиқанокии забони нобу ширадори тоҷикӣ гардидаанд, ки ин ба дастгохи тавлидии забонамон вобаста мебошад.

Месазад ишора намуд, ки ҳамсадои ҷуфти xv (хв) тақрибан то асрҳои XIII-XIV мавриди истифода қарор доштааст. Масалан, мо чунин шакли истифодаро дар ашъори устод Рӯдакӣ мебинем:

*Сад нек ба як бад натавон кард фаромӯш,*
*Гар хор барандешӣ, хурмо натавон х(в)ард.*

Дар ашъори Ҷалолуддини Балхӣ низ ин тарзи истифода дида мешавад:

*Ҳар ду най хӯрданд аз як обх(в) ар,*
*Он яке холиву он пур аз шакар.*

Албатта, бояд зикр намуд, ки чун хат то ҷое майли куҳнапарстӣ дорад, бинобар ин, ҳамсадои мазкур (хв) дар имлои ниёгон то кунун дар якчанд вожа (тахминан дар 14-то) навишта шуда, вале хонда намешавад ва ба номи вови маъдула ё таърихӣ ёд мегардад: хвоҳар (хоҳар), хвоб (хоб), хвоҷа (хоҷа), устухвон (устухон), Хворазм (Хоразм), дастурхвон (дастурхон).

Инчунин, дар раванди таҳаввул ва инкишофи забон ҷиҳати суҳулати талаффузу суфтаву равон гаштани забон як силсила падидаҳои савтие зуҳур намуданд, ки падидоии онҳо ба талаботи илми арӯз низ ҳамбастагии зич доранд, зеро илми арӯз то ҳадде ба илми савтиёт асос ёфтааст, зеро дарозиву кӯтоҳии садонокҳо, устувориву ноустувории онҳо, вижагиҳои ҳиҷоҳо, лаҳну зада, ки ҳама унсурҳои савтӣ мебошанд, дар низоми илми арӯз ва дар шеъри арӯзӣ нақши калидӣ доранд.

Дар ҳамин замина, бояд ёдовар шуд, ки дар марҳалаи аввали инкишофи забонамон, яъне дар забони форсии қадим ҳамнишинии ду ҳамсадо дар оғози калима зиёд ба назар мерасид, лекин дар раванди инкишофи забон тадриҷан ҳолатҳо (падежҳо) маҳдуд гардида, дар давраи миёна ҳамнишинии ҳамсадоҳои оғозӣ таҷзия шуда ва боиси ташаккули ҳиҷоҳои алоҳида гардиданд. Масалан: brātar> barādar (бародар); bruk>abruk>abru (абру); spanta> ispand //sipand (испанд //сипанд); prazanta> farzand (фарзанд); spaita>spet>ispet // safed (испед// сафед); spahān> isfahān (Исфаҳон); ksandra (skandra) > iskandar // sikandar (Искандар// Сикандар).

Ин раванд, аз як тараф, барои осонӣ ва равонии талаффуз сурат гирифта бошад, аз ҷониби дигар, барои эҷоди ҳиҷои дилхоҳ дар назм анҷом дода шудааст, ки ин боиси ба миён омадани ду шакли калимаҳо (гунанокӣ) низ гардидааст. Аз ҷумла, чун муште аз хирвор ба вожаҳои зерин аз осори Мавлои Балхӣ таваҷҷуҳ намоед: шутур // уштур, ситеза // истеза, фитод // афтод, афзуд // физуд, ситора // истора, сипоҳ // испоҳ, шикор // ишкор, шинос // ишнос, шикоф // ишкоф, шитоб // иштоб...

Ҳатто ҳамнишинии ду ҳамсадои охири вожа, ки ба суҳулати (равонии) талаффуз душворӣ эҷод мекарданд, тавассути дар байни онҳо ворид намудани садонок равонии талаффуз таъмин карда шудааст. Масалан: pitr> pitar> padar.

Дар асари ҳамин раванд, ки аз ҷараёни сайқалёбӣ, суфташавӣ ва равонпазирию мукаммалшавии забон далолат мекунад, алҳол дар забони адабии муосири тоҷикӣ дар оғози калима ҳамнишинии ду ҳамсадо ба назар намерасад, лекин ҳанӯз ҳам ҳамсадоҳои ҷуфти оғозӣ дар баъзе шеваҳо аҳёнан мушоҳида мешавад: бринҷ (биринҷ // гурунҷ), драхт (дарахт), бланд (баланд), шътър (шутур). Дар ин маврид бояд зикр намоем, ки ҳазфи садонокҳои кӯтоҳ дар байни вожаҳо, асосан, барои осониву равонии талаффуз ва сарфаи неруи гуфтор ё худ универбатсия сурат мегирад.

Тавре ки маводи забонӣ ва таҳлилҳои қаблӣ шаҳодат медиҳанд, дар байни решаи вожаҳои тоҷикӣ се ҳамсадо ҳамнишин намешавад (ба истиснои калимаҳои сохтаву мураккаб: шармсор, чоштгоҳ, сахтгир, мушкбӯй, пандшунав, дастболо, пӯстканда), зеро талаффузи се ҳамсадои пайи ҳам душвор буда, дар равонии талаффузи вожа сакта ворид мекунад.

Анҷомаҳои падежӣ, ки категорияҳои грамматикии ҷинсияту шумораро ифода мекарданд, ба таҳаввулот мувоҷеҳ шуданд. Ҷинсияти музаккар (мардона) ва муаннас (занона) маҳфуз монда, ҷинсияти муханнас (миёна) матрук гардид. Аз шумораҳо низ шумораҳои танҳову ҷамъ идома ёфта, шумораи дугона аз истеъмол хориҷ шуд. Ифодаи категорияҳои грамматикии мазкур дар анҷомаҳои падежӣ (ҳолатҳо) таҷассум меёфтанд…

Тавре ки дар боло ишора шуд, вобаста ба афтиши задаи таърихӣ дар ҳиҷои дуюм ё сеюм аз охири вожа, ҳиссаи баъди зада қарордоштаи вожа ихтисор мешуд ва ин боиси он гардидааст, ки бештари вожаҳои содаи аслии (решагии) забонамон аз як ё ду ҳиҷо шакл гирифтанд. Масалан, ба вожаҳои решагии ҳаётан муҳим таваҷҷуҳ намоед: об, ҳаво, оташ, замин, нон, рӯз, шаб, падар, модар, хоҳар, додар, дил, сар, лаб, бинӣ, чашм, мӯй, тамоми шумораву ҷонишинҳои сода.

Воқеан, вожаҳои содаи аслан тоҷикии се-чорҳиҷоӣ (вожаҳои сохтаву мураккаб мустасност) ками андар кам ба мушоҳида мерасанд. Он вожаҳои бисёрҳиҷоии иқтибосии арабӣ (ҳамчунин русиву аврупоӣ ва туркӣ низ) маъмулан забони нобу равону хушнавои тоҷикиро душворталаффуз ва тумтароқу хашин гардонидаанд.

Зимнан, ҷойи таъкид аст, ки вожаҳои асили тоҷикӣ (бо муҷазиву ихчамӣ ва кӯтоҳияшон), аз як тараф, равону осонталаффуз буда, аз ҷониби дигар, сермаҳсулу сeристеъмол мебошанд ва ба асоси меъёрҳои калимасозӣ бо онҳо метавон, ки силсилаи вожаҳои нав сохт. Ба таври намуна, ба

имконоти вожасозии калимаҳои дӯст ва рӯз таваҷҷуҳ намоед: дӯст (дӯстон, дӯстона, дӯствор, дӯстӣ, дӯстдошта, дӯстдорӣ, дӯстдор, дӯстнавоз, дӯстрӯй ватандӯст...), рӯз (рӯза, рӯзадор, рӯзахур, рӯзӣ, рӯзона, берӯзӣ, рӯзафзун, рӯзгор, рӯзбайъ, рӯзгордида, рӯзмарра, рӯзнома, рӯзноманигор, рӯзномафурӯш, рӯзгузаронӣ).

Ин раванд ба сохтори наҳвии забонамон низ бетаъсир намондааст. Дар осори классикӣ аксаран ҷумлаҳо бо хабар ва ё бо пуркунандаи бевоситаи суратёфта оғоз мешуданд. Чунончи: Луқмонро гуфтанд: – Адаб аз кӣ омӯхтӣ? ..., Овардаанд, ки Нушервони Одилро..., Мардумозореро ҳикоят кунанд, ки..., Бузургеро пурсидам дар маънии ин ҳадис... (мисолҳо аз «Гулистони»-и Саъдӣ).

Дар забони муосири тоҷикӣ сохтори ҷумла, шояд бар асари забони русӣ бошад, асосан, ба таври зайл: мубтадо + муайянкунанда + пуркунанда + ҳол + хабар сурат мепазирад.

Ҳамин тариқ, раванди таназзули низоми флективии забонамон ва ба сохтори аналитикӣ табдил ёфтани он хеле мураккабу печида буда, омили асосии аз байн рафтани ҳолатҳо ба задаи таърихӣ вобаста мебошад.

Воқеан, таҳқиқи махсуси ин раванди печидаро муҳаққиқи таърихи забон С. Н. Соколов низ таъкид менамояд, ки: «умуман, масъалаи низоми падежии номҳо, ки маншаи рушду инкишофи минбаъдаи забон гардидааст, норавшан буда, таҳқиқи махсусро тақозо менамояд» [16, с. 245].

Бо такя ба таҳлилу далелҳои мавҷуда ва баррасии мухтасари масъалаҳое, ки зикрашон дар ин мақола рафт, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки забони тоҷикӣ дар раванди таҳаввулу ташаккули мунтазам ба самти густариши имконот, суфташавӣ ва ғановатмандии низоми маънову сохторӣ ва истифодаи воситаҳои забонӣ рушд карда, батадриҷ суфтаву равону шево гардидааст.

**Феҳристи адабиёт:**

1. Алӣ Ашраф Содиқӣ. Аз байн рафтани гурӯҳи сомити оғозӣ дар забони форсӣ / Содиқӣ А. А. // Маҷмуаи хитобаҳои нахустин кунгураи таҳқиқоти эронӣ, Ҷ.1. – Теҳрон, 1350 ҳ. – С. 214-224.

2. Бобомуродов, Ш., Мухторов З. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ / Ш. Бобомуродов. – Душанбе, 2016. – 428 с.

3. Додихудоев, Р. Х. Дастури мухтасари таърихи забони тоҷикӣ. /Р. Х. Додихудоев. – Душанбе, 1978. – 69 с.

4. Журинская, М. А. Типологическая классификатсия языков // ЛЭС. – Москва: Советская энциклопедия, 1990. – 981с.

5. Кабиров, Ш. Равобит ва ҳамнишинии воҳидҳои забон дар занҷираи гуфтор. / Ш. Кабиров. – Душанбе: МДМТ, 2021. – 320 с.

6. Каримов, А. Первичные предлоги в среднеперсидском языке / А. Каримов: АКД. – Душанбе, 1970. – 21 с.

7. Каримов, А. Предлог APAR в среднеперсидском языке / А. Каримов. – Душанбе, 1972. – 47 с.

8. Мухторов, З. М. Таърихи забони тоҷикӣ (дастури таълимӣ) З. М. Мухторов. – Душанбе, 2003. – 152 с.

9. Муҳаммад Ризо Ботинӣ. Истифода аз иштиқоқ дар вожасозии илмӣ / Ризо Ботинӣ Муҳаммад // Маҷмуаи мақолоти семинори забони форсӣ ва забони илм. – Теҳрон, 1372 ҳ. – С. 223-235.

10. Назарзода, С. Сайри таърихии садонокҳои зобони тоҷикӣ / С. Назарзода // Пояҳои густариши забони миллӣ. – Душанбе, 2016. – С. 162-193.

11. Норматов, М. Муқаддимаи забоншиносӣ. – Душанбе: Маориф, 1995. – 176 с.

12. Основы иранского языкознания. Древнеиранские языки.– М.: Наука, 1979.–387 с.

13. Основы иранского языкознания. Среднеиранские языки. – М.: Наука, 1981. – 544 с.

14. Саймиддинов, Д. Вожашиносии забони форсиии миёна / Д. Саймиддинов. – Душанбе, 2001. – 275 с.

15. Саймиддинов, Д. Форсии бостон / Д. Саймиддинов. – Душанбе, 2008. – 190 с.

16. Соколов, С. Н. Дренеперсидский язык / С. Н. Соколов // Основы иранского языкознания. Дренеиранские языки. – М: 1979. – С. 234-271.

# ФИРДАВСӢ – ШОИРИ ПАЁМРАСОН



**Ҷамолиддин САИДЗОДА – адабиётшинос**

**Ба номи наку гар бимирам, равост,**
**Маро ном бояд, ки тан маргрост.**
**Фирдавсӣ**

«Агар мо бихоҳем, ки ҷовидон дар ин сарзамин руҳи Фирдавсиро зиндаву покиза нигаҳ дорем ва худро вориси воқеии ӯ бидонем, бояд ҳамаи андарзҳои ӯро ҳифз намуда, тибқи онҳо амал бикунем, баҳри оромишу осоиш, ваҳдату ягонагӣ ва пойдор гардидани сулҳ ба ҷон бикӯшем»,-мегӯянд Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. Ва ба қавли Ризошоҳ Паҳлавӣ, «эй кош, ҳазорҳо аз қабили Фирдавсӣ дар ин мамлакат пайдо мешуданд, имону ишқ ба ватанро дар мардуми ин мамлакат дар тӯли аъсору қурун эҷод мекарданд ва чун мамлакати мо ба хотири ҳамин ашъоруривоёту достонҳои таърихӣ зинда аст ва мардум бо шунидани онҳо ба ваҷду сурур дармеоянд ва худро ба аҷнабӣ намефурӯшанд ва миллияти худро аз ёд намебаранд».

Мусаллам аст, ки Фирдавсӣ шоири паёмрасон аст. Лиҳозо, мо дар «Шоҳнома» ба паёмҳои гуногуни ӯ рӯ ба рӯ мешавем. Ба қавли худи шоир:

*Ҳам аз оштӣ рондаму ҳам зи ҷанг,*
*Сухан гуфтам аз ҳар даре ранг – ранг.*

Дар ҳақиқат, Фирдавсӣ ҳазорон мавзуъро дар «Шоҳнома» ҷой додааст. Бинобарин, Файёзи Хуҷандӣ мегӯяд:

*Зи «Шаҳнома» он кас, ки дорад хабар,*
*Бубинад дар он ҷо ҳазорон ҳунар.*

Аммо нахустин паёми Фирдавсӣ аз хирад аст, яъне, беҳтарин неъмате, ки Худованд ба инсон арзонӣ доштааст ва раҳнамои ӯ дар ин сарою он сарой аст. Ба андешаи ӯ:



*Хирад раҳнамою хирад дилкушой,*
*Хирад даст гирад ба ҳар ду сарой.*

Воқеан, «Шоҳнома» бо васфи хирад шуруъ мешавад:

*Ба номи Худованди ҷону хирад,*
*К – аз ин бартар андеша барнагзарад.*

Агар мо хирадномаҳои Фирдавсиро дар як ҷо ҷамъ оварем, афзун аз як ҷилд мешавад, аммо мо дар ин мавқеъ бо овардани як намуна иктифо менамоем:

*Хирад афсари шаҳриёрон бувад,*
*Хирад зевари номдорон бувад.*
*Хирад зиндаи ҷовидонӣ шинос,*
*Хирад мояи зиндагонӣ шинос.*

Албатта, васфи хирад дар илму адабу фарҳанги мо суннати дерина дорад. Мо ин мавзуъро дар осори паҳлавӣ, ба вижа, «Пандномаи Бузургмеҳр», «Пандномаи Анӯшервон», «Андарзи Хусрави Қубодон», «Аҳди Ардашери Бобакон», «Минуи хирад» ва ғайра боздид менамоем. Аммо авҷи хирадситоиро мо дар «Шоҳнома» мебинем. Он хирадномаҳо имрӯз барои сохтани як ҷомеаи хирадсолор бароямон маводи фаровон медиҳанд. Бинобар ин, мутолиаи «Шоҳнома», ҳифзи хирадномаҳои Фирдавсӣ ва

дар амал тадбиқ кардани онҳо вазифаи ҷонии мо, ба вижа, ҷавонон ва дастури зиндагии эшон маҳсуб мешавад. Беҳуда Фирдавсӣ нагуфтааст:

*Ҳамеша хирадро ту дастур дор,*
*Бад – ӯ ҷонат аз носазо дур дор!*

Аммо хирад аз таҷрибаи зиндагӣ ба камол мерасад. Ба гуфтаи Соиб:

*Ақл комил мешавад аз гарму сарди рӯзгор,*
*Обу оташ мекунад соҳиббуриш шамшерро.*

Дигар, маҳз ақлу хирад нафси саркашро мусаххар ва мутеъ месозад ва зиндагии инсонро сару сомон мебахшад. Тавре Сайидо мегӯяд:

*Нафси саркашро мусаххар ақли пуртадбир кард,*
*Саг чу шуд девона, ӯро метавон занҷир кард.*

Пас аз хирад мо мерасем ба дониш, ки Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» тараннум кардааст. Дар ин замина ӯ идомадиҳанда ва ба авҷрасонандаи ин мавзуъ дар осори Рӯдакӣ, Абушакур ва дигар шоирони пеш аз худ мебошад. Рӯдакӣ гӯяд:

*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.*

Абушакури Балхӣ мегӯяд:

*Биёмӯз, то зиндаӣ, рӯзу шаб,*
*Чунин гуфт доно, ки бикшод лаб.*

Аммо авҷи донишситоиро мо дар ин байти машҳури Фирдавсӣ пайдо менамоем, ки ҷанбаи фалсафӣ пайдо кардааст:

*Тавоно бувад ҳар кӣ доно бувад,*
*Ба дониш дили пир барно бувад.*

Аз ин хотир, аҳли қалам бедониширо, ки ҷаҳл аст, бадбахтӣ эъҷод менамояд ва нокомӣ ба бор меорад, дар осорашон маҳкум кардаанд. Эроншоҳи Абулхайр, ки яке аз пайравони муваффақи Фирдавсист, дар «Баҳманнома», ки дар пайравии «Шоҳнома» навиштааст, нодониро сабаби ба осонӣ гӯл задани инсон медонад:

*Наку гуфт дастури бо фарру зеб,*
*Ки нодон сабуктар пазирад фиреб.*

Носири Хусраврост:

*Ба дониш шод гардӣ аз дилу ҷон,*
*Ки бедониш бувад ҷовид ҳайрон.*

Мисолҳои дигар аз осори адибон, ки аз паёми Фирдавсӣ моя мегиранд:

*Ҳеҷ нисбат вароӣ дониш нест,*
*Дониш омӯз, то касе бошӣ.*

*Адиб Собир*

*Хоҳӣ, ки ҳамеша шоду хуррам бошӣ,*
*Ҳар ҷо ки равӣ, азизу маҳрам бошӣ.*
*Покиза шаву рост бизӣ, илм омӯз,*
*То тоҷи наберагони Одам бошӣ.*

*Мавлавӣ*

*Аз шукӯҳи подшоҳӣ ҳурмати илм аст беш,*
*Он ки мири корвон бошад, мутеи раҳбар аст.*

*Калим*

Баъди хираду дониш мо дар «Шоҳнома» ба васфи сухан ва суханварӣ рӯ ба рӯ мешавем, зеро сухан ҷон аст, аслиҳаи набард аст, мекушад, зинда мекунад, яъне, чун шамшер аст. Лиҳозо, дар сухан гуфтан бояд эҳтиёт кард, аз неку бади он андеша намуд. Ба қавли Фирдавсӣ:

*Пажуҳиш намою битарс аз камин,*
*Сухан ҳар чӣ бошад, ба жарфӣ бубин.*

Зеро:

*Сухан бифканад минбару дорро,*
*Зи сӯрох берун кашад морро.*

*Абушакур*

*Оламеро як сухан вайрон кунад,*
*Рӯбаҳони мурдаро шерон кунад.*

*Мавлавӣ*

*Дар мақоме, ки кунад рӯи киноят ба аду*
*Зарби шамшер надорад асари зарби масал.*

*Урфӣ*

*Салим, аҳли суханро безабонӣ айб мебошад,*
*Ки воҷибтар зи ҳар чиз аст шамшере сипоҳиро.*

*Салими Теҳронӣ*

Аммо асоси «Шоҳнома»-ро паёми ватандӯстӣ ташкил медиҳад. Воқеан, ин абёти Фирдавсӣ ба масобаи гимн дар ин асар садо медиҳад. Бинобар ин, зиёда аз 1000 сол аст, ки ин шоҳкор дар фазои зиндагии мо танинандоз аст. Ба мо, ба вижа, ҷавонон, ҷасорат, далерӣ, меҳандӯстӣ, садоқат, силаҳшурӣ, пайкорҷӯӣ, родмардӣ, паҳлавонӣ, қаҳрамонӣ меомӯзад:

*Нигаҳ кун бад – ин лашкари номдор,*
*Ҷавонони шоистаи корзор.*
*Зи баҳри бару буму фарзанди хеш,*
*Зану кӯдаки хурду пайванди хеш.*
*Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,*
*Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.*

Ногуфта намонад, ки аз ин абёти ватандӯстонаи Фирдавсӣ адибони мо дар тӯли таърих илҳом гирифта, осори зиёди пурарзиши ватандӯстона эҷод кардаанд ва бад – ин тартиб дар парвариши руҳи ватандӯстии ҳаммиллатонамон саҳми бориз гирифтаанд.

… Мисолҳои дигар аз Фирдавсӣ дар ҳамин мавзуъ:

*Бигӯяш, ки дар ҷанг мурдан ба ном*
*Беҳ аз зинда, душман ба – ӯ шодком.*

***

*Маро марг беҳтар аз ин зиндагӣ,*
*Ки солор бошам, кунам бандагӣ.*

***

*Ба Эрон туро зиндагонӣ бас аст,*
*Ки тоҷу нигин баҳри дигар кас аст.*

***

*Чу Эрон набошад тани ман мабод,*
*Бад – ин буму бар зинда як тан мабод.*

Тавре ки дар боло гуфтем, «Шоҳнома» мавзуъҳои гуногунро фаро мегирад ва Фирдавсӣ дар он паёмҳои мухталиф ба инсонҳо, хусусан, ҳамватанони худ медиҳад. Аз сулҳу оштию адлу инсоф сар карда, то ба озор нарасондан ба мӯри донакаш:

*Маро оштӣ беҳтар ояд зи ҷанг,*
*Набояд гирифтан чунин кор танг.*

***

*Маёзор мӯре, ки донакаш аст,*
*Ки ҷон дораду ҷони ширинш хуш аст.*

Возеҳ аст, ки Фирдавсӣ як шоири шуубист ва ба бадхоҳони миллат, душманони Эронзамин нафрат дорад. Лиҳозо, ӯ дар «Шоҳнома» бо сароҳат чунин эълом менамояд:

*Зи шири шутур хӯрдану сусмор*
*Арабро ба ҷое расидаст кор*
*Ки тахти Каёнро кунад орзу,*
*Туфу бар ту, эй чархи гардон, туфу!*

Зимнан, бояд гуфт, ки Фирдавсиро аҳли илму адаб дар дарозои таърих фаровон сутудаанд ва ҷойгоҳашро баланду рафеъю дастнорас ба қалам додаанд. Намунаҳои зер андаке аз бисёранд:

*Офарин бар равони Фирдавсӣ,*
*Он ҳумоюннажоди Фархунда.*
*Ӯ на устод буду мо шогирд,*

*Ӯ худованд буду мо банда.*

*Анварии Абевардӣ*

*Сиккае, к-андар сухан Фирдавсии Тӯсӣ нишонд,*
*Лоҷарам, гар ҳеҷ кас аз зумраи фурсӣ нишонд.*
*Аввал аз болои курсӣ бар замин омад сухан,*
*Ӯ суханро боз боло бурду бар курсӣ нишонд.*

*Ибни Ямин*

Аммо, ба қавли устод Айнӣ, касе мисли худи ӯ натавонистааст «Шоҳнома» – ро васф намояд. Дар ин замина фахрияи ӯ дар шеъру адаби мо беназир аст:

*Биноҳои ободгардад хароб,*
*Зи борону аз тобиши офтоб.*
*Пай афкандам аз назм кохе баланд,*
*Ки аз боду борон наёбад газанд.*
*Бад – ин нома бас умрҳо бигзарад,*
*Бихонад, ҳар он кас, ки дорад хирад.*
*Намирам аз ин пас, ки ман зиндаам,*
*Ки тухми суханро парокандаам.*
*Ҳар он кас, ки дорад ҳушу рою дин,*
*Пас аз марг бар ман кунад офарин.*

Бинобар ин, мо бояд имрӯз беш аз ҳар вақти дигар рӯ ба «Шоҳнома» биёрем, шоҳномахонӣ кунем, зеро «Шоҳнома» ёдгори беназир, бегазанд ва ҷовидонии миллати тоҷик аст. Фирдавсӣ шоири беҳамто ва нобиғаи адабиёти мост. Ӯ шоири ҳувиятсоз, ифтихорофарин, зиндакунандаи Аҷам ва аҳли он аст. Ӯ худ бад – ин маънӣ гуфта:

*Басе ранҷ бурдам дар ин сол сӣ,*
*Аҷам зинда кардам бад – ин порсӣ.*

Инро ҳам бояд донист, ки мо баъд аз 1000 сол орзуҳои Фирдавсиро дар Тоҷикистон ҷомаи амал пӯшондем. Аз ин хотир, мо бояд аз миллати худ, кишвари хеш дифоъ бинамоем, онро дӯст дорем, худшиносу худогоҳ бошем, дасти бадхоҳонро аз ватанамон кӯтоҳ намоем. Тавре ки шоир ҳазор сол қабл ба мо дастур додаву васият карда буд:

*Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,*
*Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем.*

***

*Набошад ҳаме неку бад пойдор*
*Ҳамон беҳ, ки некӣ бувад ёдгор.*

Аз ин лиҳоз, мо, пеш аз ҳама, бояд худи «Шоҳнома»-ро бихонем, баъдан, тадқиқотҳоеро, ки дар кишвар ва хориҷ аз он дар бораи он кардаанд, ба даст оварем, биёмӯзем, то битавонем ба дигарон биёмӯзонем. Дар он сурат мо қарзи фарзандии худро дар пеши ин хуршедсавори сухан ва қаламкаши бузург ба ҷо меорем. Аммо мо бояд аз «Шоҳнома» афкореро биҷӯем ва корбаст намоем, ки мутараққӣ бошанд, ба дарди имрӯзи мо ва кишварамон созгор бошанд. Шоир беҳуда ба мо дастур нададааст:

*Қиссаи Заҳҳок, ҳамэдун, бихон,*
*Номаи Ҷамшеду Фаридун бихон!*
*Неку бад аз дафтари эшон биҷӯй,*
*Нек ба хотир куну бадро бишӯй!*

Ва:

*Ҳар он кас, ки «Шаҳнома»-хонӣ кунад,*
*Агар зан бувад, паҳлавонӣ кунад.*

Лозим ба ёдоварист, ки миллати мо танҳо дар асри гузашта шоирони миллии худ, аз ҷумла, Фирдавсиро шинохт, зеро баъди фурӯпошии давлати миллии Сомониён эҷодиёти шоирони миллиамон дар мактабу мадрасаҳо омӯхта намешуд. Шоҳону амирони бегона, шоирони маддоҳ фирдавситезӣ мекарданд, монеи хондани осораш мешуданд. Аввалин касе, ки бунёди шоҳномаситезиро гузошт, Султон Маҳмуди Ғазнавӣ буд. Ӯ баъд аз хондани «Шоҳнома», ки ғояи он дар муқобили сиёсати ӯ буд, гуфт: «Ҳамаи «Шоҳнома» худ ҳеҷ нест, магар ҳадиси Рустам ва

андар сипоҳи ман ҳазор мард чун Рустам ҳаст». Дар ҳамин замон буд, ки асарҳое, чун «Маҳмуднома», «Тоҷулфутуҳ», «Давлатнома», «Умарнома» навиштанд, то мардум «Шоҳнома» нахонанд. Аммо, баръакс, мардум «Шоҳнома» мехонданд, ҳатто султонҳои Салҷуқӣ дар майдони разм байтҳои «Шоҳнома»-ро мехонданд ва ҷон ба ҷонофарин медоданд… Аммо, ба ҳар ҳол, Фирдавсӣ маҳз дар асри гузашта зинда шуд. Номаш вирди забон гардид, осораш ба барномаҳо ворид шуд. Ба қавли устод Турсунзода:

*Суруди Рӯдакӣ шуд зинда акнун,*
*Расида авҷи Фирдавсӣ ба гардун.*

Ниҳоят, маҳз ба шарофати истиқлол ва дастури Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон матни «Шоҳнома»-ро омодаи чоп ва ройгон дар дастраси мардум мегардад. Ин бузургтарин руҳдод барои миллати мо маҳсуб мешавад, зеро дар таърихи мавҷудияти миллати мо бори аввал «Шоҳнома» ба ҳар хонадон тақдим мегардад. Лиҳозо, мо ҳақ дорем, ки аз забони шоир ба зодгоҳи Фирдавсӣ, ба Тӯс паём бифиристем ва бо сари баланд бигӯем, ки, эй пайғамбари сухан, Фирдавсии сеҳрофарин, орзуҳоят маҳз дар кишвари мо баъд аз 1000 сол бароварда шуд, руҳи миллӣ ғалаба намуд, адолат тантана кард ва дар фазои зиндагиамон танинандоз гардид.

**БА ИСТИҚБОЛИ ТАШАББУСИ БЕНАЗИРИ ПЕШВОИ МУАЗЗАМИ МИЛЛАТ, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР БОБИ НАШР ВА РАСОНИДАНИ «ШОҲНОМА»-и ҲАКИМ ФИРДАВСӢ БА ҲАР ХОНАДОНИ ТОҶИК**

Ба ҳафтод пушташ дуруду сипос,
Ба дарёниҳоду ба гавҳаршинос!

Дуруди Худои ҷаҳонофарин,
Фаровон ба номи чунин тахтшин.

Дуруд аз табори Каюмарсшоҳ,
Ки бар тахтдорӣ кушодаст роҳ.

Санои фаровон зи номи Ҳушанг,
Ки бар шиша бинҳод таҳдоб санг.

Зи Ҷамшед бодо дуруди зиёд,
Ки аз Пири тӯсӣ фаро гашт ёд.

Сипос аз Фаридуни аврангу гоҳ,
Манӯчеҳру Нӯзар, зи Ковусшоҳ.

Дуруду сано ҳам зи Афросиёб
Ба номи накӯи Ҷалолатмаоб.

Ҳумону Ҳумойю ҳумоюнпараст,
Ки аз пушти Пирон гирифтанд даст,

Сипоси фаровон зи онон расид,
Чунин ҳотамиро, ки Ҳотам надид.

Аз ин баъд Рустам шиносад, яқин,
Зи Сӯҳроб меҳраш алорағми кин.

Сиёвуш дигар сияҳ аз сафед,
Ҷудо карда, донад кадом аст умед.

Дигар Ардашеру дигар Ардамеҳр,
Надоранд армон ба доми сипеҳр.

Зарандуд гардад ҳавои камар,
Нафас баркушояд аз он Золи Зар.

Зи Баҳрому Баҳман, зи Исфандиёр,
Дуруду ситоиш бувад беканор.

Гузаштам аз он раҳ, ки бе чангу дуд,
Расондам паёми диёри дуруд.

Аз иқдомҳои Ҷалолатмаоб,
Дили шаҳсаворон чи хуш хурд об.

Зи «Шаҳнома» омад садо инчунин:
«Ки хотам надорад ҷило бе нигин.

Намакдони миллат кафи дасти ӮСТ,
Шукуҳу ҷалолаш ба мо обурӯст!»

**Давлат САФАР**

# ФАРҲАНГИ КАЛОМ ВА БАЁНИ ОМӮЗГОР ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ



**Шамшод ДИЛШОДЗОДА – омӯзгори Муассисаи таълимии ғайридавлатии (хусусии) «Мактаби ҶАҲОН» дар ноҳияи Фирдавсӣ**

**Имрӯз омӯзгорӣ аз пешаҳои калидӣ ва муҳим дар ҷаҳон, аз ҷумла, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аз ин рӯ, манша ва манбаи тамоми пешрафтҳо, ободии ҳамаи соҳаҳо, бузург гардидани ҳамаи шогирдон маҳз ба омӯзгорон ва заҳмату пайкори онҳо вобаста аст. Омӯзгорон вазифаи ниҳоят душворро ба зимма гирифта, дар зиндагии пур аз розу ниёз тифли инсониятро тарбият карда, илм меомӯзанд, ки чандон кори осон нест.**

Омӯзгор, ба андешаи бузургон, муҳандиси рӯҳи инсон аст. Тавре ки муҳандис нақша ё созмони ягон кореро мураттаб ва таҳия мекунад ва агар он дархӯри омӯзгор набошаду дар ваҷҳи аҳсан анҷом нашавад, муҳандис ҷавобгари аъмоли худ мегардад. Омӯзгорон низ аз рӯзи аввал ба шогирдон адаб меомӯзанд ва онҳоро ба ҳаёти солими оянда омода месозанд. Яъне, онҳо аз як «маводи хом» муҳандисон, табибон, шоирон, нависандагон ва дигар ашхоси сиёсиро месозанд. Аз сабаби он ки корашон ба фарзанди инсон ва ҳаёти ӯ пайванди ногусастанӣ дорад, онҳо ҳуқуқи маънавии хато кардан надоранд, чунки агар онҳо дар таълиму тарбия саҳву хатое кунанд, шояд як насли миллат бесаводу бе дониш монанд. Тинат ва ниҳоду мағзи насле, ки ба мактаб меравад, ба масобаи як коғази сафеду покест, ки омӯзгор аввалин нақшҳои одамияту донишу хирадро дар он наққошӣ мекунад.

Омӯзгорро оинаи рӯзгори халқ мегӯянд, оинае, ки ба он нигариста, камбудиву нуқсонҳоро бартараф мекунанд. Яъне, омӯзгор онест, ки ҳар каломy ҳар нигоҳу ҳар қадамаш саропо ибрати дигарон аст. Тамоми зоҳиру ботин ва хислату рафтори омӯзгор барои шогирдон бояд боиси ибрат бошад, чунки шогирдон ба устоди худ доимо такя карда, ӯро ҳамчун намуна ва улгу барои худ қарор медиҳанд. Ба ҳамин сабаб, омӯзгорӣ ва таваҷҷуҳи хос ба мактабу маориф ҳамеша дар мадди назари роҳбарияти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан, Пешвои миллат қарор дорад. Пешвои миллат аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлоли давлатӣ дар ҳар Паёму суханронии




хеш ҳамеша дар бораи мактабу маориф ва омӯзгору таълим ишораҳо мекунанд ва зикр мекунанд, ки пешрафти тамоми қишрҳои ҷамъият ба омӯзгор ва кору пайкори ӯ вобаста аст: «Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем. Зеро агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа оромиву сулҳу субот, амнияту осоиш ва муҳимтар аз ҳама, рушди давлат сахт халалдор мегардад. Маҳз ба ҳамин хотир, мо дар сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумат рушди бонизоми соҳаи маориф, мақому манзалати омӯзгор ва фароҳам овардани шароити мусоиду беҳтарро барои наврасону ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятнок дониста, барои рушди ин соҳаи муҳимми низоми иҷтимоӣ ҳамаи чораҳои зарурӣро роҳандозӣ карда истодаем».

Ҳамин таваҷҷуҳи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба пешаи омӯзгорист, ки ҳамасола маоши омӯзгорон ва дигар соҳаҳои иҷтимоӣ ба маротиб меафзоядва сатҳу сифати зиндагии омӯзгор беҳ шуда, ба ин восита, онҳо низ дар таълиму тарбият кӯшиш ба харҷ медиҳанд.

Агар ба таърихи китоб ва омӯзишу таълим дар таърихи фарҳангу тамаддуни мардуми тоҷик назар кунем, аён мегардад, ки мардуми мо аз қадим ба омӯзишу китоб таваҷҷуҳи хос доштанд ва дар баробари хондану аз бар кардани китобҳо, ҳамчунин, ба китоб эътиқод доштанд ва онро ҳамчун як сарвати муқаддаси маънавӣ мепарастиданд. Аз ин маълум мешавад, ки таваҷҷуҳ ба китоб ва илмомӯзӣ як ҷузъи таркибӣ ва ваҷҳи ғолиб дар фарҳанги гузашта ва имрӯзаи мо буда ва ҳаст. Аз ҳамин сабаб, аз устод Рӯдакӣ то устод Айнӣ ва дигар бузургони имрӯзи мо адиберо ба ёд оварда наметавонем, ки дар бораи омӯзишу парвариш ва таълиму тарбият чизе нагуфта бошанд. Маълум мешавад, аз рӯзе, ки инсон ҳамчун мавҷуди дорои фикр, андеша ва хираду тафаккур вуҷуд дорад, тарбия ва одобу ахлоқ яке аз мавзуҳои асосӣ дар ҳаёти ӯ буданд. Таълиму тарбия барои рушди шахсият ва камолоти оянда ӯ нақши бориз дошта, одами бетарбия ва ноогоҳ на танҳо ба худ зиён меорад, балки ҷамъиятеро аз байн мебарад.

Аз ҷониби Пешвои миллат тақдими ду китоби гаронарзиш – «Тоҷикон»-и аллома Бобоҷон Ғафуров ва «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ба мардум далел бар он аст, ки Ҳукумати мамлакат имрӯз ба омӯзиши мероси гузашта таваҷҷуҳи хос доранд ва насли наврасро дар руҳияи ватандӯстиву омӯзиши мероси классикӣ тарбият мекунанд. Фалсафаи тақдими ин ду шоҳасар аз ҷониби Пешвои миллат он аст, ки насли имрӯз бо омӯзиши чунин асарҳо ба тамоми бурду бохт, дастовард ва дигар унсурҳои таърихӣ, фарҳангӣ, динӣ, мазҳабӣ, сиёсӣ ва ғайра шинос шуда, ҷаҳонбинии илмии худро васеъ менамоянд.

Манзури мо дар ин ин мақола таҳқиқи фарҳанги гуфтор ва таъсири сухани омӯзгор дар раванди таълиму тарбият аст. Агар дарси омӯзгор ба шавқу ҳаяҷон гузарад ва агар нутқи омӯзгор муассир бошад, шогирдон манзури ӯро хубтар фаҳмида, шефта ва талабгори нутқу дарси омӯзгор мешаванд. Бояд зикр кунем, ки ин мавзуъ нав нест ва пеш аз мо низ дар ин хусус мақолаҳои зиёде навишта шудаанд, аммо онҳо тамоми паҳлуҳои ин мавзуъро ба таври даркорӣ дар бар нагирифтаанд. Доир ба нутқ ва таъсири он дар китобҳои классикии мо, ҳам дар китобҳои назарии суханшиносӣ ва ҳам дар китобҳои бадеӣ, андешаҳо ва ақидаҳои мухталифи ҷолибе ироа шуда, дар бораи нутқ, навъҳои он ва таъсири он ба хонанда андешаҳои илмӣ пешниҳод гардидаанд, ки зикри ҳамаи онҳо дар ин ҷо имкон надорад. Бузургони гузашта доир ба таъсир кардан ва ё накардани сухан, махсусан, сухани омӯзгор меъёрҳое муайян кардаанд, ки агар сухан орӣ аз кизбу дурӯғ ва риё бошад, таъсири бештар дорад. Масалан, Саъдии Шерозӣ дар «Гулистон» чунин овардааст:

*Сухандони парварда пири куҳан*
*Бияндешад, он гаҳ бигӯяд сухан.*
*Мазан бетааммул ба гуфтор дам,*
*Наку гӯй, гар дер гӯйӣ, чӣ ғам?*
*Бияндешу он гаҳ баровар нафас*
*В-аз он пеш бас кун, ки гӯянд «бас!»*
*Ба нутқ одамӣ беҳтар аст аз давоб,*
*Давоб аз ту беҳ, гар нагӯйӣ савоб.*

Маълум мешавад, ки сухангӯ ё омӯзгор бояд дар раванди дарс чунон сухан кунанд, ки хонандагон ба ростии он бовар кунанд. Воқеан, таъсири сухан то он дараҷа зиёд аст, ки шахси сиҳатро бемор ва шахси беморро сиҳат мекунад. Дар дафтари севуми «Маснавии маънавӣ» ҳикояест ба унвони «Мисоли ранҷур шудани одамӣ ба ваҳми таъзими халқ ва рағбати муштариён ба вай ва ҳикояти муаллим». Дар он Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ таъсири сухани омӯзгорро ба риштаи таҳқиқ кашида, мегӯяд, ки ба воситаи сухан инсон қодир ба корҳои бузургу хуб аст ва дар навбати худ метавонад ба воситаи сухан корҳои разил ва бадро низ анҷом диҳад:

*Кӯдакони мактабе аз устод*
*Ранҷ диданд аз малолу иҷтиҳод.*
*Машварат карданд дар таъвиқи кор,*
*То муаллим дарфитад дар изтирор.*
*Чун намеояд варо ранҷурие?*
*То нагирад чанд рӯз ӯ дурие.*
*То раҳем аз ҳабсу тангию зи кор,*
*Ҳаст ӯ чун санги хоро барқарор.*
*Он яке зиректар ин тадбир кард,*

*Ки бигӯяд: «Усто! Чунӣ ту зард?*
*Хайр бошад, ранги ту бар ҷой нест,*
*Ин асар ё аз ҳаво ё аз табест».*
*Андаке андар хаёл афтад аз ин,*
*Ту бародар! Ҳам мадад кун инчунин.*
*Чун дарой аз дари мактаб, бигӯ:*
*«Хайр бошад, усто! Аҳволи ту?!»*
*Он хаёлаш андаке афзун шавад,*
*К-аз хаёле оқиле маҷнун шавад.*
*Он севум в-он чоруму панҷум чунин,*
*Дар пайи мо, ғам намоянду ҳанин.*
*То чу сӣ кӯдак тавотур ин хабар,*
*Муттафиқ гӯянд, бояд мустақар».*

Манзур аз овардани ин абёт он буд, омӯзгоре, ки чандин сол собиқаи тадриси шогирдонро дошт, бо як сухани найрангомези шогирдон бемор мешавад. Аз ин бармеояд, ки ҳар қадаре устод фарҳанги баланди сухангӯӣ ва шеваҳои гуногуни суханрониро донаду риоя кунад, шогирдон ҳамон қадар дарси ӯро азбар намуда, бо тайёрии бештар ба дарс ҳозир мешаванд. Дар ин бобат, ҳақ ба ҷониби Саъдии Шерозист:

*Дарси муаллим ар бувад замзамаи муҳаббате,*
*Ҷумъа ба мактаб оварад тифли гурезпойро.*

Манзури Саъдӣ он аст, ки агар омӯзгор асил буда, нутқи фасеҳу балеғ дошта бошад, ҳатто рӯзҳои истироҳат низ толибилмон талаби дарси ӯро мекунанд ва ба мактаб меоянд.

Дар баробари сухандонӣ ва муассирии нутқ, албатта, омӯзгор бояд сахтгиру босалобату босиёсат бошад, чунки бидуни сахтгирӣ, насли наврас ва донишҷӯёнро идора кардан хеле душвор аст.

Вобаста ба ин масъала, Саъдии Шерозӣ дар осораш ду навъи муаллимро нишон додаст. Гурӯҳи якум, бисёр бадфеъл, бадқаҳр, бераҳм ва мардумозоранд, ки ҳатто бачагони бегуноҳро барои шӯхии бачагона ҳам бераҳмона ҷазо ва азоб медиҳанд, гурӯҳи дуюм, накукор, хушахлоқ буда, касеро озор намедиҳанд, вале бисёр камталаб буда, бачаҳоро ба хониши ҷиддӣ, ба саъю кӯшиш, бо риоя намудани интизом маҷбур карда наметавонанд. Бинобар ин, бачаҳо ӯро писанд намекунанд ва аз таълими ӯ бахра намегиранд. Ба ҳарду гурӯҳи муаллимон Саъдӣ муносибати манфӣ дорад. Ӯ, махсусан, гурӯҳи дуюмро сахт мазаммат кардааст:

*Устоду муаллим чу буванд беозор,*
*Хирсак бозанд кӯдакон дар бозор.*

Гурӯҳи якумро, ки бадфеълу бераҳм буда, кӯдаконро ҷазо медиҳанд, Саъдӣ афзалтар шуморида, аз номи шахси ҷаҳондида чунин гуфтааст:

*Бар сари лавҳи ӯ навишта ба зар:*
*«Ҷаври устод беҳ аз меҳри падар».*

Албатта, Саъдӣ ҳамчун муаллими ахлоқ ба бачаҳо шаттаву шаллоқи муаллимро раво намедонист, вале дар зери таъсири замон, барои босавод ва боодоб шудани онҳо ӯ ҷазои ҷисмониро рад намекард, ки ин маҳдудияти ақидаҳои ӯ буд.

Дар замони мо истифодаи усулҳои фаъоли таълим дар муассисаҳои таълимии кишвар ба расмият даромадааст. Аксари устодон кӯшиш менамоянд, ки барои ҷолиб ва шавқовар гардидани дарс аз усулҳои навтарин, ки боиси баланд гардидани сифати таҳсилот мегардад, истифода намоянд. Имрӯзҳо дар таълиму тарбият усулҳо ва равишҳои гуногун вуҷуд доранд, ки ҳамаи онҳо дар таълими ҳар фан ба таври гуногун ба кор мераванд. Аммо метод ё равиши муҳим методи суҳбат мебошад. Муҳаққиқони соҳаҳои гуногуни методология ва педагогикаи таълим методи суҳбатро ба таври гуногун шарҳ додаанд. Аз ҷумла, Саидмурод Ҳоҷиев чунин меорад: «Суҳбат аз усули серистеъмоли фанни забон буда, аксари мавзуъҳои забони тоҷикиро муаллимон ба ин усул таълим медиҳанд».

Аммо методи суҳбат аз нутқи муаллим тафовутҳое дорад. Суҳбат, чун усули таълим, аз нақли муаллим бо чунин вижагиҳояш фарқ мекунад, ки агар ҳангоми нақли муаллим хонандагон танҳо шунавандаҳои фаъол бошанд, дар ҷараёни аз рӯйи усули суҳбат (саволу ҷавоб) ташкил намудани лаҳзаҳои дарс, аз ҷумла, дар лаҳзаи баёни мавзуъ дар баробари муаллим, хонандагон ҳам дар ҳалли ҳодисаҳои забон ширкат варзида, бо ҷавобҳои худ ва баъзан баёни фикрҳои мустақилашон саҳм мегузоранд. Азбаски ҳангоми суҳбат саволу ҷавоб нақши асосиро мебозад, бояд суҳбат аз рӯйи нақшаи дақиқе баргузор гардад, то ки дар рафти он хусусият, аломат ва нишонаҳои ҳодисаи дар айни ҳол омӯхташавандаи забони тоҷикӣ маънидод карда шуда, пас аз

он таъриф ё қоида бароварда шавад, ё ки таърифу қоидаҳои дар китоби дарсӣ гуфта шаванд. Аз ин рӯ, вақти суҳбат хонандагон оҳиста-оҳиста ба саволҳои омӯзгор ҷавоб дода, моҳияти мавзуъро аз мисолҳо фаҳмида, ҳамзамон, доир ба он фикри худро изҳор карда, таҳти ёриву роҳбарии устодашон хулоса мебароранд, ки он хулосаҳо асоси таърифу қоидаи забон ё худ, асоси қоидаи дахлдори имло, ё аломати китобат ба шумор меравaнд. Хулосаи хонандагон бо он таърифу қоидае, ки муаллим аз китоби дарсӣ мегӯяд, мувофиқаву муқоиса шуда, дар натиҷа, дониши зимни чунин амалҳо ба даст овардаи онҳо дақиқу возеҳтар ва бароящон хотирмон мегардад.

Барои омӯзгор донистани роҳу равишҳои суханварӣ, ки муҳим ба ҳисоб мерафт, аз қадим то ин ҷониб дар таърихи тамаддуни мо ин талабот вуҷуд дошт ва дар муҳимтарин китобҳои тарбиявӣ ва таълимии мо ишораҳои сареҳе ба он шудааст. Унсурулмаолии Кайковус доир ба суханронӣ ва нутқи сареҳи омӯзгор чунин гуфтааст: «Эй писар, бояд, ки мардум сухандону сухангӯй бувад ва аз бадон сухан нигоҳ дорад. Аммо ту, эй писар, сухан рост гӯй ва дурӯғгӯй мабош ва хештан ба рост гуфтан маъруф кун, то агар ба зарурат дурӯғе аз ту бишнаванд, бипазиранд. Ва ҳар чӣ гӯйӣ, рост гӯй. Валекин рости ба дурӯғ монанд магӯй, ки дурӯғи ба рост монанд беҳ, ки рости ба дурӯғ монанд, ки он дурӯғ мақбул бувад ва он рост номақбул». Дар идома Кайковус зикр мекунад, сухане, ки ба шогирд ва ё мардум гуфта мешавад, бояд наку ва дар зеботарин ваҷҳ ифода шавад, чунки агар сухан мақбулу писанд нафтад, шунаванда ва ё шогирду хонанда эътиқодашон аз устод мегардад ва минбаъд дар дарсҳо беэътиноӣ намуда, ба омӯзгор такя намекунанд: «Сухан, ки бар мардумон намоӣ, накутарин намой, то мақбул бувад. Мардумон дараҷаи ту бишиносанд, ки бузургону хирадмандонро ба сухан бидонанд, на суханро ба мардум, ки мардум ниҳон аст зери сухани хеш... Ва сухан бувад, ки бигӯянд ба иборате, ки аз шунидани он руҳ тоза шавад ва ҳамон сухан ба иборате дигар битавон гуфт, ки руҳ тира гардад».

Аз ин гуфта чунин бардошт кардан мумкин аст, ки нутқи муаллим дар тарвиҷи улум ҳам дар мактаби миёна ва ҳам дар донишгоҳ нақши муҳим дорад. Ва чигунагии суҳбат кардани омӯзгор ба сатҳи фарҳанг ва ҷаҳонбинию ахлоқи ӯ вобастагии амиқ дорад. Маълум мешавад, ки барои омӯзиши ҳар илм, ҳам илмҳои дақиқ ва ҳам илмҳои ҷамъиятӣ, омӯзгор бояд сухандон ва суханпарвар бошад, чунки омӯзиши ҳар навъи илм роҳи ягонаи ифода дорад, ки он ҳам забон аст. Яъне, як омӯзгори фанни кимиё, физика, математика, информатика, дар баробари доштани дониши фаровони тахассусӣ, ҳамчунин, бояд забондон бошад. то манзури худро ба хонанда дар сатҳи олӣ расонида тавонад. Ҳар қадар нутқи омӯзгор фасеҳу балеғ бошад, хонандагон фанни ӯро беҳтар мефаҳманд ва агар омӯзгор сухандон набошад ва фарҳанги комили суханварӣ ва наттоқӣ надошта бошад, дар тадриси фанни худ омӯзгори муваффақ шуда наметавонанд.

Донистани забон танҳо барои омӯзгорони забону адабиёт нест, барои ҳамаи омӯзгорону устодон зарур аст. Забон, махсусан, забони тоҷикӣ гузашта аз он ки як фанни таълимӣ аст, ҳамчунин, воситаи таълим низ ҳаст ва ҳамаи фанҳо ба воситаи унсурҳои забонӣ – калима, ибора, ҷумла ва матн фаҳмонида мешаванд. Масалан, дар дарси адабиёт омӯзгор ба воситаи хониши адабӣ нутқи шогирдонро мураттабу равон карда, ҳангоми тадрис бояд аз худ малакаи комили омӯзгорӣ нишон диҳад ва мавзуъро дар сатҳи олӣ гузарад.

Бинобар ин, вазифаи дарсҳои хониши адабӣ, пеш аз ҳама, ба хонанда омӯзонидани хониши ифоданок ва тавассути он инкишофи қобилияти нутқ, бо оҳанги ба хонанда фаҳмо манзур доштани мазмун ва моҳияти асари бадеӣ буда, дар навбати худ, шинос кардани шогирдон бо воситаҳои санъати бадеӣ, аҳаммияти онҳо дар таъсирнокии сухан ва кушода додани симои ботинии қаҳрамони асар мебошад. Ба ҳамин хотир, ба омӯзгор зарур аст, ки аз машғулиятҳои аввалини дарсҳои хониши адабӣ хонандагонро ҷиҳати бехато, ифоданок хондани матн ва мазмуни матнро бодиққат фаҳмида гирифтан ҳидоят намояд. Дар дарсҳои хониши адабӣ нутқ ва сухани омӯзгор нақши ҳалкунанда мебозад. Омӯзгор ҳиссиёту ҳаяҷон, муносибату муколамаҳои асари бадеиро бояд бо оҳанги гуфтор, ҳолат ва имову ишораҳои худ ба шогирдон нишон дода тавонад. Омӯзгор дар санъати хониш ва қироати шеър бояд мумтоз бошад. Ӯ бояд ин гуна ҳунару маҳоратро дошта бошад, вагарна дарсҳои вай хушку бетаъсир ва дилгиркунанда мегузаранд. Аввал, бо лаҳни гуфтор, тарзи қироат ва садои дилкаш диққати хонандагонро ба дарс ҷалб намояд. Дувум, шавқу завқи онҳоро ба хондани асарҳои бадеӣ афзун гардонад ва малакаву маҳорати хушхониву хушбаёниро дар вуҷуди онҳо ҷой карда тавонад. Яъне, бо фораму шево хондани омӯзгор, дар хонандагон шавқу ҳаваси шеърхониву шеърфаҳмӣ пайдо шуда, рушд мeёбад, зеро хонанда дар ифоданок хондани шеър ба оҳанги он гӯш андохта, ҳаловат мебарад ва ғизои маънавӣ мегирад.

Баъзан мешавад, ки омӯзгорон аз беодобӣ ва нахондани шогирдони худ шикоят мекунанд ва онҳоро таъну маломат мекунанд, аммо фикр намекунанд, ки ҳамаи мушкили нахондани онҳо

ба устод ва омӯзгор вобаста аст. Агар омӯзгор касби худро дӯст дорад ва аз болои худ кор карда, ҳамеша дар пайи ҷӯстани маълумоти ҳаматарафаи хуби таълимӣ бошад ва ба шогирдон нозукиҳои фарҳанги нутқи омӯзгориро риоят намояд, шогирдон худ ба омӯзгор ва дарси ӯ моил мешаванд ва ғизои маънавӣ мегиранд. Омӯзгор на танҳо дар суханварӣ, балки аз ҳамаи ҷиҳатҳои дигар низ бояд барои шогирди худ намуна бошад ва кӯшиш кунад, ки на танҳо ба дониш, балки ба сарулибос ва ба зоҳири худ низ аҳаммият диҳад, чунки омӯзгоре, ки аз ин ҷиҳат музайяну ороста нест, муваффақ намешавад. Дар баробари дониш, шогирдон ба намуди зоҳирии омӯзгор низ таваҷҷуҳ мекунанд. Агар дар зоҳири ӯ нақсе ҷой дошта бошад, агар донишманд ҳам, ки бошад, шогирдон ба чашми тамасхур ба ӯ менигаранд.

Имрӯзҳо бо рушди васоити техникии иттилоотӣ шогирдон аз ҳамаи чиз бохабар ҳастанд ва шогирди имрӯзро бо дониши кам ва нокифоя қонеъ кардан ғайримумкин аст. Бинобар ин, қудрати истеъдоди омӯзгор бояд дар дарс аз ҳамаи воситаҳои иттилоърасон (копютер, телефон, энтернет) болотар бошад, то шогирдон аз он маводи дар баъзе ҳолат нодурусте, ки аз ин воситаҳои иттилооотӣ ба даст меоранд, даст кашида, даст ба домони омӯзгор ва дониши ӯ бизананд ва дониши фарох бигиранд.

Аз таҳқиқи иҷмолии ин мавзуъ чунин натиҷа ба даст меояд, ки масъалаи фарҳанги нутқи омӯзгор аз қадим низ диққати аҳли адабро ба худ ҷалб карда буд ва онҳо барои муассирии нутқ аз роҳу воситаҳои гуногуне кор гирифтаанд. Бо вуҷуди рушди бемайлони илму техникаи муосир, ниёз ба нутқ ва сухани омӯзгор ҳанӯз боқист, зеро ҳеҷ воситаи дигар ҷойи нутқи омӯзгорро гирифта наметавонад. Сухан дар таълим таъсири дигар дорад, агар омӯзгор фарҳанги баланди суханварӣ дошта бошад.

Дар баробари донистани фанҳои тахассусӣ, ҳамчунин, омӯзгоронро лозим аст. ки забондон бошад ва аз унсурҳои гуногуни ифтодаи фикр ва баёни мавзуъ хуб огоҳ бошанд. Надонистани забон омӯзгорро ноком мегардонад, чунки роҳи тадриси ҳамаи фанҳои дигар фақат забон аст. Агар меъёрҳои забон дар таълим хуб риоя шавад, шогирдон матлаби омӯзгорро хуб ва ба дурустӣ мефаҳманд. Барои он ки омӯзгор соҳибэҳтиром бошад ва боиси пайравӣ шавад, бояд улгу ва намуна барои шогирдони худ бошад, ӯро лозим аст, то дар баробари донистани соҳаи худ, сухандону суханвар низ бошад.

**АДАБИЁТ:**


1. Абу Хамид ал-Газали. Исследование сокровенных тайн сердца. / Пер. с арабского. – М.: «Ансар», 2006. – 472 с.
2. Абуҳомид Муҳаммад ибни Муҳаммади Ғазолӣ. Эҳё-ул-улуми-д-дин. – 2008. – 264 с.
3. Алиев, М.Т. Андешаҳои тарбиявии Имом Муҳаммад Ғазолӣ. – Душанбе: Эҷод, 2008. – 116 с.
4. Афзалов, Х., Раҳимов, Б. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик. Душанбе: Маориф, 1994.
5. Доират-ул-маорифи бузурги исломӣ // Мақолаи Шарофуддини Хуросонӣ.- Ҷ. 3. – Теҳрон: Маркази Доират-ул-маорифи бузурги исломӣ, 1369 ҳ.ш. –743 с.
6. Имом Абӯҳомид Муҳаммад Ғазолӣ. «Насиҳат-ул-мулук» – Душанбе: «Ирфон», 1993. – 144 с.
7. Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. Маснавии маънавӣ. – Теҳрон. – 728 с.
8. Саъдии Шерозӣ. Гулистон. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2009. – 232 саҳ.
9. Саъдии Шерозӣ. Бӯстон. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008.
10. Унсурулмаолии Кайковус. Қобуснома. Таҳия, пешгуфтор ва тавзеҳоти Мирзо Муллоаҳмад ва Меҳрӣ Шарофова. – Душанбе: Маориф, 2016. – 240 с.
11. Ҳоҷиев, С. Методикаи таълими забони тоҷикӣ// С. Ҳоҷиев. – Душанбе: Нури маърифат. – Хуҷанд. – 400 с.
12. Кабиров, Ш., Тӯраҳасанов, Қ., Аюбова, М., Саидҷаъфаров, О., Қурбонов, С. Забони тоҷикӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 240 с.
13. Шоев, Ф. М. Аҳамияти омӯзиши ақидаҳои давлатӣ-ҳуқуқии Муҳаммади Ғазолӣ дар замони муосир // Масъалаҳои назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ (7-уми декабри соли 2020). – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. – С. 175-187.
14. Шоев, Ф. М. Муҳаммади Ғазолӣ ва таълимоти давлатию ҳуқуқии он // Олимони ҷавон ва илми муосир. Маводи конфронси IV-уми илмии олимон ва муҳаққиқони ҷавони ДДМТ. – Душанбе: Ҳумо, 2004. – С. 98-103.

# «ИҚТИСОДИ САБЗ» – УНСУРИ ИНКИШОФИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ



Алимурод БОБОЕВ – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити ДБССТ

**Марҳалаи нави рушди иқтидорҳои иқтисодии Тоҷикистон аз иқтисоди сабз вобастагии амиқ пайдо намудааст. Ин раванд дар ояндаи наздик ба бахши калидии рушди иқтисодиёт табдил меёбад. Мафҳуми «иқтисоди сабз» аслан давоми ду даҳсолаи охир аст, ки тобиши илмӣ гирифта, вориди ҳавзаи илмҳои иқтисодӣ гардидааст. Аммо, дар ҳамин муддати кӯтоҳи таърихӣ таваҷҷуҳи олимону муҳаққиқони зиёдеро ба худ ҷалб кардааст. Ба вуҷуд омадани иқтисоди сабз ва рушди он на танҳо таваҷҷуҳи донишмандони соҳаи иқтисодиёт, балки ҷомеашиносон, сиёсатшиносон, табиатшиносон, донишмандону муҳаққиқони соҳаҳои энергетика, кишоварзӣ ва технологҳоро низ водор намудааст, то ба ин падида назари жарф дошта бошанд.**

Доир ба мафҳуми «иқтисоди « таърифҳои мухталиф мавҷуд аст, аммо онро ба таври маъмул метавон дар шинохти иқтисодиёти наҷотбахши табиат, иқтисодиёти хусусияти некуаҳволидошта, иқтисодиёти бидуни зарарҳои экосистемаҳо ва сармояҳои вобаста ба онҳо маънидод намуд. Мавҷудияти «иқтисоди сабз» андешаҳои гуногуни илмҳои иқтисодиро фарогир буда, навгонии иқтисодӣ, иқтисоди захиравӣ, иқтисоди экологӣ, иқтисоди муҳити зист, иқтисоди пас аз бозсозӣ, гуногунистеҳсолии безарари кишоварзӣ, сиёсати сабз ва назарияи муносибатҳои байналмилалиро вобаста ба ин дар бар мегирад. Масъалаи мазкур дар ҷаласаи якуми Шурои илм, маориф ва инноватсияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 15 апрели соли 2021 бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардид, мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар ин маврид таъкид гардид, ки муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ фаъолияти илмии худро дар самти коркарди маводи нав ва кристаллҳои сунъӣ бо истифода аз ашёи хоми ватанӣ барои истифода дар соҳаҳои гуногуни техника ва технология, тақвият додани корҳои илмиву технологӣ дар соҳаи физикаи ҳастаӣ ва татбиқи технологияҳои ин соҳа дар иқтисодиёти кишвар, ҳамчунин, нанотехнология ба таври қатъӣ ҷоннок намоянд. Инчунин, дар ҳамкорӣ бо вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, энергетика ва захираҳои об коркарди технологияҳои каммасраф, «энергетикаи сабз», технологияҳои коркарди партовҳо, аз ҷумла, партовҳои радиоактивиро ҷиҳати рушди техника ва технологияҳои муосир вусъат бахшанд.



Илм бо мурури замон рушд меёбад ва фаҳмишҳои илмӣ низ вобаста ба мавҷудият, моҳият, хусусият, афзалият ва дурнамои рушди иқтисоди сабз якранг набуда, характери мухталифро ба худ касб карда истодаанд. Аммо андешаи меҳварӣ ин аст, ки дар фазои имрӯз ва оянда барои инсоният мавҷудияти иқтисоди сабз ва рушди он бисёр заруриву умда мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози иқтисодӣ дар ҳолати рушди босубот қарор дорад. Аз сӯи дигар рушди ояндаи Тоҷикистонро бидуни иқтисоди сабз тасаввур кардан ғайриимкон аст. Захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки дар кишвари мо рушди соҳа беҳбуд ёфта, иқтисоди сабз ба унсури аслии инкишофи иқтисодёти миллӣ табдил меёбад.

Феълан дар Тоҷикистон иқтисоди сабз метавонад дар заминаи ташаккули низоми «энергияи сабз», «долонҳои сабз», «сайёҳии сабз», «саноати сабз», «такрористеҳсолнамоии кишоварзӣ» густариш ёбад. Тавре аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии кишвар бармеояд, Ҳукумати мамлакат ҳадаф гузоштааст, ки бо мақсади расидан ба ҳадафҳои Стратегияи рушди «иқтисоди сабз» чораёни бунёди неругоҳҳои барқи обии «Роғун», «Себзор»-ро тезонида, тавлиди энергияи сабзро вусъати тоза бахшад. Ҳамзамон, дар ин масир бобати бунёди неругоҳҳои барқи обии «Шуроб», «Санобод», «Чарсем» ва хатҳои интиқоли барқ аз ин неругоҳҳо тадбирҳои созандаро рӯи даст гирад. Илова бар ин, бахши дигари рушди иқтисоди сабзро дар истифодабарии самараноки энергияи бодӣ ва офтоб амалӣ кард, зеро кишвари мо аз лиҳози ҷуғрофӣ барои истифодаи ин имкониятҳо дорои шароити мусоид мебошад.

Бунёди силсилароҳҳои хусусияти байналмилалидошта шароиту имкониятҳои хуберо ба вуҷуд овардааст. Тоҷикистон дар ин самт ба кишвари транзитӣ табдил ёфта, рушди «долонҳои сабз» дар мамлакат амалӣ карда мешавад. Ин имкон медиҳад, ки бахши дигари инкишофи иқтисодиёти миллиро даромадҳо аз ҳисоби «долонҳои сабз» таъмин намояд.

Тайи чанд соли охир ба масъалаи рушди сайёҳӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида истодааст. Сохтори татбиққунандаи сиёсати сайёҳӣ низ дар назди Ҳукумати мамлакат таъсис ёфта, инфрасохтори соҳа марҳала ба марҳала бунёд мегардад. Айни замон аз лиҳози ҷуғрофӣ ва имкониятҳои мавҷудаи табиӣ Тоҷикистон имкони ҷалби зиёди сайёҳонро доро мебошад. Аз сӯи дигар, рушди иқтисоди сабз ба воситаи бунёди обанборҳои сунъӣ дар силсиладарёҳои Тоҷикистон ва бунёди мавзеъҳои сайёҳӣ шароитеро фароҳам меоварад, ки кишвари мо ба минтақаи сабз табдил дода шавад. Дар ҳамин замина, ҳамон тавре ки зимни Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии кишвар баён гардид, Тоҷикистон то соли 2037 ба «кишвари сабз» табдил дода хоҳад шуд.

Дар раванди вусъатёбии иқтисоди сабз ба арзишҳои истеъмолӣ ва сифатнокии маҳсулот таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, беҳдошти муҳити зист ҳимоя карда мешавад. Ҳамзамон, исрофкории иқтисодӣ аз байн хоҳад рафт. Барои мисол, агар низоми нақлиётии Тоҷикистон ба нақлиёти электронӣ пурра гузарад, вобастагии мамлакати мо аз сӯзишвории нақлиётӣ, ки хусусияти воридотӣ дорад, аз байн рафта, имкониятҳои иқтисодӣ бо истифода аз манбаъҳои энергетикӣ дар дохил гардиш ёфта, исрофкориҳои иқтисодӣ коҳиш меёбанд.

Дар раванди ташаккули иқтидорҳои иқтисоди сабз шароите муҳайё мегардад, ки фаъолноккунонии иқтисодӣ ва маърифати молиявии ҷомеа рушд ёфта, унсурҳои худсозии иқтисодии шаҳрвандон хусусияти ташаккулёбиву инкишофпазириро бо худ касб намуда, сатҳи камбизоатӣ бомаротиб поён хоҳад ёфт. Талошҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолгардонии иқтидорҳои иқтисодӣ, аз ҷумла, иқтисоди сабз раванди мусбат дошта, мо боварии комил дорем, ки ин ҷараён дарояндаи наздик кишварро аз вобастагиҳои иқтисодӣ ба таври мунтазам раҳо менамояд. Аз ҷумла, дар доираи иҷрои вазифаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2021 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037 таҳия гардида, 30 сентября соли 2022 ба тасвиб расид. Мақсади стратегияи мазкур гузаронидани ислоҳоти институтсионалӣ, таъмини истифодаи самараноки сармояи табиӣ, ҷалби сармоягузорӣ, роҳандозии технологияи муосиру инноватсионӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти иқтисоди сабз мебошад. Ҳаҷми маблағгузрории Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» 21,6 млрд. сомониро пешбинӣ намудааст, ки дастгирии сармоягузории институтҳои молиявӣ ва шарикони рушд нақши калидӣ дорад. Вобаста ба ин, аз шарикони рушд даъват ба амал оварда шуд, ки барои татбиқи саривақтӣ ва сифатноки Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037 саҳми арзандаи худро гузоранд.

Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037 ҷиҳати амалӣ намудани ҳадафу вазифаҳои дар бахшҳои он муайянгардида ба панҷ марҳала тақсим мегардад:

- марҳалаҳои якум ва дуюм (солҳои 2023-2025 ва солҳои 2026-2028) чорабиниҳо дар самти оммавигардонии маълумот оид ба иқтисоди «сабз», таълим ва ташаккули тафаккури иқтисодию экологӣ, ҷорӣ намудани принсипҳои «иқтисоди сабз» дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, риоя намудани онҳо ҳангоми қабули қарорҳои идоракунӣ ва оғози амалигардонии стандартҳои иқтисоди «сабз» дар соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодии кишварро дар бар мегирад, ки барои онҳо маблағгузории давлатӣ ва шарикони рушд зарур аст;
- марҳалаҳои сеюм ва чорум (солҳои 2029-2031 ва солҳои 2032-2034) чорабиниҳо дар самти ҷорӣ намудани принсипҳои «иқтисоди сабз» дар соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, нақлиёту

инфрасохтор, сохтмон, хоҷагию манзилии коммуналӣ, сайёҳӣ, сармоягузорӣ, ҳифзи муҳити зист ва кам кардани газҳои гулхонаӣ, инчунин, идомаи таҳкими асосҳои институтсионалии иқтисоди «сабз» дар кишварро дар бар мегирад;

- марҳалаи панҷум (солҳои 2035-2037) чорабиниҳо дар самти рушди иқтисоди «сабз», нигоҳ доштан, афзун намудан ва истифодаи босуботи сармояи табиӣ ва афзоиши сармоягузорӣ дар асоси принсипи «иқтисоди сабз»-ро дар бар мегирад. Дар ин марҳала бозори рушдкардаистодаи сармоягузории «сабз» дар кишвар ташаккул меёбад.

Дар ин асосҳо ва бо мақсади рушди «иқтисоди сабз», мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, кам кардани партовии газҳои гулхонаӣ, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва ҷалби сармояю технологияҳои каммасраф «Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037» қабул гардида, дар 15 соли минбаъда мавриди амалисозӣ қарор мегирад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки ҳадафи асосии саноатикунонии босуръати кишвар ташаккул додани саноати миллии рақобатпазир ва дар асоси он ба сатҳи сифатан баланд бардоштани тамоми иқтисоди миллӣ ва таъмини некуаҳволии мардуми кишвар ба ҳисоб меравад. Дар доираи амалисозии ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар пешбинӣ мегардад, ки то соли 2030 ҳиссаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба сатҳи 30 фоиз расонида мешавад ва дар баробари ноил гардидан ба ин нишондиҳанда амалишавии васеи иқтисоди «сабз» дар соҳаи саноат муҳим арзёбӣ кардан мумкин аст.

Дар соли 2021 теъдоди корхонаҳои саноатӣ ба 2 386 адад расонида шудааст, ки аз он 291 адад корхона дар самти саноати истихроҷ, 1 931 адад корхона дар самти саноати коркард, 72 адад корхона дар самти таъминоти неруи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво ва 92 адад корхона дар самти таъминоти об, тозакунӣ, коркарди партовҳо ва дастрасӣ ба коркарди дуюмдараҷа фаъолият менамоянд.

Дар тӯли панҷ соли минбаъда (то соли 2026) таъсиси зиёда аз 870 корхонаи саноатӣ (ба ҳисоби миёна 175 корхона дар як сол) ва расонидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 95 миллиард сомонӣ пешбинӣ гардидааст. Ҳамзамон, ба экология партовҳои корхонаҳои кимиёвӣ, ки 35 ҳазор тонна партовҳои сахти маиширо дар як сол ташкил медиҳад, таъсири манфӣ мерасонанд. Вобаста ба ин, дар раванди рушди иқтисоди «сабз» коркарди партовҳои сахти маишӣ ва саноати муҳим ва афзалиятнок арзёбӣ мегардад.

Дар баробари расидан ба ҳадафҳои рушди устувор ҳоло ҳам мушкилоти ин соҳа ба назар мерасад, ки беҳбуд бахшидани он аз ҷониби коршиносон ва олимони соҳа масъулияти баландро тақозо менамояд:

- сатҳи нокифояи истифодаи технологияи муосири каммасрафу бепартов дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мушкилоти нигоҳдорӣ ва коркарди партовҳои сахти маишию саноатӣ;
- мукаммал набудани стандартҳои экологӣ нисбат ба фаъолияти корхонаҳои саноати истихроҷ ва коркард;
- сатҳи нисбатан пасти роҳандозии менеҷменти экологӣ дар корхонаҳои саноатӣ;
- истифодаи таҷҳизоти фарсуда ва энергияталаб дар баъзе корхонаҳои соҳаи саноат;
- ақибмонии техникию технологӣ ва дараҷаи баланди фарсудашавии моддию маънавии таҷҳизоти саноатӣ дар корхонаҳое, ки то давраи истиқлоли ҷумҳурӣ сохта шудаанд;
- коркарди нокифояи саноатии маҳсулоти кишоварзии аз ҷиҳати экологӣ тоза;
- сатҳи нокифояи рақобатпазирӣ ва диверсификатсияи маҳсулоти саноатӣ;
- норасоии мутахассисони баландихтисос, ба монанди менеҷерони сатҳи баланд ва менеҷменти миёнаи дорои донишҳои самти иқтисоди «сабз»;
- сатҳи нокифояи ҳамкориҳои дохиливу байниминтақавӣ ва рушди муносибатҳои кластерӣ вобаста ба роҳандозии истеҳсолоти бепартов.

Рушди иқтисоди сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати самти стратегӣ ва омили муҳимми рушди устувори кишвар дар шароити муосири ҷаҳонӣ аҳаммияти назаррас дорад. Ин раванд на танҳо ҳамчун як модели нави иқтисодӣ, балки ҳамчун воситаи муҳимми ҳифзи муҳити зист, таъмини амнияти энергетикӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии иҷтимоӣ баромад мекунад. Моҳияти иқтисоди сабз дар он аст, ки рушди иқтисодро бо ҳифзи табиат, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои каммасраф ва тоза ҳамоҳанг месозад. Рушди он имкон медиҳад, ки иқтисодиёти миллӣ ба низоми муосир, инноватсионӣ ва экологӣ мутобиқ шуда, Тоҷикистон ба кишвари дорои рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ табдил ёбад.

# ТАРБИЯИ ҒОЯВИЮ МАФКУРАВӢ ВА ВАТАНДӮСТИИ ДОНИШҶӮЁН



**Амоншо ПАЛАВОНОВ – муаллими калони кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Идеология низоми арзишҳову ғояҳои иҷтимоии ба таври назарӣ ташаккулёфта буда, манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоиро инъикос менамояд, ки бар асоси он муносибатҳои одамон нисбат ба воқеияти иҷтимоӣ дарк ва баҳогузорӣ карда мешаванд ва ё ҳамчун шаклҳои муқарраргардидаи ҳокимият эътироф шуда, барои субот ё тағйири муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҳамбастагии мардум хидмат мекунад. Аввалин маротиба мафҳуми идеология дар асрҳои XVIII-XIX аз тарафи мутафаккири фаронсавӣ Дестют де Траси ба илм ворид карда шудааст.**

Нақш ва мақоми Консепсияи миллии тарбия барои муайян намудани дурнамои рушди тарбияи миллии аҳолӣ, махсусан, ҷавонон хеле муҳим ва арзишманд мебошад. Мақсад ва ҳадафи Ҳукумати Тоҷикистон, хосатан, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба он равона гардидааст, ки ҳамаҷониба баҳри ташаккули шахсияти ҷавонон таваҷҷуҳ дошта бошем ва дар дили насли ҷавон меҳру садоқат ба арзишҳои миллӣ, эҳсоси ватандорӣ ва ватанпарвариро афзун намоем, ки дар амалӣ гардонидани ин нишондодҳо бевосита ташаккули тарбияи ғоявӣ (идеявӣ) ва сиёсӣ ба сифати унсурҳои муҳимми таркибии тарбияи миллӣ нақши муассир дорад.

Консепсияи миллӣ тарбияи идеявӣ (ғоявӣ) як навъ категорияи ахлоқӣ ба шумор рафта, мақсад ва ҳадафи он ташаккули ғояи миллӣ дар шуури шаҳрвандон мебошад. Дар ин радиф вазифаи асосии онро, пеш аз ҳама, ҳимояи арзишҳои Истиқлоли давлатии Тоҷикистон, бунёд ва таҳкими ҷомеаи демократӣ, эҳёи арзишҳои миллӣ, ва ниҳоят ба давлати мутараққии ҷаҳон табдил ёфтани Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Ҳукумати мамлакат дар самти ба тарбияи худшиносии миллӣ фаро гирифтани шаҳрвандон, ба хусус, ҷавонон, таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, дар пешрафту шукуфоии Ватан саҳми ҷавононро муҳим арзёбӣ мекунад. Боиси нигаронист, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ гурӯҳҳои хатарзо дар пайи нобуд сохтани фарҳангу арзишҳои миллии халқҳои мухталиф камар баста, тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ аз хориҷи кишвар фаъолият карда истодаанд. Мутаассифона, чунин гурӯҳҳои ифротгаро барои расидан ба ҳадафҳои нопок аз дини мубини ислом сӯиистифода намуда, ҷавонони зудбоварро зуд ба доми фиреби худ гирифтор мекунанд. Аз ин лиҳоз, бояд ҷавононро дар руҳияи худшиносии миллӣ тарбия намуда, онҳоро ба омӯзиши илмҳои судманд ҷалб кардан лозим аст, зеро ягона роҳи ҷилавгирӣ аз гароиши ҷавонон ба ин гуна гурӯҳҳои террористиву ифротӣ дар такомулу таҳаввули худшиносии миллӣ мебошад.



Дар партави дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои бартараф кардани омилҳои иҷтимоии зуҳури ҷинояткорӣ дар ҷомеа, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии ҷавонону наврасон ва ба талаботи замони муосир ба роҳ мондани таълиму тарбия ва ҳамзамон, ҳифзи

ҳуқуқу озодиҳои онҳо як силсила санадҳои муҳимми меъёриву ҳуқуқӣ ба тасвиб расидааст. Яке аз чунин санадҳои муҳим Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» мебошад. Нақш ва манзалати ин қонун дар тақвияти масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд басо муҳим ва назаррас арзёбӣ мегардад.

Ояндаи миллат аз таълиму тарбияи дурусти фарзанд вобаста аст ва бинобар ин, волидонро мебояд, ки зиракии сиёсиро аз даст надода, пайваста дар талош бошанд. Дар амалӣ намудани меъёрҳои қонуни мазкур бетарафиро ихтиёр накарда, баръакс, кӯшиш намоянд, ки дар чаҳорчӯбаи он амал намоянд, зеро ин қонун тамоми масъалаҳои таълиму тарбияро дар бар мегирад ва як воситаи ёрирасон барои волидайн дар таълиму тарбияи фарзанд гаштааст. Бидуни таълиму тарбия тартиботи ҷомеаро наметавон пойдору устувор кард ва ба ояндаи дурахшони давлату миллат бо эътимод умед баст.

Бо дарназардошти ин, бо мақсади боло бурдани руҳияи худшиносӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, ки бевосита ба масъалаи ташаккули тарбияи идеявӣ-сиёсии ҷавонон дар ин марҳала бештар омӯзгорон масъул ва вазифадоранд, моро зарур аст чунин корҳоро ба анҷом расонем:

1. Сиёсати давлатии ҷавонон аз нигоҳи идеологӣ системаи муносибатҳо ва ифодаи неруи зеҳнӣ ва маънавии шаҳрвандони ҷавонест, ки манфиатҳои давлатро ба нафъи ҷомеа ва рушди минбаъдаи он ифода ва ҳифз менамоянд. Мутаносибан, сиёсати давлатии ҷавонон идеологияи давлатӣ дар байни ҷавонон дониста мешавад ва объекти он – ҷавонон мебошанд. Дар баробари ин, татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон метавонад рушди бомуваффақияти идеологияи миллиро таъмин намояд.

2. Рушди ояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавонони равшанфикр вобаста аст, ки бояд барои пойдории сулҳу субот саъй намуда, ба таъсири мафкураи беруна, аз ҷумла, идеологияҳои нокомили ҷомеаи муосир наафтанд.

3. Рушд ва ташаккули пояи устувори сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давлат бештар ба ҷавонон вобаста аст. Ҳадаф ва принсипҳои идеологӣ, аз қабили ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ҷавонон, рушди маънавию фарҳангӣ ва иҷтимоӣ, фароҳам овардани имкониятҳои васеъ барои интихоби роҳи ҳаёт, иштироки ҳамаҷонибаи ҷавонон дар раванди ташаккул ва татбиқи сиёсат ва ғайра аз ҷониби ташкилотҳои гуногуни кор бо ҷавонон амалӣ мегарданд. Ин раванд ташаккули идеологии ҷавононро таъмин намуда, дар навбати худ иштироки онҳоро дар таҳкими идеологияи давлатӣ фаъол мегардонад.

4. Дастгирии иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим дониста шуда, қисми зиёди сиёсати давлатии ҷавононро фаро мегирад. Татбиқи сиёсати иҷтимоии ҷавонон воситаи таҳким ва ҷорӣ намудани рукнҳои идеологӣ дар байни табақаҳои ниёзманд ва осебпазири ҷомеа мебошад. Дар доираи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дастгирии иҷтимоӣ дар шакли машварат оид ба ҳалли мушкилот, расонидани кумаки моддию пулӣ, бо манзили зист таъмин намудан, мусоидат ба хонадоршавӣ, табобат ва ғайра амалӣ мегардад.

5. Бо татбиқи барномаҳои гуногуне, ки ба дастгирӣ ва қадр кардани истеъдоди ҷавонон нигаронида шудаанд, бидуни ба назар гирифтани ҷанбаҳои идеологӣ онҳоро дар руҳияи ватандӯстӣ, худогоҳӣ ва ҳисси амиқи эҳтиром намудани муқаддасоти миллӣ ҳавасманд ва тарбия кардан мумкин нест.

6. Таҳлил ва баррасии воқеаҳои таърихии гузашта, марҳалаҳои таърихии давлатдории тоҷикон, шинохти ҳувияти миллӣ, руҳияи мардонагии аҷдодони шарифи мо, қаҳрамониву шуҷоати онҳо дар ҳифзи Ватан, арзишмандии мероси фарҳангиву динӣ, истиқлоли сиёсии давлат, рушди давлатдории тоҷикон, ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997, Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Созишномаи сулҳ ва ризоияти миллӣ, нақш ва мақоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккули давлати навин, ҳифзи арзишҳои миллӣ, таҳкими некуаҳволии мардум, худшиносиву ватандӯстии ҷавонон ва демократия, садоқат ба фарҳанги миллӣ, ҳифзи насли наврас аз хатарҳои шомил шудан ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ, зиракии сиёсии ҷомеа, муқаддас донистани рамзҳои давлатӣ ва арзишҳои миллӣ ва амсоли ин масъалаҳо ба ҳисоб меравад.

7. Дар бобати боло бурдани руҳияи худшиносӣ-инсондӯстии ҷавонон аёдати пиронсолону маъюбон ва кӯдакони бепарастор расонидани ёрии моддӣ ба онҳо нақши муҳим дорад. Инчунин, ташкил кардани воҳӯрӣ, мизҳои мудаввар, чорабиниҳои адабӣ, конфронсҳо, семинару

барномаҳои фарҳангӣ бахшида ба санаҳои таърихӣ дар муассисаҳои таълимӣ аз манфиат холӣ нест.

8. Дар муассисаҳои таълимӣ пайваста гузаронидани чорабиниҳои идеологӣ-сиёсӣ оид ба пешгирии ҳодисаҳои номатлуб дар байни донишҷӯён, гаравиши ҷавонон ба ҳаракату равияҳои бегонаву хатарнок, ба қочоқ ё фурӯши маводи мухаддир даст задании онҳо, қонуншиканӣ, шомил шудан ба гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ ва тақлид ба расму ойин ва тарзи либоспӯшии барои мардуми мо бегона дар дарсҳои тарбиявӣ аз ҷониби декани факултаҳо, муовинони декан оид ба тарбия ва сарпарастон муҳокима ва баррасӣ карда шаванд. Вобаста ба ин мавзуъҳо, мунтазам баргузор намудани вохӯрии донишҷӯён бо намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, прокуратура, шуъбаи пешгирии ҷинояти коррупсионии Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардонида шавад.

9. Дар муассисаҳои таълимии кишвар бо гурӯҳҳои таълимӣ гузаронидани машғулиятҳои тарбиявӣ дар мавзуъҳои «Экстремизм – зуҳуроти манфури иҷтимоӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ», «Ифротгароӣ ва терроризм – хилофи мазҳаби ҳанафӣ», «Экстремизми динӣ ва оқибатҳои фоҷиабори он дар ҷомеа», «Ҷинояткорӣ дар байни ҷавонон ва роҳҳои пешгирии он», «Фарзанди хуб – боғи падар, фарзанди бад – доғи падар» ва ғайра.

10. Барои омӯзиши ҳаматарафаи афкори сиёсию идеологии давлат ва ҷомеа аз тамоми воситаҳои ахбори омма: радио, телевизион, матбуоти даврӣ, интернет, рӯзномаю маҷаллаҳо ва ҳамзамон, дигар воситаҳои тарғиботию ташвиқотӣ ва фарҳангӣ ба мисли театр ва кино васеъ истифода намудан ба манфиати кор мебошад.

Ҳамин тариқ, барои баланд бардоштани тарбияи ғоявӣ-сиёсии ҷавонон тибқи нишондоди Консепсияи миллии тарбияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба иҷро расонидани вазифаҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон, дар масъалаи тарбия, маърифатнокӣ ва дар маҷмуъ рушди комили ҷавонон дар шароити ҷомеаи муосир натиҷаҳои мусбат хоҳад дод. Ҳамзамон, мебояд таъкид кард, ки нишондодҳои тавсиявии беҳдошти кори идеологӣ барои ҳамаҷониба баланд бардоштани тарбияи ғоявӣ-сиёсии ҷавонон дар замони муосир метавонанд мусоидат намоянд.

Таълиму тарбия равандест, ки бояд дар ҳамбастагӣ ба роҳ монда шавад ва он пайваста зина ба зина амалӣ гардад. Агар каме таъхир намоем, таълиму тарбияи мо самараи хуб ба бор намеорад. Ҳар як падару модарро зарур аст, ки ин вазифаи ҷонӣ ва қарзи шаҳрвандии худро хуб дарк намуда, фарзандони худро бо роҳи дуруст, анҷоми амалҳои нек, омӯзиши илму ҳунар ва азхуднамоии техникаву технологияҳои муосир, ширкати фаъолона дар корҳои ҷамъиятӣ ва ободониву созандагии Ватани азизамон – Тоҷикистон, ҳидоят кунанд ва тавонанд, ки дар оянда аз фарзандони содиқу номбардори миллати худ ифтихор намоянд.

**ҶОЙГОҲИ ДАВЛАТ**

Ҳамчун ҳабиби давлат, ҳамчун сипоҳи давлат,
Қарзе азим дорам, дар пешгоҳи давлат.
Асрори мулкдорӣ «тафсири ин ду ҳарф аст»,
Давлат паноҳи мардум, мардум паноҳи давлат.
Давлат ҳамин ману ту, ин марзу ин диёр аст,
Ҳар санг лаъл бошад андар нигоҳи давлат.
Ҳар фард як ҷаҳон аст, як узви хонадон аст,
Гар бингарӣ ба мардум аз дидгоҳи давлат.
Бе пойгоҳи давлат миллат бақо надорад,
Таърих худ гувоҳ аст аз ҷойгоҳи давлат.

**Абдуллоҳи РАҲНАМО**

# БАҲОГУЗОРӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ДОНИШИ ХОНАНДАГОН



**Дилафрӯз ТАЛБАКОВА – директори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №89, ноҳияи Сино**

**Мақсад аз амалӣ сохтани тамоми иқдомот дар самти рушди илму маориф, баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии миллат, мунтазам беҳтар гардонидани сатҳу сифати таълим ва тарбияи кадрҳои ба талаботи замона ҷавобгӯй мебошад.**

**Эмомалӣ РАҲМОН**

Шаффофият ва масъулияти баланд доштани омӯзгор дар баҳогузорӣ ба донишҳои шифоҳӣ ва хаттии хонандагон омили муҳимму асосии муайян кардани сатҳу сифати дониши хонандагон ба шумор меравад. Дар ин радиф бояд масъулияти омӯзгор, хонанда ва волидайн дар мадди назар қарор дошта бошад: омӯзгор бояд худомӯзии васеъ дошта, тавассути усулу методҳои гуногуни таълимӣ шогирдонро ба донишҳо мусаллаҳ гардонад; хонанда ба донишомӯзи шавқу баланд дошта бошад; волидайн ҷиҳати бо донишҳо мусаллаҳ гардидани фарзанд бо масъулият аз омӯзиши фарзанд ҷиддан назорат бурда, бо муассиса таълимӣ ҳамкории зичу ногусастанӣ зоҳир намояд.

Оинаи фаъолияти хонанда барои волидайн дафтардорӣ ва рӯзномадории хонанда аст ва маҳз аз вазъи истифодаи дафтарҳо ва рӯзномадориаш бохабар мешаванд. Бо ин мақсад ҷиҳати тақвияти корҳо дар самти назорати фаъолияти хонандагон дар муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе шурӯъ аз соли 2020 тибқи қарори Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ аз 06.08.2020, №409 «Дар бораи татбиқи барномаи электронии «e-Donish» дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе» шакли назорат ба фаъолияти хонанда (сари вақт ба мактаб омадану аз мактаб баромадан, аз кадом фан баҳо гирифтан, баҳоҳои ҷамъбастии чорякӣ, нимсола, солона, аттестатсия, супоришҳои алоҳидаи омӯзгорон ё роҳбари синф, маъмурият ва ғайра) тариқи барномаи электронии «e-Donish» давра ба давра ба роҳ монда шуд, ки ин аз волидайн ва омӯзгорон ҷиҳати ба таълим ва тарбия машғул шудани мактабхонҳо масъулияти бештарро тақозо менамояд.

Чун ба низоми татбиқи барномаи электронии «e-Donish» айни ҳол муассисаҳои таълимии



берун аз шаҳри Душанбе пайваст нестанд, ин ҳолат назорати ҳолати истифодабарии дафтарҳои синфӣ, журналҳои синфӣ, рӯзномаҳои хонандагон масъулиятро аз зиммаи волидайн ва омӯзгорон дур месозад. Вобаста ба ин, мехоҳам, ҷиҳати роҳандозии назорат аз болои тартиби коргузорӣ ва истифодабарии дафтарҳо, рӯзнома ва журналҳои синфӣ, риояи талаботи баҳогузории омӯзгор ба донишҳои хаттии шогирдон аз таҷрибаву мушоҳидаҳои худ чанд маълумот пешниҳод намоям.

Хонанда аз фанҳои алоҳида (аз ҷумла, забони тоҷикӣ, адабиёти тоҷик, забони русӣ, забони хориҷӣ, математика) дафтарҳои даврӣ ва корҳои санҷишӣ дошта бошад ва онҳо бояд мунтазам аз ҷониби омӯзгор санҷидаю баҳогузорӣ карда шаванд. Дафтарҳои даврӣ ва корҳои санҷишӣ (диктант, иншо-эссе, корҳои санҷишӣ, лабораторӣ) ҳар ҳафта ё ҳар 4-5 рӯз як бор аз ҷониби

омӯзгори фан санҷида, дастраси хонандагон карда мешаванд. Сароғоз муқоваи дафтарҳо бояд равшану саҳеҳ, бо сабти маълумоти зарурӣ пур карда шаванд:

| | |
|---|---|
| № 1 (2)<br>Дафтар барои корҳои хаттӣ аз фанни забони тоҷикӣ, аз хонандаи синфи 6 (а, б, в) муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №89, ноҳияи Синои шаҳри Душанбе<br>Собирзода Анис Шариф | Дафтар барои корҳои санҷишӣ аз фанни забони тоҷикӣ, аз хонандаи синфи 6 (а, б, в) муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №89, ноҳияи Синои шаҳри Душанбе<br>Собирзода Анис Шариф |
| Дафтар барои иншо (эссе) аз фанни адабиёти тоҷик, аз хонандаи синфи 6 (а, б, в) муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №89, ноҳияи Синои шаҳри Душанбе<br>Собирзода Анис Шариф | |

Тартиби кор дар дафтарҳои даврӣ чунин сурат гирад, беҳтар аст:

15-уми апрели соли 2025

*Мавзуъ: Калимаҳои мураккаб (маълумоти муфассали шифоҳии омӯзгор)

* Машқи 57. Ҷумлаҳоро хонед, калимаҳои ишорашударо ба решаҳо ҷудо кунед.

Раиси маҳаллаи деҳаи **Чортут Саидмухтор** ном дорад. Он кас ҳамроҳи писараш **Нуралӣ** навакак аз шаҳри **Кӯлоб** омаданд.

Чортут: чор +тут Саид+мухтор

Нур+алӣ Кӯл+об

**Кори мустақилона**

Машқи 58

Аз калимаҳои додашуда калимаҳои мураккаб созед:

| | | |
|---|---|---|
| Гул | мурғ | |
| Шир | писар | |
| Шутур | фиреб | |
| Чӯб | рухсор | |
| Қанд | биринҷ | |
| Тоҷик | даста | |
| Мардум | чой | |

(Ба иҷрои кори мустақилона бо ранги сурх баҳо дода мешавад).

**Вазифаи хонагӣ**

Машқи 60

Шеърро азёд карда, аз дохили он калимаҳои мураккабро ҷудо карда нависед.

(Ба иҷрои вазифаи хонагӣ бо ранги сурх баҳо дода мешавад).

Тартиби кор дар дафтари корҳои санҷишӣ аз забони тоҷикӣ:

10-уми апрели соли 2025

Диктанти (имлои) санҷишӣ

Қадри модар

Сабти матн

Ба матни навишта баҳо гузошта, ба кори хонандагони алоҳида (баҳои «2», «5») тақриз навишта мешавад. Баҳои кори санҷишии ҳар як хонанда дар журнали синфӣ гузошта мешавад.

Тартиби кор дар дафтари иншо аз адабиёти тоҷик чунин сурат гирифтанаш беҳтар аст:

10-уми апрели соли 2025

Эссе

Панду ахлоқ дар ашъори Рӯдакӣ

Нақшаи кор:

Муқаддима
1. Ситоиши мардӣ дар ашъори Рӯдакӣ
2. Андар некӣ ва накукорӣ
3. Дониш андар дил чароғи равшан аст.
4. Нигоҳи устод Рӯдакӣ ба масъалаи хирад ва хирадмандӣ

Хулоса.

Хонанда тибқи нақша иншоро муфассал менависад. Омӯзгор ба матни навиштаи хонанда ду баҳо (яке ба мазмун, дигаре ба савод) гузошта, ба кори хонандагони алоҳида (баҳои «4», «10») тақриз менависад. Баҳои ҳар як хонанда ба журнали синфӣ гузаронида мешавад.

Бояд қайд кард, ки баҳои гузошташуда ба донишҳои хаттию шифоҳии хонандагон бояд таъсир дошта бошад. Шарҳ додани баҳои гирифтаи хонанда шарт ва ҳатмист.

Мусаллам аст, ки дар ҷараёни таълим ба фаъолият, дониш ва маҳорати хонанда аз рӯи меъёри панҷбалла («5», «4», «3», «2», «1») баҳогузории рақамӣ карда мешуд. Яъне, «5»-аъло, «4»-хуб, «3»-миёна, «2»-бад, «1»-ниҳоят бад. Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки дар аксар муассисаҳои таълимӣ омӯзгорон аз гузоштани баҳои «1» («ниҳоят бад») ба донишу маҳорати паст зоҳир кардани хонандагон парҳез карда, баҳои «2» («бад»)-ро хеле кам мегузоштанд, ки боиси дилхунук шудани хонандагони аълохону хубхон ва фориғбол шудани хонандагони сустхон ба донишомӯзӣ мегашт. Ин муносибат дар ҳолест, ки сатҳу сифати дониши хонандагон бо сабабҳои гуногун бо вуҷуди таъминоти рӯзафзуну муътадили шароиту имкониятҳои таълим имрӯзҳо дар аксар муассисаҳои таълимӣ дар ҳолати костагӣ қарор дорад. Чунончи, ман ҳамчун роҳбари ГИСТ дар яке аз муассисаҳои таълимӣ кору фаъолият мекардам. Ҷиҳати муқоиса ва муайян кардани омилҳои паст будани дониши хонандагон дафтарҳо ва рӯзномаҳои хонандагон ва ҳамчунин баҳогузории омӯзгорон дар журналҳои синфиро мавриди санҷиш қарор додам. Дар журнали синфи 10-и равияи табиӣ-риёзӣ омӯзгори фанни алгебра дар давоми чоряки 3 32 соат дарс гузаштаву қайд кардааст. Дар ин муддат ба як нафар хонанда (шартан Камолов Комил) дар журнал 9 баҳо гузошта шудааст. Дар рӯзномааш аз ин фан як баҳо гузошта шудааст. Ин баҳои гузошта дар рӯзномаи хонанда дида нашуд. Аз 32 дарси баргузоршуда дар дафтари хонанда ҳамагӣ 6 қайдро мушоҳида кардам. Имзои падару модар бошад, дар рӯзнома ба назар нарасид.

Аз ин бармеояд, ки муаллим ба донишу маҳорати хонанда диққати ҷиддӣ намедиҳад, баҳо сатҳӣ гузошта шудааст, падару модар ба вазъи донишандӯзии фарзанд беаҳамият аст, дар маҷмуъ хонанда аз камталабии омӯзгор, фориғболии волидайн, бемасъулиятии роҳбари синф ва маъмурияти муассиса истифода бурда, намеомӯзад.

Ин нукта дар «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030» баръало зикр карда шудааст: «Воситаҳо барои баҳодиҳии комёбиҳои таълимии талабагон дар низоми таҳсилоти умумӣ дар сатҳи мактаб ва ҷумҳурӣ ташаккул наёфтаанд» (моддаи 5, банди15). Маҳз аз ҳамин хотир, ки баҳогузории панҷбалла ҷавобгӯи донишҳои воқеии хонандагон буда наметавонад, имрӯз масъалаи гузариш ба низоми нави баҳогузорӣ, яъне, низоми баҳогузории 10-хола ба миён омадааст. Ин низом шояд боиси аз байн рафтани ҳар гуна мушкилот дар самти воқеан ҳам баланд бардоштани сатҳи сифати дониши хонандагон гардад.

# КОНСЕПСИЯИ МИЛЛИИ ТАҲСИЛОТ ВА РОҲҲОИ ТАТБИҚИ ОН

**Бурибой ҲАЙДАРОВ – мутахассиси пешбари МҶТМ**

**Консепсияи миллии таҳсилот, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.35.2002, №200 қабул шудааст, ҳуҷҷати муҳимми давлатӣ буда, дурнамои сиёсати давлатро дар соҳаи таҳсилот муайян мекунад ва тамоюлоти инкишофи ин системаи аҳаммияти стратегидоштаро дар шароити муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ба танзим медарорад. Ҷузъҳои таркибии мазмуну мундариҷаи ин ҳуҷҷат мақом, мақсад ва вазифаҳои таҳсилотро дар марҳалаи нави таърихӣ муқаррар менамояд.**

Дар Консепсияи мазкур масъалаҳои дарки худшиносии таърихӣ, азхуд намудани муқаррароти суннатию башарӣ ва дар ҳамин замина ҳосил намудани ҷаҳонбинӣ ва ҳувияти миллӣ, арҷгузорӣ ба анъанаҳои ниёгон, ташаккули арзишҳои ахлоқию фарҳангӣ, идоракунии демократӣ, фаъолу пажуҳанда будан барои ба даст овардани комёбиҳои илм, техника, фарҳанг ва ғайра тарҳрезӣ гардидааст.

Консепсия зимни тағйироти сифати мазмуну мундариҷаи маълумот, барои инкишофи системаи маориф заминаҳои нави ҳуқуқӣ фароҳам меорад, ки дар асоси он қонун ва дигар муқаррароти расмии соҳаи маориф ва соҳаҳои ба он алоқаманд таҷдиди назар мегарданд ва таҳриру такмил дода мешаванд.

Таҳсилот аз ҷумлаи проблемаҳои калидии асри XXI буда, дар системаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ самти афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ ва аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар ташкили фазои ягонаи (умумии) маълумот як қатор ҳуҷҷатҳои муҳимми давлатиро ба имзо расонидааст, ки тағйирпазирӣ ва такмил додани



мазмуну мундариҷаи маълумотро тақозо менамоянд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва гузариш ба низоми баҳогузории бисёрхола мисол шуда метавонанд, ки баҳри рушди системаи таҳсилоти ҷумҳурӣ нақши муассир доранд. Вақти он расидааст, ки кормандони маорифи кишвар ҷиҳати татбиқи ин ҳуҷҷатҳои муҳимми давлатӣ кӯшиш ба харҷ диҳанд. Тадбиқи он бештар бар дӯши омӯзгорону мураббияҳо мебошад. Яъне, устодони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва мураббияҳои муассисаҳои томактабӣ баҳри иҷрои талаботи Консепсияи мазкур бояд масъули чунин уҳдадориҳо бошанд:

- асосҳои назариявию амалии ихтисоси худро хуб донанд, аз илмҳои педагогика, психология, методикаи муосир огаҳӣ дошта бошанд;
- шахсияти шогирдони худро эҳтиром намоянд;
- ҷаҳонбинӣ ва диди васеи илмӣ дошта бошанд;

- раванди тарбия ва таълимро эҷодкорона ба роҳ монанд;

- ба стандартҳои давлатии маълумот ҷавобгӯй будани дониш, малака ва маҳорати шогирдонашон кафолат дода тавонанд;

- аз усулҳои фаъоли таълим ва воситаю шаклҳои гуногуни тадрис самаранок истифода бурда тавонанд:

- ҷиҳати иҷрои барномаҳои таълимӣ, корҳои санҷишӣ, лабораторӣ ва саёҳатҳои эҷодӣ кӯшиш ба харҷ диҳанд;

- аз воситаҳои таҷҳизоти муосири таълимӣ ҷиҳати рушди неруи зеҳнии хонандагон истифода бурда тавонанд;

- ҷиҳати инкишофи ҷаҳонбинӣ ва ташаккули маҳорати эҷодкории шогирдон тамоми воситаҳои таълимро истифода баранд;

- дар самти ҷавобгӯй будани дарсашон ба талаботи методикаи замони муосир кӯшиш ба харҷ диҳанд;

- пайваста аз муносибати босалоҳият ба таълим истифода бурдани онҳо;

- риояи меъёри баҳогузорӣ ба дониш, малака ва маҳорати хонандагон;

- истифодаи самараноки вақти холигии хонандагон;

- баланд бардоштани маҳорати касбии онҳо тавассути курсҳои бозомӯзӣ ва семинарҳои дастурдиҳӣ;

- дар сатҳи баланд ташкил ва гузаронидан чорабиниҳои беруназсинфӣ;

- дар муассисаҳои таълимӣ беҳтар ба роҳ мондани фаъолияти маҳфилҳои фаннӣ;

- алоқамандии таълим бо тарбия, бо ҳаёт ва мароми замони муосир ҳамоҳанг намудани онҳо;

- аз ҷиҳати илмӣ, методӣ, таълимӣ ва тарбиявӣ ба роҳ мондани раванди таълим;

- таъмин намудани омӯзгорон бо дастуру мақолаҳои методӣ, барномаҳои таълимӣ, маводи дидактикӣ, асбобҳои аёнӣ ва таҷҳизоти техникии муосир;

- барои омӯзгорону мураббияҳо муҳайё намудани шароити мусоиду муътадили таълиму тарбия;

- ба роҳ мондани дарсҳои иловагӣ тибқи нишондоди қисми дуюми нақшаи таълимӣ;

- дар асоси талаботи Консепсияи миллии таҳсилот мавриди санҷишу таҳлил қарор додани вазъи таълими фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ;

- ташкил ва гузаронидани озмуни эссенависӣ дар мавзуъҳои «Шукри истиқлоли Ватан», «Ман Ватанро беш аз ҳарвақта дорам дӯстдар» ва «*Айб аст, агар забон надонӣ»;*

- *бо мақсади рушди ҷаҳонбинии хонандагон ва тарбияи меҳнатдӯстию зебоипарастии онҳо ташкили саёҳат ба ҷойҳои таърихӣ, осорхонаю корхонаҳои саноатӣ;*

- *мавриди омӯзишу таҳлил қарор додани ҳолати таълими фанҳои табиӣ-риёзӣ* ва ҷавобгӯй будани дониши хонандагон ба талаботи Консепсияи миллии таҳсилот ва барномаҳои таълимӣ;

- тавассути корҳои хаттӣ ва саволномаҳои тестӣ мавриди санҷиш қарор додани дониши хонандагони зинаи сеюми таҳсилот бо мақсади дарёфти хонандагони эодкору боистеъдод.

Ин омилҳои зикршуда ҷиҳати татбиқи Консепсияи миллии таҳсилот, дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ нақши бориз доранд.

Яке аз самтҳои асосии муайян намудани сифати таҳсилот баҳои шаффоф додан ба дониши хонанда мебошад. Дар самти баҳо додан ба дониш, малака ва маҳорати хонандагон «Баҳо бояд ба сифати кор мувофиқ, объективона, дуруст ва ҳаққонӣ гузошта шавад», яъне, ҳангоми баҳогузорӣ ба заҳмат ва донишу малакаи хонандагон беэътиноӣ, зоҳирпарастию шаклгароӣ набояд ҷой дошта бошад. Бахусус, риоя нагардидан ба меъёри баҳодиҳӣ, ҳамчун ченаки дониш, боиси гуногунақидагӣ, дилсардии хонандагон нисбат ба таълим ва норизоӣ дар байни онҳо мегардад.

Ҳангоми баҳодиҳӣ ба дониши назариявию амалии хонандагон пуррагӣ, пайдарҳамӣ, фаъолиятнокӣ, мустаҳкамӣ, эҷодкорӣ ва маҳорату истеъдоди онҳо ба эътибор гирифта мешавад.

Пурсишу санҷиш яке аз усулҳои асосии баҳисобгирии дониши хонандагон маҳсуб меёбанд. Ҷавоби хонанда бояд мураттабу мантиқан дуруст бошад, қобилияти эҷодкории вай эҳсос карда шавад. Дар вақти баҳогузорӣ омӯзгор бояд чунин меъёрҳоро ба назар гирад:

- мукаммалӣ ва дурустии ҷавоб;

- дараҷаи дониш ва дарки маводи омӯхташуда;

- ҳусни баён ва равонии нутқ;
- саҳеҳии афкору андеша;
- хулосабарории амиқи илмӣ;
- алоқамандии назария бо амалия;
- қобилияти эҷодкории вай;
- риояи меъёри забони адабӣ дар вақти ҷавоб додан;
- аз дарсҳои гузашта огоҳ будани вай;
- ҳангоми ҷавоб додан худро озод ҳис кардани хонанда.

омӯзгор ҳангоми гузоштани баҳои «10-балла» метавонад чунин меъёрҳоро низ ба эътибор гирад:

- хонанда фикрашро озодона баён карда тавонад;
- мулоҳиза ва андешаи худро бо мисолҳои мушаххас исбот кунад;
- нутқаш бурро, равон ва дар доираи забони адабӣ бошад;
- ба саволҳои иловагии устод ба пуррагӣ ҷавоб дода тавонад;
- аз порчаҳои назмӣ ва насрӣ калимаҳои душворфаҳмро шарҳу тавзеҳ дода тавонад;
- барои исботи андешаҳои худ аз дигар сарчашмаҳо далел биёрад.

Хуллас, баҳодиҳии омӯзгор ба дониш, малака ва маҳорати хонанда аз омӯзгор масъулиятшиносӣ, дақиқназарӣ, ҳақиқатнигорӣ ва воқеъбиниро тақозо мекунад. Шаффофияти баҳогузорӣ ба донишандӯзии хонандагон ва ҳавасманд намудани онҳо ба таълим нақши бориз гузошта, дар татбиқи Консепсияи миллии таҳсилот кумак расонида метавонад.

**МУАЛЛИМ**

Баланд аст аз фалак шони муаллим,
Бувад ҷонбахши мо ҷони муаллим.
Набошад неъмате дар ҳар ду олам
Ҳалол аз пораи нони муаллим.

Бидон инро, ки виҷдони ҳама халқ
Бувад аз рӯи виҷдони муаллим.
Агар фардои меҳанро биҷӯӣ,
Биёб аз файзу эҳсони муаллим.

Агар армони меҳанро бихоҳӣ,
Бидон аввал ту армони муаллим.
Каму беши замонро рост кардан
Тавон танҳо ба мизони муаллим.

Куҷо ояндаи рӯшан тавон дид,
Набошад нури чашмони муаллим?
Ягон ҳосил ба хоки мазраъи табъ
Магар рӯида бе дони муаллим?

Бидон, парвозгоҳи миллати мо,
Бувад дар рӯйи дастони муаллим!

**Камол НАСРУЛЛО**

# УСУЛУ ШЕВАҲОИ МУАССИР ДАР ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКА



**Ҷ. ИЛЁСОВ – омӯзгори калони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

**Дар шароити рушди босуръати илму техника ва технология таълими фанҳои дақиқ, аз ҷумла, фанни математика ҷиҳати инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ ташаккул дода шавад ва аз низоми «донистан» ба низоми «тавонистан» табдил дода шавад. Хонандагонро мебояд бо масъулияти баланд, мустақилона донишҳои азхуднамударо дар амал татбиқ созанд.**

Вобаста ба ин, мебояд таълими математика мутобиқи талаботи замони муосир ба роҳ монда шавад. Дар замони муосир масъалаи тавлиди низоми нави «Таълими босифат» ба миён омадааст, ки асоси онро рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагон дар асоси ташаккули тафаккур, шуур ва ахлоқ ташкил медиҳад. Ташаккули қобилиятҳои зеҳнӣ ва ҳофизаи хонандагон дар ҷараёни таълими математика ба рушди фаъолияти таълимию ахлоқии хонандагон мусоидат мекунад.

Таълими ҳамаҷонибаи математика имкон медиҳад, ки хонандагон дар баррасии масъалаҳои гуногун фаъол бошанд. Рушди зеҳн ва хотираи хонандагон дар раванди таълими математика яке аз вазифаҳои асосӣ дар раванди таълим ба ҳисоб меравад. Зимни таълими математика зарурати фаҳмидани категорияҳои фалсафӣ ба миён меояд, ки имкон медиҳанд, хонандагон ҷаҳонбинии хешро бознигарӣ ва ҳудуди истифодаи донишҳои гирифтаашонро дарк намоянд.

Яке аз вазифаҳои асосии омӯзгори имрӯза рушди тафаккур ва тарбияи хонандаи хурдсол тавассути инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ, эҷодкорӣ, дарк, фикр, мустақилият ва фаҳмиш ба ҳисоб меравад. Дар рушди касбияти хонанда нақши асосиро қобилияти фикррронӣ мебозад. Вобаста ба ин, олими машҳури рус П. П. Блонский қайд намудааст, ки «Фикркунӣ функсияест, ки инкишофи ниҳоят баланди он яке аз хусусиятҳои асосии хонандагони синни мактабӣ мебошад. Дар ҳис кардан ва қобилиятҳои ҳофиза байни кӯдаки 6-7-сола ва ҷавони 17-18-сола фарқият мавҷуд нест, чунонки дар фикрронияшон мавҷуд мебошад».

Олимон таҳлил намудаанд, ки дар баробари фикр кардан, равандҳои дарк ва фаҳмиш



инкишоф меёбанд, ки ин боиси ташаккули қобилиятҳои зеҳнии хонандагон мегардад. Аз тарафи хонандагони хурдсол дар сатҳи зарурӣ азхудкунии донишҳои математикӣ қобилияти зеҳнии онҳоро инкишоф медиҳад. Дар таълими математика бештар мисолу масъалаҳо мавриди амал қарор мегиранд, ки ин имконоти фикрронии хонандаро ташаккул медиҳад. Метавон гуфт, ки дар баробари ҳалли масъалаҳои амалӣ, инчунин, таълими назарияи математика ба хонандагон аз манфиат холӣ нест, зеро тавассути таълими назария метавон ба хонанда сарчашмаҳои пайдоиши ҳалли масъалаҳоро аз ҷониби устодону омӯзгорон омӯзонид. Ҳамчунин, омӯзгорон дар бораи мафҳум, қоида ва формулаҳо маълумот дода, бо мисолҳо мустаҳкам мекунанд ва шарҳ медиҳанд. Ин хуб аст, аммо гап сари он меравад, ки тамоми фаъолияти хонанда аз мафҳум, қоида ва формулаи пешакӣ овардашуда сурат мегирад, ё дар

атрофи мафҳум, қоида ва формулаҳое ба роҳ монда мешавад, ки аллакай тайёранд. Таълими функсионалӣ бошад, ба таҷрибаи хонанда такя мекунад. Омӯзгор фаъолияти хонандаро дар такя ба мисолҳои ҳаётӣ, ки хонандагон аллакай дар он таҷриба доранд, оғоз менамояд.

Зимни таълими математика ба хонандагон омӯзиши масъалаҳои проблемавӣ низ нақши калон доранд. Дар омӯзиши проблемавӣ, ки таълими салоҳиятнокӣ низ ба он такя мекунад, мавзуъ аз проблема сар мешавад. Ин ҳолат хонандагонро барои мақсаднок гардидани омӯзиш водор менамояд. Хонанда роҳҳои гуногуни ҳалли проблемаро ҷустуҷӯ мекунад. Омӯзиши проблемавӣ ба хонанда имкон медиҳад, ки зарурати омӯзиши мавзуи пешниҳодшударо дарк кунад ва барои омӯзиш дар наздаш мақсад гузорад.

Дар раванди баргузории машғулиятҳо таълими салоҳиятнок нақши калон дорад, зеро дар таълими мазкур на танҳо ба масъалаи азхудкунии мафҳумҳо ва назарияҳои математикӣ, балки истифодаи он дар ҳаёти ҳаррӯза низ таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Ҳамчунин, муносибати босалоҳият ба таълим имкон медиҳад, ки фаъолияти маърифати хонандагон ба таври дигар ба роҳ монда шавад. Хонандагон на ҳамчун иштирокчии ғайрифаъоли раванди таълим, балки фаъол шуданро бояд омӯзонад. Дар таълими математика, салоҳиятҳо ба се самти асосӣ гурӯҳбандӣ шудаанд: салоҳиятҳои арифметикӣ, алгебравӣ ва геометрӣ. Дар доираи ҳар яке аз онҳо, бо дарназардошти муносибати босалоҳият, ба таълим, ба малакаҳои амалии хонандагон аҳамияти бештар дода шуда, талаботи зерин ба назар гирифта шудааст.

1. Салоҳиятҳои арифметикӣ. Маҷмуи ададҳои гуногуни ҳақиқӣ (натуралӣ, бутун, ратсионалӣ, ирратсионалӣ ва ғайра). Ҳалли ҳисобкуниҳои одитарини амалӣ бо ин ададҳо, супоришҳои ҳисобкуниҳои шифоҳии на он қадар мушкил ва арзёбии натиҷаҳои омӯзиш бо истифода аз роҳҳои гуногун;

2. Салоҳиятҳои алгебравӣ. Иҷрои супоришҳо аз рӯйи формулаҳо, муодилаю нобаробарӣ ва алгоритмҳои муайяни алгебравӣ, табдилдиҳии мафҳумҳо, қонуниятҳои математикӣ вобаста ба масъалаҳои ҳаётӣ.

3. Салоҳиятҳои геометрӣ. Тавсифи вазъиятҳои воқеӣ ё ҳаётӣ бо мафҳумҳои геометрӣ, (мисол, мизи кории худро бо кадом мафҳумҳои геометрӣ ифода ё баён кардан мумкин аст?), ҳалли супоришҳои амалӣ, ки барои ёфтани бузургиҳои геометрӣ равона шудааст, маҳорати кор бо воситаҳо (асбобҳо) дар масъалаи сохтаниҳои геометрӣ. Бо рушди математика қобилиятҳои зеҳнию таҳлилӣ, эҷодкорӣ ва тафаккури инсоният баланд бардошта шуда, тараққиёти марҳалаҳои ҷамъиятӣ таъмин гардид. Дар омӯзиши математика бозиҳо ва машқҳои мантиқӣ-математикӣ нақши калон дошта, фикррonӣ ва қобилиятҳои эҷодкории хонандаро ташаккул медиҳад.

Дар шароити рушди босуръати илму техника ва технология, таълими математика бояд на танҳо воситаи азхудкунии донишҳои назариявӣ, балки воситаи рушди тафаккури мантиқӣ, қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагон гардад.

Мафҳуми таълими салоҳиятнок дар таълими математика аҳаммияти хос пайдо кардааст, зеро он на танҳо азхудкунии формула ва қоидаҳоро дар назар дорад, балки тавоноии истифодаи онҳо дар ҳаёти воқеӣ ва ҳаллу фасли масъалаҳои амалӣ низ зарур шумурда мешавад. Ҳамин тариқ, усули омӯзиши проблемавӣ ва таълими функсионалӣ имкон медиҳанд, ки хонандагон мустақилона фикр кунанд, роҳҳои гуногуни ҳалли масъалаҳоро ҷустуҷӯ намоянд ва ба хулосаҳои мантиқӣ расанд.

Дар заминаи чунин муносибат, салоҳиятҳои асосии математикӣ: арифметикӣ, алгебравӣ ва геометрӣ ҳамчун пояи таҳкимбахши тафаккури илмӣ ва амалии хонандагон баррасӣ мешаванд. Омӯзиши муваффақи онҳо на танҳо ба рушди дониш, балки ба ташаккули шахсияти фаъол, зеҳнӣ ва масъули хонанда мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр, таълими муосири математика бояд ба тарбия ва инкишофи зеҳну тафаккур, ҳисси масъулият, қобилияти таҳлил ва эҷодкории хонандагон равона гардад. Ин раванд метавонад ба баланд бардоштани сифати таҳсилот ва омода сохтани насли нав бо ҷаҳонбинии илмӣ ва салоҳиятҳои амалӣ мусоидат намояд.

# МОНИҚАЛАМ



**Томирис КИШВАРЗОДА- магистри соли дуюми Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон**

**Рассомони ҷавон бештар аз коргоҳи мусаввирони собиқадору соҳибмактаб дидан намуда, таҷрибаи бою ғанӣ, усули шеваҳои нигориши кори онҳоро меомӯзанд, аз таассуроти ҳосилнамудаашон бо устодони чирадаст ҳамсуҳбат мешаванд, аз маслиҳатҳои муфиде баҳравар мегарданд ва бо ҳамин дар ҷодаи мусаввирӣ қадамҳои нахустини мустақилонаи хешро бо итминони комил, ҷасурона мегузоранд.**

Дар яке аз рӯзҳои фараҳбахш моро рассоми чирадасти соҳибмактаб, омӯзгори соҳибтаҷриба ва инсони равшанзамир Раҳим Сафаров ба коргоҳи хеш даъват намуд. Ҳанӯз аз даромадгоҳи коргоҳ фазои махсус ҳис карда мешавад: тирезаҳои калонҳаҷм, ки тариқи онҳо равшании табиӣ вориди коргоҳ гашта, онро равшан месозанд, теъдоди зиёди гулҳои хонагӣ, ки ҳавои коргоҳро муаттару дилкаш месозанд. Деворҳои коргоҳро осори офаридаҳои устод Раҳим Сафаров оро дода, ҳар асар таърихи худро дорад. Пояҳои рассомӣ, лавҳи мусаввирӣ, мӯқаламҳои бешумори гуногунҳаҷм ва рангҳои мухталиф аз илҳоми баланди нигорандагии мусаввир огаҳӣ медиҳанд. Коргоҳи рассом Раҳим Сафаров бо ин ҳама шароити мавҷуда илҳомбахши рассоманд, дар қалби пурасрори эҷодкори ҷавон таҳрике бахри эҷод падид меоранд.



Раҳим Сафаров рассоми маъруфи тоҷик буда, соли 1951 дар шаҳри Душанбе ба дунё омадааст. Пас аз хатми Коллеҷи ҷумҳуриявии рассомии ба номи Мирзораҳмат Олимов ба Донишкадаи давлатии рассомии Литва (ҳоло Академияи рассомии Вилнюс) дохил мешавад. Мавсуф донишкадаро бомуваффақият хатм ва дар Коллеҷи ҷумҳуриявии рассомии ба номи Мирзораҳмат Олимов, ба фаъолияти омӯзгорӣ шуруъ менамояд. Раҳим Сафаров барандаи Ҷоизаи комсомоли ленинӣ ва узви Иттифоқи рассомони Тоҷикистон мебошад. Осори рассом-омӯзгори меҳнатқарин нигористони Третяков, Осорхонаи санъати халқҳои Шарқ (Москва), Осорхонаи миллии Тоҷикистон ва коллексияҳои шахсӣ дар ИМА, Канада, Олмон, Фаронса, Норвегия ва Англияро зинат мебахшанд. Миёни осори мусаввир «Рӯъёи модар» ном асар таваҷҷуҳи моро ба худ ҷалб намуд.



«Рӯъёи модар» бо тахайюли бою рангин офарида шудааст. Дар расм хоби

модар тасвир шудааст, модаре, ки ҷониби равшании абадӣ наздик мегардад, аз фарзандонаш хоҳиш дорад, ки аз ӯву тақдираш дар ташвиш набошанд, орому хуш зиндагӣ кунанд, хотири модарро бо амалҳои писандидаву накуяшон масрур гардонанд, руҳашро мушавваш насозанду оромаш бигзоранд, назди Ҳақ шармсораш нагардонанд. Воқеан, Модар бузург аст, тасфиякунандаи амалҳои ҷигарбандон, фаришта аст ва нигаҳбони гармии хонадон.

Рассом мавзуъро дуруст инъикосу муваффақона баррасӣ кардааст. Дар маркази тасвир модар шабеҳи фариштаи болдор қарор дорад, ки ҷониби равшанӣ, сӯйи само парвоз менамояд. Дар қисмати поёнии тасвир торикиву фасод, ки ҳамчун тимсол ва рамзи тақдири сангину озмоишҳои азиятбори зиндагие, ки модар аз сар гузаронидааст, тасвир шудааст. Асар дар сатҳи баланд эҷод шудааст ва онро рассом, махсусан, барои коргоҳаш тахсис дода, маҳфуз нигоҳ медорад. Шояд сирре нуҳуфта дошта бошад, сирре, ки рабт ба дуои модар дорад, дуое, ки ба ҳар кас муяссар намегардад.



«Хаёлпарастони ятимхона» асарест фарогири ашхоси зиёд, нуҳ тан ва шояд бештар. Дар байн мизе тасвир шудааст, ки рӯйи он қафасоб қарор гирифтааст. Қафасобе, ки дар дохилаш моҳии заррин дар шиност. Даври миз кӯдакон-ятимон гирд омадаанд, нигоҳҳояшон ба ҳар тараф равона гардидаанд, нигоҳҳои ба андешаҳое равона гардидаву тахайюлоти хурдтара-конро такон-бахш ба сӯйи дунёи пурасрори афсонаву муъҷизаҳо.

Асар сюжет ва ё мавзуи муб-рами айём-сарнавишти кӯдаконеро дар ин фасли ширини ҳаёт, ки ба ятимӣ вогирашон сохтааст, дар бар мегирад. Шеваи пешгирифтаи рассом имкон медиҳад, ки ҳолати воқеии ҳаёт дуруст рӯйи саҳфа ояд. Моҳии заррине, ки дохили қафасоб қарор дорад, андаке ҳам бошад, рамзи умеду орзуҳост ва танҳо ҳамин унсури муҳимму гиреҳкушои муҳтавои асар ба шумор меравад. Аз чӣ сабаб бошад, бошандагони ятимхонаро тамоми ҳаёт сарнавишти сангин ҳамқадам мегардад. Шояд ин ҳама ба дигарон имтиҳону сабақи зиндагӣ бошад.

Раҳим Сафаров дар интихоби мавзуъ мухтор мебошад ва ҳамчун узви ҷомеа хешро берун аз он тасаввур кардан барояш бегонаву ноошност. Ӯ кӯшиш менамояд, ки падидаҳои манфиву азиятбори зиндагиро инъикос намояд, ҳамагонро бо онҳо ошно созад, пайи кам кардан ва аз байн бурдани мушкилоти сангини ҳаёт бошанд, баҳри баробариву бародарӣ миёни фарзандони Одам, баҳри созандагии оламу ҳаёти пурнишоту пурмасрур. Баҳсҳои эҷодӣ гирди як пиёлаи чой ва навои мусиқии классикӣ фазои коргоҳи устодро фаро гирифта буд. Раҳим Сафаров моро ба он ҳавасманд месохт, ки дар ҷодаи эҷод мутмаину устувор ва собитқадам бошем, рисолати хешро сарбаландона амалӣ гардонем. «Мунтазири фаришта шудан даркор нест, ки бароят пайғоми илҳом расонад. Меҳнат ягона роҳест баҳри ба мақсад расидан»-мегӯяд рассом.

Ба ҷодаи тайнамудаи устод ва рассоми чирадасти моҳир Раҳим Сафаров назар афканда, метавон гуфт, ки ӯ воқеан, як масири мушкилу сангин ва имтиҳони сангинро сипарӣ намуда, ҳамчун як рассоми соҳикасбу соҳибҷода ташаккул ёфтааст. Имрӯз метавон ӯро бо ҳайси як рассоми соҳибшева ҳисобид. Ӯ аз ҳаёт таҷрибаи ғанӣ андухтааст, натоиҷи онро тариқи осораш манзури бинандагон мегардонад, қаламашро то ҳадди ниҳоӣ баҳри эҷоду офариданҳо мебахшад. Раҳим Сафаров ҳамчун омӯзгору сахтгиру серталаб ва меҳрубон намунаи ибрати рассомони ҷавон мебошанд. Мактаби ӯ воқеан, барои шогирдон-рассомони ҷавон мактабест омӯзанда ва шоистаи пайравӣ.

# КОРРУПСИЯ НА ТАНҲО МУШКИЛОТИ ҲУҚУҚӢ, БАЛКИ ВАБОИ АСР АСТ



**Дилором ЗАБИРОВА – муовини сармуҳаррири маҷаллаи «Маорифи Тоҷикистон**

**Дар ҷаҳони муосир, ки ҷомеаҳо ба сӯи давлатдории ҳуқуқбунёд, шаффоф ва идораи самаранок пеш меравopen, зуҳуроти номатлуби иҷтимоӣ - коррупсия ба яке аз хатарноктарин зуҳуроти асри XXI табдил ёфтааст. Коррупсия на танҳо рушди иқтисодиву иҷтимоиро бозмедорад, балки ба эътимоди шаҳрвандон нисбат ба ҳокимият ва адолати иҷтимоӣ зарбаи ҷиддӣ мерасонад. Аз ин рӯ, мубориза бо он ба яке аз масъалаҳои калидии сиёсати дохилии давлатҳои мутамаддин табдил ёфтааст.**

Коррупсия решаҳои қадимаи таърихӣ дорад. Тибқи маълумоти сарчашмаҳои бостоншиносӣ, аввалин нишонаҳои ин падида ҳанӯз дар Бобулистони қадим (асри XXIV то милод) ба назар мерасиданд. Дар қонунҳои Хаммурапи баён ёфтааст, ки амалдорон барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ҳақ надоранд, ки «ҳадияи шахсӣ» ё «молҳои қимат» қабул намоянд. Дар давраи Ҳахоманишиён бошад, Куруши Кабир яке аз аввалин ҳокимон буд, ки муборизаи ошкоро бар зидди фасод ва порахӯриро роҳандозӣ намуд.

Аз назари луғавӣ, калимаи «коррупсия» аз вожаи лотинии corruptio гирифта шуда, маънои «вайрон кардан», «фурӯхтан» ва «харида гирифтан»-ро дорад. Дар забонҳои шарқӣ ва форсӣ-тоҷикӣ ин мафҳум бо калимаҳои «фасод», «ришва», «пора» ва «фасоди молӣ» ифода меёбад. Тавре ки дар «Ғиёс-ул-луғот» омадааст: «Ришват – он чиба касе диҳанд, то корсозии баноҳақ кунад ва дар форсии қадим онро пора гӯянд».

Аз ин бармеояд, ки моҳияти коррупсия аз қадим ба амалҳои ахлоқан нопок ва ҷиноятkorona баробар дониста мешуд, ки манфиати шахсиро бар манфиати ҷамъиятӣ авлотар мегузорад. Дар илми ҳуқуқ ва ҷомеашиносӣ коррупсия ҳамчун истифодаи мансаби хидматӣ ба манфиати шахсӣ, харидуфурӯши қарорҳои давлатӣ, ришвагирӣ ва таъсири ғайриқонунӣ ба равандҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ таъриф мешавад. Он метавонад дар шаклҳои гуногун, аз гирифтани пора барои иҷозатномаҳои маъмурӣ то тақсимоти ғайриқонунии маблағҳои буҷетӣ ва фасоди интихоботӣ зуҳур намояд. Аз нуқтаи назари илмӣ, коррупсия на танҳо ҷинояти ҳуқуқӣ, балки як бемории иҷтимоӣ аст, ки нишондиҳандаи заъфи низоми идоракунӣ, сатҳи пасти фарҳанги ҳуқуқӣ ва набудани шаффофият дар сохторҳои давлатӣ мебошад.




Коррупсия ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад. Нахуст он интиқоди ҷомеа аз давлат ва беэътимодии шаҳрвандон нисбат ба қонун ва адолатро афзоиш медиҳад. Дувум, он механизми рушди иқтисодиро суст мекунад, зеро сармоягузорон аз набудани муҳити боварӣ ва шаффофият метарсанд. Севум, фасод паст шудани сифати маориф, тандурустӣ

ва адолати судиро ба вуҷуд меорад, чунки қарорҳо дар асоси манфиатҳои шахсӣ, на меъёрҳои касбӣ қабул мегарданд.

Аз ҷиҳати иҷтимоӣ, коррупсия боиси аз байн рафтани арзишҳои ахлоқӣ мегардад. Вақте пора ва ришва меъёри муваффақият мегардад, меъёри адолат ва заҳмат поин меравад. Ба ин тариқ, коррупсия фарҳанги ҷомеаро аз дарун фурӯ мерезонад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи байналмилалӣ дар самти **мубориза ва муқовимат бо коррупсия** ҳам дар сатҳи дохилидавлатӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ иқдомоти муҳимму ҳамаҷонибаро тавассути сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ менамояд. Дар сатҳи байналмилалӣ Тоҷикистон бо дарки амиқи хатари фасод ҳамчун таҳдид ба амният, рушди устувор ва адолати иҷтимоӣ, **25 сентябри соли 2006 ба «Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия»** имзо гузошт. Ин санад баъдан **аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 апрели соли 2008 тасдиқ** гардида заминаи ҳуқуқии ҳамгироии кишварро дар муборизаи ҷаҳонӣ алайҳи коррупсия фароҳам овард.

Дар сатҳи дохилидавлатӣ низ Тоҷикистон сиёсати қотеъона ва пайгиронаро дар самти пешгирӣ ва коҳиши сатҳи фасод амалӣ менамояд. Дар ин маврид, ҳам заминаҳои **меъёрӣ-ҳуқуқӣ** таҳким ёфтанд ва ҳам **мақомоти махсуси зиддикоррупсионӣ** таъсис дода шуд. Бо ҳадафи ташкили сиёсати давлатӣ дар соҳаи мубориза бо фасод ва баланд бардоштани сатҳи самаранокии муқовимат бо он, дар кишвар як қатор ҳуҷҷатҳои муҳимми стратегӣ қабул ва татбиқ гардиданд, аз ҷумла:

- **«Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012»,** ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз **26 январи соли 2008, №34**;
- **«Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020»,** ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз **30 августи соли 2013, №1504** ба тасвиб расидааст;
- **«Стратегияи давлатии муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030»** ва **Нақшаи чорабиниҳои амалисозии он барои марҳалаи якум (солҳои 2021-2025),** ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз **3 августи соли 2021, №222** қабул ва мавриди иҷро қарор гирифтааст.

Қабули ин стратегияҳо шаҳодати равшани он аст, ки Тоҷикистон масъалаи мубориза бо коррупсияро ҳамчун **самти муҳимми сиёсати давлатӣ, шарт барои рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ** ва **омили таҳкими пояҳои давлатдорӣ** арзёбӣ мекунад. Ҳадафи асосии ин санадҳо ташаккули ҷомеаи қонунманд, баланд бардоштани сатҳи масъулияти шаҳрвандӣ, тақвияти шаффофият ва пурзӯр намудани назорати ҷамъиятӣ дар фаъолияти мақомоти давлатӣ мебошад.

Коррупсия танҳо мушкилоти ҳуқуқӣ нест он вабои аср аст, ки ба зеҳн, ахлоқ ва фарҳанги ҷомеа ҳамла мекунад. Мубориза бар зидди он бояд на танҳо дар сатҳи идорӣ ва қонунгузорӣ, балки дар зинаҳои тарбиявӣ, маърифатӣ ва фарҳангӣ роҳандозӣ шавад. Тақвияти маърифати ҳуқуқӣ, тарбияи шаҳрвандӣ, шаффофияти фаъолияти давлатмандон ва озодии расонаҳо аз роҳҳои муассири коҳиши фасод ба шумор мераванд. Танҳо дар ҳолате ки ҳар шаҳрванд масъулияти шахсии худро дар пешгирии коррупсия эҳсос кунад, метавон аз ин вабои аср раҳоӣ ёфт.

Чун пир шудӣ, кори ҷавон натвон кард,
Пирит ба кофур ниҳон натвон кард.
Дар зулмати шаб ҳар он чи кардӣ, кардӣ,
Дар равшании рӯз ҳамон натвон кард.

**Сино**

# ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯИ РАҚАМӢ ДАР ТАШАККУЛИ ФАНҲОИ ДАҚИҚ

**Шарифамо АЗИМОВА, Мавзуна НАМОЗОВА – омӯзгорони ноҳияи Мастчоҳ**

**Дар замони муосир технологияи инноватсионӣ дар рушди илмҳои техникӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Давлатҳои пешрафтаи олам ба омӯзиши технологияи рақамӣ диққати ҷиддӣ додаанд ва дар ин асос ба комёбиҳо ноил гардиданд.**

Информатика ҳамчун илм қонуниятҳои умумӣ ва хусусиятҳои технологӣ – иттилоотиро меомӯзонад. Объектҳои татбиқи информатика соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон мебошад, ки барои онҳо технологияи ҳозиразамон, яке аз сарчашмаҳои қатънашаванда мебошад. Технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсонӣ истифода мешаванд: идоракунии истеҳсолот, ба лоиҳадарории нақшакашиҳо, амалиёти молиявию иқтисодӣ, маориф ва ғайра. Баъди соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон сайъю талоши назаррасе дар инкишофи ин соҳа мушоҳида мешавад. Бо дастгириҳои ҳамаҷонибаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон омӯзиши компютер чи дар мактабҳои олӣ ва чи дар мактабҳои миёна ба таври густурда ба роҳ монда шудааст. Вазъи азхуднамоии васоити компютерӣ нисбат ба даврони Шуравӣ хеле дигаргун гаштааст. Мардум нақши барҷастаи онро дар инкишофи ҷомеа дарк намудаанд.

Дар ҷумҳурии мо таҳти сиёсати хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон тадбирҳо ба хотири таъмини ҳифзи технологияи иттилоотӣ пайваста андешида мешаванд. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иттилоот» барои фаъолияти муназзами тамоми ҷомеа ва давлат дар ин самт нақши муҳим мебозад.

Тавре маълум аст, солҳои 2025-2030 эълон шудани солҳои «Инноватсия ва технологияҳои рақамӣ ҳамчун калиди рушди устувор» барои пешрафти илм ва техника, паҳн намудани соҳаи барномасозӣ ва пайгирию таҳқиқи раванди ба истилоҳ «зеҳни сунъӣ» хеле ба маврид ва саривақтист.

Яке аз роҳҳои ба мақсад расидан, ба иқтисоди дорои технологияи инноватсионӣ рӯй овардан аст, яъне, ҳар коре дар ин самт оғоз мешавад, ҳатман аз технологияи инноватсионии муосир баҳравар шудан аст. Агар мо хоҳем, ба рушди бомароми давлати пешрафта муваффақ шуда, соҳиби комилҳуқуқи сарзамини хеш, иштирокчии бевоситаи пешрафти иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсии ин Ватан гардем, роҳи ягона рӯй овардан ба гуфтаҳои боло мебошад. Барои ҳалли ин масъала, пеш аз ҳама, тарбия ва ба камол расонидани мутахассисони ҷавон ва дорои тафаккури наву техникидошта маҳсуб меёбад. Агар имрӯз дар чунин сатҳи тайёр намудани мутахассисон, донишҷӯёни ихтисосҳои табиатшиносӣ ва техникӣ бо ҷаҳонбинии худ фарқ намоянд, пас вақте мо ин сатҳро то тафаккури инноватсионӣ мерасонем, онҳо ҷойгоҳи худро дар ҷомеа пайдо менамоянд.



Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли 2024, №154 «Барномаи ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028» тасдиқ шуда, дар доираи амалишавии он як

қатор чорабиниҳо, аз ҷумла, доир ба таҳкими заминаҳои моддӣ-техникӣ, таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо техникаи компютерӣ, ташкили шабакаҳои иттилоотӣ ва пайвастшавии онҳо ба шабакаи интернет ва тадбирҳо дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ амалӣ карда мешаванд. Вобаста ба ин зарур аст, ки давоми солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия ба миқёс ва тамоюли рушди иқтисодиёти рақамӣ диққати асосӣ зоҳир намуда, вазъи умумии он назорат карда шавад. Инчунин, стратегияи рушди иқтисоди рақамиро таҳия кардан ва дар доираи ин стратегия самтҳои маблағгузорӣ ва сармоягузориро барои татбиқи технологияи рақамӣ дар иқтисодиёт мушаххас нишон додан зарур мебошад.

Аз сабаби он ки дар ҷомеаи муосири иттилоотӣ ва компютерикунонидашуда иттилоот моли арзишмандтарин мебошад, инкишофи минбаъдаи технологияҳои иттилоотӣ бо таҳияи механизмҳои амнияти иттилоотӣ, аз ҷумла, механизмҳои ҳуқуқӣ робитаи зич дошта, хонандагон бояд якчанд зинаро доир ба ин фан озодона корбарӣ карда тавонанд:

Ҳадди ақалли ҳатмии мазмуни маводи таълим ба хонандагон имкон медиҳад, ки чунин зинаҳоро азхуд кунанд:

- бо компютер робитаи аввалин ва одитаринро барқарор намоянд;
- компютерро ҳамчун воситаи ҳамакор дарёбанд;
- истифодаи одитарини компютер – тарзҳои бакордарорӣ, хомӯшкунӣ, ҷустуҷӯ ва иҷрои барнома ва тренажёрҳоро
донанд;
- функсияи тугмаҳои асоситарини сафҳакалидро азхуд намоянд;
- амалиёти асосии кор бо манипулятори «муш»-ро иҷро карда тавонанд;
- машқҳои компютериро бо ҷузъҳои таълимии фанҳои алифбо, математика, аз ҷумла, фанҳои дақиқ ва забони модарӣ иҷро кунанд;
- кроссвордҳои компютерии содаро таҳия ва ҳал кунанд.

Соҳаҳои асосии информатикаи ҳозиразамон инҳоянд:

- **Техникаи ҳисоббарор.** Ба он сохтори системаҳои технологияи ҳисоббар, архитектураи ҳисоббар, сохтори муайянкунӣ, фармонҳо, функсияҳои иҷрокунӣ ва принсипҳои таъсиррасонии таҷҳизот дохил мешаванд.
- **Барномаронӣ.** Фаъолияти ин соҳа ба коркарди барномаронии таъминоти системаҳо, яъне, сохтани барномаҳои таъминоти системавӣ, коркарди забонҳои нави барномаронӣ ва компиляторҳою интерфейсҳо алоқаманд аст. Сохтани барномаҳои амалӣ, ба монанди системаҳои коркарди матнҳо, ҷадвалҳои электронӣ, манбаи пойгоҳи додаҳои системаҳои идоракунӣ ба шумор мераванд.
- **Назарияи информатика** як қисми информатика буда, ба он як қатор мафҳумҳои математикӣ дохил мешавад. Он ба мантиқи математикӣ такя мекунад. Яке аз қисматҳои назарияи информатика – назарияи алгоритмҳо ва автоматикунӣ, истифодаи методҳои математикӣ барои омезиши умумии рафти коркарди иттилоот мебошад.

Муҳимтарин чизе, ки бояд қобили назари мо шавад ва яке аз бахшҳои арзишманди таҷрибаи пешравии ҷомеа гардад, гузаштан ба фарҳанги техникист ва вобаста ба ин тайёр намудани мутахассисони ҷавони бофазлу бонеру ба ҳисоб меравад. Воситаҳои муосири технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ имкон медиҳанд, ки самаранокӣ ва сифати раванди таълим аз ҷиҳатҳои гуногуни он баланд бардошта шуда, дар ташаккули низоми нави таҳсилот, ҳадафҳо ва мундариҷа, технологияҳои педагогӣ нақши муҳим бозанд. Барои татбиқи ҳадафҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рақамикунонии иқтисодиёт фаъолияти ҳама соҳаҳо – илм, таълим, соҳибкорӣ, тиҷорат ва сохторҳои давлатӣ бояд мақсаднок бошад.

Дар заминаи муносибати босалоҳият дар амал, дар сатҳи ҷавобгӯ ба талаботи замон ба роҳ мондани машғулиятҳои «Технологияи иттилоотӣ», пеш аз ҳама, ба методикаи таълими фанни мазкур таваҷҷуҳи ҳаматарафа бояд зоҳир кард ва аз ҳар як омӯзгори ин фан талаб менамояд, ки вобаста ба имконоти техникии муассисаҳои таълимӣ, синфхонаҳои компютерии муҷаҳҳаз, шабакаҳои интернетӣ ва дохилӣ, дараҷаи фаҳмиши мавзуъҳои фан, интихоби методҳои босамари расонидани дониш ва дастовардҳои педагогии бевоситаи худ малакаву маҳорати мавҷудаи худро дар дарсҳояшон моҳирона истифода баранд.

# НАЗАРЕ БА ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО АЗ ФИЗИКА



**Азимхон МАЛАХОВ – омӯзгори физикаи гимназияи хусусии «Тоҷикистон» дар шаҳри Душанбе**

**Яке аз паҳлуҳои муҳим дар омӯзиши физика ҳалли масъалаҳо мебошад. Дар раванди ҳалли масъала донишомӯз дониши назариявии худро ба кор мебарад, зери роҳбариву роҳнамоии муаллим шеваи корбурди формулаҳо, қонунҳоро азхуд мекунад. Ёдовар бояд шуд, ки ҳалли масъала ба раванди азхуд кардани дониш, ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, рушди малакаҳои ҳисоб, бовари хонанда ба қобилияти фардии худ ёрии зиёд мерасонад.**

Ҳангоми ҳалли масъалаҳо бояд матни он дуруст пешниҳод ва дарк карда шавад. Нахуст муайян кардан лозим аст, кадом бузургиҳо дода шудаанд, кадом бузургиҳо номаълуманд, кадом бузургиҳо бояд ёфта шаванд. Сипас воҳидҳоро ба як система, асосан ба системаи воҳидҳои байналмилалӣ (СБ) овардан зарур аст. Барои ҳалли масъала муайян карда мешавад, ки кадом қонун ё формулаҳоро бояд ба кор бурд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки донишомӯзон бештар дар раванди корбурди ду-се формула, ки аз онҳо бузургии номаълумро бояд ёфт, душворӣ мекашанд. Барои намуна масъалаи зеринро аз китоби А.П. Римкевич «Маҷмуаи масъалаҳо аз физика» меорем.

**Масъалаи 1** (№36). Эскалатори метро мусофири дар он ором истодаро дар тӯли як дақиқа боло мебарорад. Худи мусофир бо эскалатори ором дар 3 дақиқа боло мебарояд. Мусофир бо эскалатор якҷоя ҳаракат карда дар чанд вақт боло мебарояд?

Ҳангоми ҳалли ин масъала ба муҳим будани нисбияти ҳаракат, ҷамъбандии суръатҳо ишора бояд кард. Шогирдон донанд, ки дар ҳарсе ҳолат ҳамон як роҳ, аммо бо суръатҳои мухталиф ва вақтҳои гуногун тай карда мешавад.

Пас, барои се ҳолат се формула менависем:

$t_1 = \frac{l}{\vartheta_1},\ t_2 = \frac{l}{\vartheta_2},\ t_3 = \frac{l}{\vartheta_3}$



Мувофиқи нисбияти ҳаракат ва қоидаи ҷамъбандии суръатҳо $\vartheta_3 = \vartheta_1 + \vartheta_2$. Аз ду формулаи аввал суръатро меёбем, $\vartheta_1 = \frac{l}{t_1}$ ва $\vartheta_2 = \frac{l}{t_2}$ ва онҳоро дар формулаи сеюм мегузорем:

$$t_3 = \frac{l}{\frac{l}{t_1} + \frac{l}{t_2}}$$

Бо истифода аз мафҳуми махраҷи умумӣ, хориҷ кардани $l$ формула намуди зеринро мегирад:

$$t_3 = \frac{l}{l\left(\frac{1}{t_1} + \frac{1}{t_2}\right)} = \frac{1}{\frac{1}{t_1} + \frac{1}{t_2}} = \frac{1}{\frac{t_1 + t_2}{t_1 t_2}} = \frac{t_1 t_2}{t_1 + t_2}$$

Пеш аз ҳисоббарориҳо албатта қиматҳои додашудаи вақтро бо сонияҳо бояд ифода кард.

$$t_3 = \frac{60 \cdot 80}{60 + 80} = \frac{10800}{240} = 45 \text{ сония}$$

Ҳангоми ҳалли масъалаҳои физикӣ пайваста амалҳои математикӣ ба кор бурда мешаванд, аз ин рӯ, дар рафти ҳисоббарориҳо дигарбора омӯзондани ихтисор, яклухт кардан, ба дараҷа бардоштан, аз реша баровардан ба манфиати кор аст.

Як масъалаи дигар навишти стандартии бузургиҳо, пешвандҳои физикӣ мебошад. Барои мисол, дар шарти масъала 15 пФ, 2 мҲн, 60 МҶ ва ғайра меояд, ки мувофиқан дар ҳисобҳо $15 \cdot 10^{-12}$ Ф, $2 \cdot 10^{-3}$ Ҳн, $60 \cdot 10^{6}$ Ҷ бояд навишт. Ё худ дар охири ҳисобҳо масалан 0,003 кг, 15000 Н, 2,96 мол, 5,976 Па ҳосил мешавад, ки онҳоро ба шакли зерин метавон навишт: 3 г, 15 кН, 3 мол, 6 Па.

Ҳоло ба таври намуна ҳалли чанд масъаларо пешниҳод мекунем, ки умед аст, мавриди қабули ҳамкасбони азиз мегардад.

**Масъалаи 2** (№48). Автомобил нисфи аввали роҳро бо суръати $\vartheta_1 = \frac{10\text{м}}{\text{с}}$ ва нисфи дигарашро бо суръати $\vartheta_2 = 15\frac{\text{м}}{\text{с}}$ тай кард. Суръати миёнаи автомобилро дар тамоми роҳ ёбед. Исбот кунед, ки суръати миёна аз миёнаи арифметикии $\vartheta_1$ ва $\vartheta_2$ хурд аст. Ҳангоми ҳалли ин масъала ба ибораи «нисфи роҳ» диққат бояд дод, яъне, мувофиқи шарти масъала$S=S_1+S_2$ ва $S_1=S_2$.

Аз ин ҷо чунин навиштан мумкин аст: $\vartheta_1 = \frac{S_1}{t_1}$ ва $\vartheta_2 = \frac{S_2}{t_2}$.

$\vartheta_\text{м}= \frac{S_{1+}S_2}{t+t_2}$ - формулаи суръати миёнаи ҳаракат.

Аз формулаи якум ва дуюм қиматҳои вақтро ёфта, дар формулаи суръати миёна мегузорем: $t_1 = \frac{S_1}{v_1}$ва $t_2 = \frac{S_2}{v_2}$.

$\vartheta_\text{м}= \frac{S_{1+}S_2}{\frac{S_1}{v_1}+\frac{S_2}{v_2}} = \frac{2S}{S\cdot\left(\frac{1}{v_1}+\frac{1}{v_2}\right)} = \frac{2}{\frac{v_1+v_2}{v_1\ v_2}} = \frac{2\vartheta_1\vartheta_2}{\vartheta_{1+}\vartheta_2}$: $\vartheta_{\text{м}}= \frac{2\cdot10\cdot15}{10+15} = \frac{300}{25} = 12$ м/с.

Миёнаи арифметикии суръатҳо чунин ёфта мешавад:

$$\vartheta = \frac{\vartheta_1\vartheta_2}{2} = \frac{10+15}{2} = \frac{25}{2} = 12{,}5 \text{ м/с}$$

Яъне, $\vartheta_{\text{м}\cdot ар} > \vartheta_\text{м}$ мешавад.

**Масъалаи 3** (№88). Ҳаракати ду мототсиклрон бо муодилаи $x_1$=15+t$^2$ ва $x_2$=8t дода шудаанд, Ҳаракати ҳар як мототсиклро шарҳ диҳед, вақт ва ҷои вохӯрии онҳоро ёбед.

Формулаи аввалро бо муодилаи ҳаракат $x$=$\vartheta_0$t+ $\frac{at^2}{2}$ муқоиса мекунем, маълум мешавад, ки мототсиклрони якум бошитоб ҳаракат дорад. Аз формулаи дуюм ва муодилаи ҳаракат маълум мешавад, ки ҳаракати дуввумӣ мунтазам аст.

Барои муайян кардани вақти ҳаракат ҳарду формулаҳоро баробар карда, вақти ҳаракатро меёбем

*$15+t^2=8t$; $t^2-8t+15=0$.*

Муодилаи квадратӣ ҳал карда ҳосил мекунем: $t_1$= $3_\text{с}$ ва $t_2$=$5_\text{с}$.

Аз инҷо, $x_1$=$x_2$=8 $_{м/с}$·3=24 м ва $x_2$=$x_1$= $8_{\text{м/с}}$·5=40 м мешавад. Яъне, онҳо ду бор вомехуранд.

**Масъалаи 4** (№110).

Радиуси чархи кории турбинаи обӣ назар ба радиуси чархи турбинаи буғӣ 8 маротиба калон буда, басомади гардиш 40 маротиба хурд аст. Суръат ва шитоби нуқтаҳои чанбараки чархи турбинаҳоро ёбед.

Мувофиқи шарт $R_2$=8R, ва $\pi_2 = \frac{\pi_1}{40}$ мебошад.

Суръати чархҳо $\vartheta_1 = 2\pi R_1\pi_1$ ва $\vartheta_2 = 2\pi R_2\pi_2 = 2\pi 8R_1\,\frac{1}{40}\pi_1 = \frac{2\pi R_1\cdot\pi_1}{5}$

аз ин ҷо $\frac{\vartheta_2}{\vartheta_1} = \frac{2\pi R_1\,\nu_1}{5\cdot 2\pi R_{1\nu}} = \frac{1}{5}$ мешавад.

Ҳамин гуна аз формулаи шитоб дар ҳаракати доиравӣ $\alpha = \frac{\vartheta^2}{R}$ мувофиқан меёбем.

$\alpha_1 = \frac{\vartheta_1^2}{R_1} = 4\pi^2\pi_1^2 R_1$;

$\alpha_2 = \frac{\vartheta_2^2}{R} = 4\pi^2\pi_2^2 R_2 = 4\pi^2\,\frac{\pi_1^2}{40^2}\cdot 8R_1 = 4\pi^2\pi^2\,\frac{R_1}{200}$;

$\frac{\alpha_2}{\alpha_1} = \frac{1}{200}$.

**Масъалаи 5** (232). Исбот кунед, ки даври гардиши моҳвораи маснӯӣ аз рӯи мадори доиравӣ бо формулаи Т=$2\pi R\sqrt{G\cdot\frac{R}{M}}$ муайян карда мешавад, дар ин ҷо М-массаи сайёра, R-радиуси мадор.

Барои исбот аз формулаҳои $\vartheta=\frac{2\pi R}{T}, T=\frac{2\pi R}{\vartheta}, g=\frac{\vartheta^2}{R}, \vartheta=\sqrt{gR}, F=mg, F=G\cdot\frac{Mm}{R^2}$ истифода мебарем. Аз формулаҳои қувваҳои вазнинӣ ва ҷозиба барои шитоби афтиши озод ҳосил мекунем:

$g=G\cdot\frac{M}{R^2}$ ва ин қиматро ба формулаи суръат мегузорем: $\vartheta=\sqrt{gR}=\sqrt{G\cdot\frac{M}{R}}$,

сипас ин натиҷаро ба формулаи даври гардиш гузошта, ба натиҷаи матлуб мерасем:

$$T=\frac{2\pi R}{\vartheta}=\frac{2\pi R}{\sqrt{G\cdot\frac{M}{R}}}=2\pi R\sqrt{\frac{M}{GR}}$$

**Масъалаи 6** (237). Дар қитъаи роҳ аломати маҳдудкунандаи суръат 30 км/соат гузошта шудааст. Ронанда тормозро пахш ва нозири роҳ муайян кард, ки роҳи пас аз тормоздиҳӣ 12 м аст.

Агар зариби соиши резин бо асфалт 0,6 бошад, ронанда қоидаҳои ҳаракатро вайрон кардааст ё не?

Барои ҷавоб ба саволи гузошташуда суръати воқеии мошинро то лаҳзаи тормоздиҳӣ муайян бояд кард.

Аз формулаҳои қонуни дуюми Нютон ва қувваи соиш, формулаи вобастагии суръат бо шитоб истифода мебарем: $F=ma, F_c=\mu mg$ ва $a=\frac{\vartheta^2}{2S}$. Дар асоси ин формулаҳо барои суръат формулаи зеринро ҳосил мекунем: $ma=\mu mg, a=\mu g, \vartheta=\sqrt{2aS}=\sqrt{2\mu gS}$

$\vartheta=\sqrt{2\cdot 0{,}6\cdot 10\cdot 12}\approx 12$ м/с.

Маҳдудияти суръат: 30 км/соат = 8,3 м/с

Аз муқоисаи суръатҳо маълум мешавад, ки ронанда қоидаи ҳаракатро вайрон кардааст.

Ин ҷо асосан чанд масъалаи миқдорӣ пешниҳод гардид. Дар ҳамин росто, масъалаҳои сифатӣ ҷойгоҳи хоси худро доранд. Ҳангоми баёни мавзуъ ва дар раванди мустаҳкам кардани донишҳо, ҳангоми арзёбӣ пешниҳоди масъалаҳои сифатӣ ба маврид аст. Масъалаҳои сифатӣ дар шогирдон фикр кардан, ҷустуҷӯ, таҳлил, муқоиса, баҳс карда тавонистан, далел оварданро тарбият медиҳад. Яке аз чунин манбаъҳои масъалаҳои сифатӣ китоби Е.М.Тулчинский «Масъалаҳои сифатӣ аз физика дар мактаби миёна» (бо забони русӣ) мебошад, ки онро омӯзгорони мӯҳтарам аз интернет метавонанд дастрас намоянд. Дар раванди ҳалли масъалаҳо чандин паҳлуи кори омӯзишу парваришро метавон баррасӣ кард, ба монанди тарбияи меҳнатдӯстӣ, рушду васеъ намудани ҷаҳонбинии илмӣ, густариш доданидонишҳои политехникӣ, ғанӣ гардонидани маълумоти таърихӣ доир ба кашфи падидаҳои физикӣ, ихтироот, саҳифаҳо аз рӯзгори олимони физика ва ғ.

Ҳал кардани масъалаҳои физикӣ барои рушди тафаккури мантиқии шогирдон, қобилияти таҳлил кардани рӯйдодҳо ва истифодаи донишҳои назариявӣ дар амал воситаи хубе мебошад. Дар ин самт вазифаи омӯзгор на танҳо омӯзонидани ҳалли масъала, инчунин, ошно кардани онҳо бо олами рангину пурғановати илми физика низ мебошад.

Дил гарчи дар ин бодия бисёр шитофт,
Як мӯй надонист, вале мӯй шикофт.
Андар дили ман ҳазор хуршед битофт,
В-охир ба камоли заррае роҳ наёфт.

**Сино**

# МАСНАДИ БАЛАНДИ ШЕЪР



Саида НАБИЗОДА – Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар анҷуманҳои шеърӣ дар Афғонистон, Ирон, Урупо, Конодо, Амрико ва дигар нуқоти олам пайваста иштирок мекунам ва аз вазъи имрӯзаи шеъри форсӣ хуб огаҳӣ дорам. Шоиреро дар пояи Алимуҳаммад Муродӣ ёфтан душвор аст. Ӯ барҳақ, аз саромадони шеъри муосири форсӣ дар ҷаҳон аст.**

***Партав Нодирӣ – сиёсатмадор ва шоири маъруфи Афғонистон***

Номи Алимуҳаммад Муродӣ миёни дӯстдорони шеър, миёни ҷомеа чанд соли охир маъруфияти бештар пайдо кард. Албатта, сабаб маълум: дур аз марказ рафт, деҳа ва хоку заминро ихтиёр кард. Ба қавли устод Гулрухсор, замин устодаш шуд. Дигар, тарғиби зиёд надошт. Ниҳоят, замоне ки ба дараҷаи камолоти шоирӣ расид, ба минбар баромад ва шеъраш аллакай паҳнои васеъ пайдо кард, аз кишвар бурун рафт...

Яке аз вижагиҳои маҳорату ҳунарии ҳар шоир дар интихоби номи шеър ва китобаш нуҳуфтааст. Номи китобҳои А.Муродӣ зуд диққати хонандаро ҷалб мекунанд, масалан, «Роҳи руҳ», «Чароғи рӯзадор», «Хайрбоди баҳор», «Моҳи хасрав», «Боғи мурод», «Сунбулкон», «Сиёҳҷангал». Маънии ҳар кадоме аз ин вожаҳо аз диди хоси шоир ба шеър ва каломи мавзунаш бармеояд.

Ӯро шоири дард ва шеърашро марҳами қалб меноманд. Шеъри ӯ дар забони мардум шиор гашт, ончунон ки оҳангу каломаш даъвати хос доранд. Воқеан, шоирон бисёранд, вале байтеро аз эҷоди қисме аз онҳо ҳамчун шиор ёфтан душвор аст. Аммо дар шеърҳои Алимуҳаммад Муродӣ дар ҳар маврид шиор ёфт мешавад. А.Муродӣ як инсони озоду озодагуфтор ва озодахӯ, ҳаётдӯст, шикастанафс, ватандор, худшинос ва таронасароcт. Дар шеърҳои ӯ метавон баҳонаи зиндагӣ карданро дарёфт, тавре мегӯяд:

*Барои зиндагӣ кардан баҳона бояд ҷуст,*
*Барои худкушӣ кардан баҳона бисёр аст.*



Устод шоири деҳқон аст, аз замин баракат ёфту бо каланд манбаи илҳомаш ба ҷӯш омад ва бо қалам ба сафҳа рехт. Ризқаш, эътибораш, ному нонашро аз замин ёфт, аз ин рӯ, ба замин, ба ватан, ба модар, ба ҳаёт эҳтироми хоса дошта, инро аз дигарон ҳам талаб мекунад. Ҳатто, фалсафаи зиндагиро бо ишора ба баъзе носипосиҳо ба замин рабт дода мегӯяд:

*Инсоф бубояд аз замин омӯхтан,*
*Як дона бигираду ҳазорат бидиҳад.*

Ин байт ишора ба онҳоест, ки қадри хубиро намедонанд, яъне, то он ҳад беинсофанд, ки шоир ба онҳо аз замин инсоф омӯхтанро тақозо мекунад.

Зиндагӣ ҳамин аст, ки шахс дар ҷавонӣ ба қадри неъматҳои он намерасад. Ин маъниро шоир дар ду мисраъ басо таъсирнок баён кардааст. Дар ин байт шоир тавассути ташбеҳ ёдовар мешавад, ки мурғ то монда нашавад, аз болзанӣ намемонад, вақте монда шуд, баъд мефаҳмад, ки бол дорад. Одамӣ ҳам то пир нашавад, хатари маргро эҳсос намекунад. Чунончи, мегӯяд:

*То пир нашуд мард, надонад хатари умр,*
*То монда нашуд мурғ, надонад хатари бол.*

Шоир дар бисёр маврид хонандаро барои раҳоӣ ёфтан аз ноумедӣ даъват мекунад. Ӯ барои мақсадро ифода кардан ҳатман ташбеҳҳои ҳаётӣ меорад, то хонанда ба асли мақсад ба осонӣ сарфаҳм равад. Ҳамзамон, аз мазмуни як зарбулмасал ё мақол байт ё панде тавре мегӯяд, ки зуд дар зеҳни хонанда ҷой мегардад. Масалан, дар ин дубайтӣ мазмуни ҳикматҳои мардумӣ - «Аз ноумедӣ басе умед аст...» ва «Як дари баста, сад дари бикшода» ифода ёфтааст, аммо ба тарзу шеваи вижа, хушоҳангтар:

*То пухта диле шавад, ғамаш афзоянд,*
*То ош шавад пухта, дамаш партоянд.*
*Навмед машав, агар дареро бастанд,*
*Бар рӯи ту дарҳои дигар бикшоянд.*

Зиндагиро дар ҷойи дигар устод ба аспи маст ташбеҳ дода, хонандаро водор мекунад, ки чун шаҳсавор ба он савор шавад, пеши мушкилоти зиндагӣ сар хам накунад. Яъне, аспи маст ба одамони заиф сар нафуроварда, онҳоро нобуд мегардонад, онро танҳо шаҳсавор, оне, ки ғайрату ҷуръати мардонагии баланд дорад, савор шудаву ром карда метавонад. Ба ҷойи шиква кардан зистанро бояд омӯхт, баҷуръатона, оқилона ва дурбинона. Бубинед, чӣ тавр бамавқеъ ва саррофона гуфтааст:

*Бечоравор нола макун пеши зиндагӣ,*
*К-у ҳеҷ гоҳ гӯш ба афғон намедиҳад.*
*Чун шаҳсавор хезу базӯраш савор шав,*
*Ин аспи маст тан ба заифон намедиҳад.*

Ин шеърро устод Аламхон Кӯчарзода басо хуб таҳлил кардааст: «Агар аспи маст рамзи душворписандӣ, мардпарварӣ ва шуҷоат бошад, пас, шаҳбоз рамзи сарбаландӣ, ҳалолкорӣ ва поктинатию садоқатмандист».

Ҷойи дигар шоир дили инсонро ба замин монанд мекунад ва мегӯяд, ки ҳарчанд заминро бештар нарм кунем, самараи бештар ба даст мегирем:

*Ба замин монад дили одам,*
*Ҳар қадар нармаш кунӣ, он қадр ҳосилвар шавад.*

Ин маънӣ зимни мушоҳидаҳои ҳаётӣ ба риштаи назм кашида шудааст, зеро дар зиндагӣ як камбуди инсонҳо ҳамин аст, ки дар муносибат бо дуруштӣ ҳарф мезананд, рафтор мекунанд ва дили ҳамдигарро меранҷонанд. Шояд нисбат додани вожаи «сангиндил» ба ин тоифа ҳам аз ҳамин ҳолатҳо сар зада бошад.

Шоир ҷойи дигар зиндагиро ба деги сиёҳ монанд кардааст. Вале он чиро ки мо надидем, ӯ дид, ҳама медонад, ки дар деҳа шир дар деги сиёҳ пазад ҳам, рангашро дигар намекунад. Аммо барои инсон дар сахтиҳои зиндагӣ ҷӯшидаву пухтану пок мондан кори саҳл нест:

*Дар деги сиёҳи зиндагӣ ҷӯшида,*
*Чун шир сафеду пок мондан мушкил.*

Инсонҳои дурӯя дар ҳама давру замон боиси нороҳатии аҳли ҷомеа мегарданд, вале гуфтору кирдори онҳо ногуфта мемонад. Ин шоир аст, ки аз хубу бади зиндагӣ мегӯяд, менависад ва эътироз мекунад. Дар як шеъраш ба чунин нокасон ишора карда мегӯяд:

*Аз табассум, ки дар лабе нашукуфт,*
*Аз нигоҳе, ки сахт сармоист.*
*Аз дурӯғе, ки ростиро кушт,*
*Аз умеде, ки дар дили кас нест.*
*Ман чӣ гӯям?*
*Нагуфтанам беҳтар...*

Ҳамин гуна дар шеър андешаи шоир аз онҳое, ки ба қадри инсону сухан намерасанд, идома меёбад.

Дар бисёр маврид шоир ба зиндагӣ муроҷиат карда, дил холӣ мекунад. Чунончи:

*Андуҳи ту ҳеҷ раҳм бар ман накунад,*
*Коре, ки кунад дӯст, душман накунад.*
*Як ғуссаи ношинос дар хонаи дил,*
*Меҳмон шудасту фикри рафтан накунад.*

Миёни мардум ин суханҳо зиёд такрор мешаванд: коре, ки душман накард, дӯст кард, манзур, хиёнати дӯст ва бераҳмии ӯст. Дар мисраъҳои баъдӣ ғуссаеро, ки дар дил ҷо мегирад, ба баъзе меҳмонҳои хира монанд кардааст. Албатта, мардуми мо меҳмоннавозанд ва шоир инро ба ҳеч ваҷҳ инкор намекунад, аммо дар ҳар хонадон баъзе мушкилоте ҷой дорад, ки меҳмонро дуру дароз таҳаммул кардан ғайриимкон мегардад.

Таносуби сухан дар эҷодиёти шоир бисёр хуб ва мантиқӣ ба назар мерасад. Масалан, дар ҷойи дигар шоир заминро ба киштӣ ва замонаро ба тӯфон, тақдири инсонҳоро ба киштии сарсон монанд кардааст, яъне, киштӣ дар баҳр аст ва агар тӯфон хезад, метавонад онро нобуд кунад. Зиндагӣ ҳам ҳамин аст, дар сарсонию рӯзҳои сахту сангин ҳама ҳамдигарро ба оғӯш мегиранд, бехабар аз он ки дар чеҳраи баъзе дӯстон душманӣ ниҳон аст:

*Киштист замин, замона чун тӯфон аст,*

*Тақдири башар ба киштии сарсон аст.*
*Ғарқаш бикунад мавҷ, гирифта оғӯш,*
*Дар чеҳраи дӯст душманӣ пинҳон аст.*

Шинохтани дӯст кори осон нест, барои дӯстро шинохтан ҳар кас меъёрҳои гуногунро интихоб мекунад. Шоир дар заминаи мақоли «Дӯстро дар сафар бишнос» ин маъниро ба риштаи назм кашидааст. Мегӯянд, ки баъзе инсонҳоро дар мастияшон шинохтан осонтар аст. Ин маънӣ дар дубайтии зерин хуб таҷассум ёфтааст:

*Ёр шав, то дар сафар бишносамат,*
*Лаҳзаи хавфу хатар бишносамат.*
*Бин, ки дунёи пинҳонии ту  чист?*
*Маст шав, то хубтар бишносамат.*

Дунёи шоир фаротар аз миллату халқиятҳост. Ба назар мерасад, ки ҷангҳои ҷаҳон ӯро хеле дилгир кардаанд, чун орзу мекунад, ҳама миллату қавмҳо ба ҳайси як миллат – ОДАМ шинохта шаванд ва ҷаҳони бедарду ғаме бисозанд:

*Биё, эй ҳамзамин, бо ҳам бисозем,*
*Ҷаҳони дарду ғам беғам бисозем.*
*Зи садҳо миллату  қавми парешон,*
*Ягона миллати Одам бисозем.*

Маориф соҳаест, ки барои рушди ҷомеа, давлатдорӣ ва ояндаи рӯшани инсонҳо хидмат мекунад. Илму маориф аз нигоҳи адибону олимон ба ҳар тариқа тавсиф карда шудаанд. Чунончи, Рӯдакии бузург «Дониш андар дил чароғи равшан аст...» гуфтааст. Алимуҳаммад Муродӣ маорифро ба чароғи зиндагӣ ва гулбоғ ташбеҳ дода, сарбаландии миллатро аз он вобаста медонад ва ба ин тариқа, хонандаро водор мекунад, ки ҳамеша пайгири ин роҳ буданро фаромӯш накунанд. Чунончи:

*Аз маориф мешавад равшан чароғи зиндагӣ,*
*Аз маориф мешавад гулбоғ боғи зиндагӣ.*
*Аз маориф мешавад миллат дар олам сарфароз,*
*Аз раҳи илму маориф кун суроғи зиндагӣ.*

Алимуҳаммад Муродӣ шоири шеъри сафед, шоири дилҳо, шоири шиорҳо, шоире, ки ҳар мисрааш тараннумгари ҳақиқату худшиносӣ, ватандӯстӣ ва халқпарварист. Ӯ шоири соҳибунвон аст, чун соҳибэъҷоз асту соҳибҳунар. Назару андешаи ӯ дар паҳнои шеър вусъати хосаву тозае дорад, ки маҳз ин сифоташ ҷанбаи шеърашро комил гардондаанд. Магар метавон аз шоире мисли ӯ ситоиш накард, шоире, ки барояш ҳақиқат меъёри баёни афкор ва садоқат меъёри шинохти тинати ӯ дар ватандорист, шоире, ки як ҷаҳон маъниро дар як мисраъ меғунҷонад. Академик Аламхон Кӯчарзода таъкид мекунад, ки дар шеъри Алимуҳаммад Муродӣ мазмун дар ҷойи аввал меистад. «Ҳунари баланди ӯ дар ин зоҳир мегардад, ки мазмуни баландро дар ҳаҷми кӯтоҳ ҷо мекунад», - мегӯяд ӯ. Барои мисол:

*Афтода зи чӯби хушк ёрӣ хоҳад.*

Яъне, чӯби хушк, агарчи чандон мустаҳкам нест, ҳангоми мушкилӣ мо ба он такя мекунем, аз он мадад меҷӯем. Ин мазмун зарбулмасалаи халқии «Зиндагӣ оинаро муҳтоҷи хокистар гардонад»-ро ҳам то андозае ба хотир меорад.

Устод аз пешгомтарин суханваронест, ки барои пойдории миллат ва давлат сулҳу ваҳдатро муқаддам мепиндорад. Аз нигоҳи ӯ, ҳар мушкилӣ маҳз дар заминаи ҳамдилӣ осон мегардад. Чунончи, мегӯяд:

*Қавми беваҳдат парешон мешавад,*
*Мушкилӣ аз Ваҳдат осон мешавад.*

Ин ҳамдилиро шоир дар ҷойи дигар бо қатъият ба миён гузошта, талаб мекунад, ки барои нашикастан дар пеши душман мушт бояд буд:

*То ба кай паҳлуи ҳам,*
*Аз ҳам ҷудо*
*Нотавон монандаи ангушт бояд буд,*
*Дар ҷаҳони муштзӯрон мушт бояд буд,*
*Мушт бояд буд...*
*Муштхӯр не,*
*Муштзӯру мушт бояд буд,*
*Мушт бояд буд.*

Оҳанги шеъри Муродӣ дар ҳар жанр қобили ситоиш ва таҳсин аст. Шеъре, ки ба модар навиштааст, садои қалби ҳар як фарзанди баномус аст. Шеъри «Модарам» аз се банди шашмисраӣ иборат аст. Банди аввал тасвири симои модарро дар бар мегирад:

*Доманаш гаҳвораи нозам,*
*Ва канораш чу бистари ман буд.*
*Шамъ буд, шаб барои ман месӯхт,*
*Соя буд рӯз, бар сари ман буд.*
*Ба Худо, Худои ҳастам кард,*
*Беҳтарин Модар, Модари ман буд.*

Ин қадар табиӣ, ҳаётӣ, зинда ва бо истифода аз санъатҳои бадеии тасвирӣ гуфта шудааст, ки воқеан, дар ғояти эъҷоз аст. Сифоти модар дар ин шеър ба сӯхтани шамъ дар торикӣ, чун соя ба сари фарзанд дар рӯзи офтобӣ, доманаш ба гаҳвораи ноз, канораш ба бистар тасвир ёфтааст.

Дар банди дуюм аз интизориҳои модар ба дард ёд карда, дар анҷом аз он ки рисолати худро ба дурустӣ иҷро карда натавонистааст, афсӯс меҳӯрад:

*Хизматаш он чунон, ки мебоист*
*Кардан, э во, натонистам.*
*Тоҷ буд, офтобам буд,*
*То нарафт аз сарам надонистам,*
*Ба Худо, Худои ҳастам кард,*
*Беҳтарин модар, модари ман буд.*

Ин таассуфи шоир як навъ даъвати хонанда барои иҷрои рисолати фарзандӣ ҳам фаҳмида мешавад. Дар зимн, шоир ба фарзанд ҳам насиҳатҳо дорад, кӯтоҳ, муҷаз, таъсирнок:

*Аё фарзанд,*
*Медонӣ, ки мехоҳам чӣ сон бошӣ?*
*Дарахти сабз бояд буд,*
*Сарат дар офтобу соябони дигарон бошӣ.*

Дар тасвири шоир фалсафаи зиндагӣ ниҳон аст: дарахти сабз соя меафканад ва инсон ҳам бояд мисли чунин дарахт соябони дигарон шуда тавонад, албатта, бо аъмоли хуб ва масъулиятши волояш.

Дар вохӯрие, ки Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ дар Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи Акашариф Ҷӯраев баргузор кард, муовини аввали вазири фарҳанг, Шоири халқии Тоҷикистон Давлат Сафар ифтихори худро аз шоир ба ду мисраъ ифода кард:

*Аз манзалати шеър чӣ пурсӣ ту маро?*
*Шогирди Муродиям, ҳамин бас бошад!*

Алимуҳаммад Муродӣ адибест, ки бо забон, воситаҳои тасвир, санъатҳои бадеӣ ва сабки хос дар ҳар жанр, аз ҷумла, чаҳорпора, нимоӣ, ғазал, маснавӣ, мусаддас, мухаммас, рубоӣ, дубайтӣ, достон, манзума, мусаммати мураббаъ, шеъри тасвирӣ, қитъа, ҳамзамон, қиссаву ҳикоя менависад. Шеъри ӯ бо махсусияташ мақоми баландро дар адабиёти имрӯзаи форсизабонон соҳиб аст. Ҳоруни Роун – шоир ва муҳаққиқи адабиёти дарӣ аз Оттава (Канада) устод Муродиро «аз бузургони шеър» гуфта бошад, Баҳром Сулаймонӣ – рӯзноманигор ва шоири Кирмоншоҳи Эрон менависад: «Инсони бузург аст. Мо, форсизабонон, чӣ гавҳарҳое дорем, ҳанӯз нашинохта».

Дар рӯнамоии китоби устод, ки бо иқдоми директори Китобхонаи миллии Тоҷикистон Ҷумъахон Файзализода сурат гирифт, ҳама чеҳраҳо буданд, аз илму ҳунар, аз адабиёту санъат, аз матбуоту донишгоҳҳо. Бо фарқ аз баъзе рӯнамоиҳо, дар ин ҷо ҳар кадом гуфтание доштанд, чун гуфтанӣ барои чунин ашхос зиёд аст, аз ҳунар, аз ҳунари суханофаринӣ, аз одамият, аз хоксорӣ ва аз шарафу ватандории ШОИР ҳар қадар гуфтанд, суханашон интиҳо намеёфт. Шинохти Алимуҳаммад Муродӣ, ки каломаш аз ҷониби ҳазорҳо ҳамзабонон, аз тамоми гӯшаву канори дунё баҳои баланд гирифтааст, шинохти як шоир не, шинохти адабиёт аст, шинохти миллат аст, шинохти мардумони ҳамзабон аст. Пас, вақте Озар Салим мегӯяд:

*Ба Яздон бигуфтам, ки моро чӣ додӣ?*
*Бигуфто: Муродӣ, Муродӣ, Муродӣ!!!*

Ва ё ба гуфти адабиётшинос Шарифмурод Исрофилниё, мерос аз суннати Ибни Ямин ба Муродӣ расида бошад, зарур аст, ки таваҷҷуҳи насли имрӯз ба омӯзишу дарки шеъри чунин шоир равона гардад. Ашъори чунин шоирон бояд ба китобҳои дарсӣ роҳ ёбад, зеро аз шеъри ӯ хонандаи имрӯз дарси мардонагӣ ва ҷасорат, ватандорӣ ва одамиятро меомӯзад.

Замима
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 30 октябри соли 2024, №563

# НИЗОМНОМАИ НАМУНАВИИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ТОМАКТАБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи намунавии муассисаҳои таълимии томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома) тартиби фаъолияти муассисаҳои таълимии томактабиро (минбаъд Муассиса), новобаста ба шаклҳои моликият ва тобеияти идоравӣ, ба танзим медарорад, инчунин мақсад, ҳуқуқ, уҳдадорӣ, вазифа ва самтҳои дигари фаъолияти онҳоро муайян менамояд.

2. Мақсади асосии Муассиса фароҳам овардани шароити мусоид барои тарбия ва таҳсилоти кӯдакони синну соли барвақтӣ ва томактабӣ мебошад.

3. Муассиса фаъолияти худро тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак», стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи маориф, Низомномаи мазкур ва оинномаи худ ба роҳ мемонад.

## 2. ВАЗИФАҲОИ МУАССИСА

4. Вазифаҳои асосии Муассиса аз инҳо иборат мебошанд:

- ташаккули инкишофи ҷисмонӣ, зеҳнӣ, ахлоқӣ ва фарҳангии кӯдакони синни томактабӣ бо дар назар доштани қобилият, шавқу рағбат ва хусусиятҳои фардии онҳо;
- ташаккули шахсият ва гузоштани замина барои таълимгирии минбаъдаи кӯдакони синни томактабӣ бо дар назар доштани омода намудани онҳо ба таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ;
- тарбияи кӯдакони синни томактабӣ дар руҳияи эҳтиром ба арзишҳои фарҳангию миллӣ ва умумибашарӣ, муҳаббат ба Ватан, эҳтиром ба инсон ва қонун, рамзҳо ва забони давлатӣ, оила ва ҷомеа, инчунин муносибати бошуурона ба муҳити зист ва ҳифзи он; таъмини инкишофи ҳаматарафаи шахсияти кӯдак дар синну соли барвақтӣ ва томактабӣ, бо дар назар доштани хусусиятҳои синнусолӣ ва инфиродӣ, қобилият ва талабот, ташаккул додани меъёрҳои ахлоқӣ ва мусоидат намудан барои ба даст овардани таҷрибаи иҷтимоии кӯдак;
- таълими донишу малакаи аввалия тибқи стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барномаҳои таълиму тарбияи томактабӣ;
- фароҳам овардани шароит барои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синну соли барвақтӣ ва томактабӣ ва иҷтимоикунонии онҳо;
- фароҳам овардани шароит барои ташаккули ҳисси ватанпарастӣ ва худшиносии миллӣ, эҳтиром ба арзишҳои умумибашарӣ;
- фароҳам овардани шароит барои инкишофи ҷисмонӣ ва тарзи ҳаёти солим;
- дастгирии иҷтимоию педагогии тарбиягирандагон ва расонидани кумаки равонӣ ба онҳо;
- фароҳам овардани шароит барои таъмини сифати хизматрасонии пешниҳодшавандаи таълиму тарбиявӣ;
- ба роҳ мондани тасҳеҳи зарурии норасоиҳо дар инкишофи ҷисмонӣ ва (ё) равонии тарбиягирандагон;

- расонидани кумаки машваратӣ ва методӣ ба падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) оид ба масъалаи тарбия, таълим, инкишоф ва нигоҳдошти саломатии кӯдак;

- таъмини имконияти бомуваффақият гузаштан ба таҳсилоти умумӣ.

**3. ТАРТИБИ ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ МУАССИСА**

5. Муассиса бо ташаббуси муассис (муассисон) таъсис ёфта, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта мешавад.

6. Муассиса шахси ҳуқуқӣ буда, дорои муҳр, штамп ва лавҳа бо забони давлатӣ мебошад.

7. Муассиса дар асоси оинномa амал мекунад, ки он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

8. Бинои Муассиса тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба талаботи санитарию гигиенӣ, зиддиэпидемиологӣ ва зидди сӯхтор ҷавобгӯй бошад.

9. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муассисаҳои давлатиро, ки дар ҳудудашон фаъолият доранд, ба таври марказонидашуда аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ва даромадҳои худ бо захираҳои моддӣ ва маводди озуқа таъмин менамоянд.

10. Масрафи маблағ барои маводди озуқа аз меъёрҳои муқаррарнамудаи давлатӣ кам буда наметавонад.

11. Хизматрасонии тиббӣ ба кӯдакон дар Муассиса, новобаста ба шаклҳои моликият ва тобеияти идоравӣ, ройгон анҷом дода мешавад.

12. Муассиса танҳо пас аз гирифтани иҷозатнома оид ба пешбурди фаъолияти таълиму тарбия ҳуқуқи фаъолият кардан ва истифода бурдани имтиёзҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро пайдо менамояд.

13. Муассиса тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ аз аттестатсия ва аккредитатсияи давлатӣ мегузарад.

14. Муассиса бо қарори муассис метавонад мақомашро дигар намояд, агар он бархилофи уҳдадориҳои Муассиса набошад.

15. Хизматрасонии тиббии тарбиягирандагонро дар Муассиса кормандони соҳаи тиб, ки аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба ин Муассиса вобаста шудаанд, таъмин менамоянд. Онҳо роҳбарони Муассиса ва кормандони педагогӣ дар гузаронидани чорабиниҳои табобатию пешгирии беморӣ, риояи меъёрҳои санитарию беҳдоштӣ, реҷа ва сифати хӯроки тарбиягирандагон масъул мебошанд.

16. Ташкили хӯрок дар мувофиқа бо Муассис ба уҳдаи Муассиса гузошта мешавад. Дар Муассиса бояд ҷойи хӯрокхӯрӣ барои тарбиятгирандагон, инчунин анбори нигоҳдории маҳсулот ва ҳуҷраи тайёр намудани хӯрок мавҷуд бошад.

17. Дар Муассиса ба ташкилу фаъолияти сохторҳои ташкилии ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои ҷамъиятиву сиёсӣ ва ташкилоти динӣ иҷозат дода намешавад.

18. Дар Муассиса тибқи қонунгузорӣ бо ташаббуси худи Муассиса ва падару модарон кумита ва ассотсиатсияҳои падару модарон ва сарпарастон таъсис ёфта, фаъолияти он ба роҳ монда мешавад.

19. Реҷаи кори Муассиса бо тартиби зерин муқаррар карда мешавад:

оғози кори Муассиса аз соати 7:00;

қабули кӯдакон дар Муассиса аз соати 7:30 то 8:30;

анҷоми кори Муассиса соати 17:00.

20. Муассисаи ғайридавлатӣ ҳамчун ҷузъи таркибии низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари Муассисаи давлатӣ уҳдадорӣ ва масъулият дорад.

21. Назорати фаъолияти Муассиса, новобаста ба шаклҳои моликият ва тобеияти идоравӣ, аз тарафи мақоми ваколатдори давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илм ба роҳ монда мешавад.

**4. ИДОРАКУНИИ МУАССИСА**

22. Идоракунии Муассиса мутобиқи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» ва оинномаи Муассиса, ки дар асоси Низомномаи мазкур таҳия шудааст, амалӣ карда мешавад.

23. Роҳбари Муассиса барои фаъолияти Муассиса дар назди муассис тибқи оинномa масъул ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

24. Мақоми худидоракунии Муассисаҳо шурои педагогӣ мебошад.

25. Тартиби интихоби мақомоти худидоракунии Муассиса ва ваколати онҳо дар оинномаи Муассиса муайян карда мешавад.

26. Шурои педагогӣ мақоми олии Муассиса ба ҳисоб рафта, ҷаласаҳои он дар 2 моҳ як маротиба гузаронида мешавад. Ҳангоми зарурат дар Муассиса ҷаласаи ғайринавбатии шурои педагогӣ гузаронида мешавад. Фаъолияти шурои педагогӣ дар низомномаи он муайян карда мешавад.

27. Шурои педагогӣ дар фаъолияти худ функсияҳои зеринро амалӣ менамояд:

- манфиатҳои субъектҳои раванди таълиму тарбияро ташаккул ва инъикос карда, ҳифзи онҳоро таъмин менамояд;
- нақшаи фаъолияти таълимию тарбиявӣ ва молиявию хоҷагии Муассисаро муайян менамояд;
- натиҷа ва сифати таълиму тарбияи кӯдаконро дар гурӯҳҳои синнусолӣ арзёбӣ ва ҳисоботи роҳбари Муассисаро баррасӣ менамояд;
- рафти иҷрои талаботи стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барномаҳои таълиму тарбияи томактабиро баррасӣ менамояд;
- сарбории кормандони педагогӣ ва сармураббияро муҳокима ва тасдиқ менамояд;
- раванди таълиму тарбия ва вазъи молиявию хоҷагии Муассисаро назорат мекунад;
- мазмун ва шаклу усулҳои раванди таълимро баррасӣ мекунад;
- самтҳои афзалиятноки фаъолияти минбаъдаи таълимиро муайян мекунад;
- масъалаи баланд бардоштани салоҳиятнокии касбӣ ва бозомӯзии кадрҳоро баррасӣ менамояд;
- сифати раванди таълиму тарбияро арзёбӣ мекунад.

28. Ба ҳайати шурои педагогӣ роҳбари Муассиса, мушовири мақомоти маҳаллии идоракунии маориф оид ба самти томактабӣ, мураббиён, раиси кумитаи падару модарон, ҳамшираи тиббӣ, роҳбари мусиқӣ, мутахассисон дохил мешаванд.

29. Роҳбарии бевоситаи Муассисаро мудир амалӣ мегардонад. Мудири Муассисаи давлатии мақоми ҷумҳуриявидошта аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм ва мудири Муассисаи давлатии мақоми маҳаллидошта аз тарафи мақоми маҳаллии идоракунии маориф дар мувофиқа бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешаванд.

30. Мудири Муассиса, ки дар тобеияти ташкилоту идораҳо қарор дорад, аз ҷониби роҳбари ташкилоту идора ё мақоми ваколатдори дигари он ва мудири Муассисаи ғайридавлатӣ аз тарафи муассис (муассисон) ба мансаб таъин ва аз мансаб озод гардида, ҳуқуқ, уҳдадорӣ ва вазифаҳои ӯ тибқи Низомномаи мазкур ва оинномаи Муассиса амалӣ карда мешавад.

31. Ба мудири Муассиса, ба ғайр аз роҳбарии корҳои эҷодию методӣ ишғоли дигар мансаби роҳбарикунанда дар дохили Муассиса манъ аст.

32. Мудири Муассиса тибқи шартнома ба муҳлати 5 сол ба мансаб таъин карда мешавад. Ҷойивазкунӣ ва аз мансаб озод намудани мудири Муассиса тибқи талаботи қонунгузорӣ амалӣ карда мешавад.

33. Мудири Муассиса бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯй бошад:

- доштани таҳсилоти олии касбии томактабӣ бо собиқаи кории мураббия ва сармураббияи томактабии на кам аз 5сола;
- донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф;
- донистани масъалаҳои менеҷмент ва маблағгузорӣ дар соҳаи маориф.

34. Мудири Муассиса дар назди падару модарон (шахсони онҳоро ивазкунанда), муассис ва тарбиягирандагон барои ташкил ва сифати корҳои таълиму тарбия, сатҳи тарбияи тарбиятгирандагон, нигоҳ доштани саломатӣ, инкишофи ҷисмонӣ, ҳолати молиявию хоҷагии Муассиса тибқи тартиби муқарраргардида масъул мебошад.

**5. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ МУАССИСА**

35. Муассиса ҳуқуқҳои зерин дорад:
- фаъолияти таълимию тарбиявии Муассисаро амалӣ намояд;
- сохтор ва басти вазифаҳои Муассисаро тартиб диҳад;
- дар фаъолияти озмоишӣ ва инноватсионӣ мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намояд;
- ҳамкории байналмилалиро дар соҳаи таълиму тарбияи томактабӣ мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намояд;
- фаъолияти дигареро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва оинномаи Муассиса пешбинӣ намудааст, амалӣ намояд.

36. Муассиса уҳдадор аст:
- чараёни таълимро мутобиқи талаботи стандарти давлатӣ ва барномаҳои таҳсилоти томактабӣ, Низомномаи мазкур амалӣ намояд;
- сифати таълиму тарбияи томактабиро таъмин намояд;
- шароити бехатарро ҳангоми ташкили раванди таълим фароҳам оварад;
- таҳия ва қабули тартибу қоидаҳои дохилии Муассисаро таъмин намояд;
- шароити заруриро барои ташкили хӯрок ва расонидани ёрии тиббӣ ба тарбиягирандагон фароҳам созад;
- падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда)и тарбиягирандагонро, ҳангоми қабули кӯдак ба Муассиса бо оинномаи он шинос намояд;
- ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар гузаронидани арзёбии сифати таълиму тарбияи томактабӣ мусоидат намояд;
- уҳдадориҳои дигареро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, иҷро намояд.

**6. РАВАНДИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ ДАР МУАССИСА ВА ДАСТРАСИИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ТОМАКТАБӢ**

37. Раванди таълиму тарбия дар Муассиса тибқи стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақшаю барномаҳои таълимӣ ба роҳ монда мешавад. Барои кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ ва равонӣ дар асоси барномаҳо, ки онҳо аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тасдиқ мегарданд, таъмин карда мешавад.

38. Дастрасии таълиму тарбияи томактабӣ, инчунин бо таъсиси марказ (гурӯҳ)и инкишофи барвақтии кӯдак бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ дар сохтори муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ дар сурати мавҷуд будани заминаи зарурии моддию техникӣ ба роҳ монда мешавад.

39. Дар Муассиса тартиби пур кардани гурӯҳҳои синнусолӣ аз ҷониби муассис тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва ин муқаррарот дар оинномаи он дарҷ карда мешавад.

40. Вобаста ба давраҳои синнусолӣ то 1 сентябр гурӯҳҳои синнусолии зерин пурра гардонида мешаванд:
- гурӯҳи 1 синни барвактӣ (аз 1 то 2сола) 10 кӯдак;
- гурӯҳи 2 синни барвактӣ (аз 2 то 3сола) 15 кӯдак;
- гурӯҳи хурдсолӣ (аз 3 то 4сола) 22 кӯдак;
- гурӯҳи миёна (аз 4 то 5сола) 25 кӯдак;
- гурӯҳи калон (аз 5 то 6сола) 25  30 кӯдак;
- гурӯҳи омодагӣ ба мактаб (аз 6 то 7сола)  30 кӯдак.

41. Дар гурӯҳҳои синну солашон гуногун (омехта) пуррагардонии ниҳоии гурӯҳҳо чунин муқаррар гардидааст:
- ду синну сол (аз 1 солу 6  моҳа то 3сола)  13 кӯдак;
- ду синну сол (аз 3 то 7сола)  25 кӯдак;
- се синну сол (аз 3 то 7сола)  20 кӯдак.

**7. ҚАБУЛИ ТАРБИЯГИРАНДАГОН БА МУАССИСА**

42. Ба Муассиса кӯдакони аз синни 1 то 7 қабул карда мешаванд. Қабули кӯдакон ба Муассиса дар асоси хулосаи тиббӣ, ариза ва ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти яке аз падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) ба роҳ монда мешавад.

43. Ҳангоми қабул ба Марказ ташкили имтиҳонҳои махсус ва гузаронидани ҳама гуна озмунҳо манъ аст.

44. Кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ, кӯдакони маъюб ба гурӯҳҳои дорои самти тасҳеҳӣ, фарогирӣ (ҷубронкунанда)и Муассиса бо розигии падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) дар асоси хулосаи комиссияи равонӣтиббӣпедагогӣ қабул карда мешаванд.

45. Ба намудҳои зерини Муассисаҳо кӯдакони синну соли гуногун қабул карда мешаванд:

- ширхоргоҳ  барои кӯдакони то 3сола;
- ширхоргоҳкӯдакистон  барои кӯдакони аз 1 то 7сола;
- кӯдакистон  барои кӯдакони аз 3 то 7сола;
- кӯдакистон  муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ  барои кӯдакони аз 3 то 10сола;
- хонаи кӯдакон  барои кӯдакони аз 2моҳа то 7сола;
- мактабинтернат (гурӯҳи томактабӣ)  барои кӯдакони аз 1 то 7сола;
- мактабинтернати махсус (гурӯҳи томактабӣ)  барои кӯдакони аз 6 то 7сола;
- муассисаи таълимии дорои гурӯҳҳо (синфҳо)и омодагии пешазмактабӣ  барои кӯдакони аз 5 то 7сола;
- кӯдакистони хусусӣ  барои кӯдакони то 7сола;
- кӯдакистони оилавӣ  барои кӯдакони то 7сола;
- кӯдакистони солимгардонӣ – муассиса барои кӯдакони аз 2 то 7сола, ки ба солимгардонии ҷисмонӣ ва ё инкишофи равонӣ, муолиҷа ва тавонбахшӣ эҳтиёҷ доранд;
- хонаи кӯдакони навъи интернат  муассисае, ки дар он нигоҳубин, тарбия, таълим ва кумаки иҷтимоӣ ба кӯдакони ятим ва бепарастори синни томактабӣ ва мактабӣ аз ҳисоби давлат таъмин карда мешаванд;
- хонаи кӯдакони ятиму бепарастор  муассиса барои ҳифзи саломатӣ ва ҳимояи тиббию иҷтимоии кӯдакони ятим ва бепарастор, кӯдаконе, ки аз рӯзи таваллуд нуқси ҷисмонӣ ё равонӣ доранд, кӯдаконе, ки аз тарафи падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) рад карда шудаанд, инчунин кӯдаконе, ки падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) бо сабабҳои гуногун муваққатан онҳоро тарбия карда наметавонанд ё аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум шудаанд.

46. Қабули кӯдакон ба Муассиса тибқи қоидаҳои умумии қабули тарбиятгирандагон ба Муассисаҳое, ки аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм тасдиқ мешавад, ба роҳ монда мешавад.

47. Ба Муассиса дар навбати аввал фарзандони падару модароне, ки кор мекунанд, падару модарони танҳо, ки таҳсил ва кор мекунанд, маъюбони гурӯҳҳои 1 ва 2, кӯдакон аз оилаҳои серфарзанд, кӯдаконе, ки таҳти васоят ва парасторӣ қарор доранд, кӯдаконе, ки падари онҳо дар хизмати ҳарбӣ ва падар ё модар дар табобати дарозмуддат мебошанд, қабул карда мешаванд.

48. Кӯдаконе, ки дар инкишофи ҷисмониашон норасоӣ доранд, ба муассисаҳо (гурӯҳҳо)и томактабии ҷубронкунандаи навъҳои гуногун, ки барои корҳои тасҳеҳӣ шароит доранд, қабул карда мешаванд.

49. Дар Муассисаҳои махсусгардонидашуда гурӯҳҳо вобаста ба теъдоди кӯдакон ва синну соли онҳо (то 3сола ва аз 3сола калонтар) муқаррар карда мешаванд:

барои кӯдаконе, ки дар нутқашон лакнат, нуқсонҳои вазнин доранд  6 ва 10 кӯдак;

барои кӯдаконе, ки тарзи талаффузи фонетикӣ ва фонематиашон вайрон танҳо бо синну соли аз 3 калонтар 12 кӯдак;

- барои кӯдакони кар  6 нафар барои ҳар ду гурӯҳи синнусолӣ;
- барои кӯдакони шунавоиашон паст  6 ва 8 кӯдак;
- барои кӯдакони нобино  6 нафар барои ҳар ду гурӯҳи синнусолӣ;
- барои кӯдакони дорои нуқсонҳои биноӣ бо заъфи басар ва олус  6 ва 10 кӯдак;
- барои кӯдаконе, ки дар узви такягоҳию ҳаракат иллат доранд  6 ва 8 кӯдак;
- барои кӯдакони ноқисулақл  6 ва 10 кӯдак;
- барои кӯдакони ақлан ақибмондаи дараҷаи сабук  6 ва 10 кӯдак;

- барои кӯдакони ақлан ақибмондаи дараҷаи миёна, вазнин, танҳо бо синну соли аз 3 калонтар  8 кӯдак;

- барои кӯдакони дорои касалии муизавият (аутизм), танҳо бо синну соли аз 3 калонтар  8 кӯдак;

- барои кӯдакони дорои имконияти ҷисмониашон маҳдуд  1015 кӯдак.

50. Дар гурӯҳҳои навъи тавонбахшӣ пуррагардонии ниҳоии гурӯҳҳо вобаста ба шумораи кӯдакон ва синну соли онҳо (то 3сола ва аз 3сола калонтар) муқаррар гашта, теъдодашон чунин аст:

- кӯдаконе, ки касалии сил доранд (гурӯҳи санаторӣ) 10 ва 15 кӯдак;

- кӯдаконе, ки зудзуд бемор мешаванд (гурӯҳи санаторӣ) 10 ва 15 кӯдак;

- гурӯҳи дигари кӯдакон, ки барои онҳо маҷмуи чорабиниҳои солимгардонии махсус зарур аст 12 ва 15 кӯдак.

51. Ба Муассисаи дигар гузаронидани тарбиягиранда дар асоси аризаи падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) и тарбиягиранда ва бо фармоиши мудири Муассиса ба расмият дароварда мешавад.

52. Хориҷ кардани кӯдак аз Муассиса дар асоси хулосаи тиббӣ дар бораи саломатии кӯдак, ки барои ба Муассиса рафтани ӯ монеъ мешавад, ҳангоми бештар аз як моҳ бе сабаби узрнок наомадани кӯдак ба Муассиса сурат мегирад.

53. Муассиса ҳафт рӯз пеш аз хориҷ намудани кӯдак аз Муассиса тариқи хаттӣ падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) и кӯдакро оид ба ин қарор хабардор мекунанд.

Бо сабаби тағйири ҷойи кори падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) хориҷ кардани кӯдак аз Муассиса манъ карда мешавад. Дар ҳолатҳои гирифтани табобат дар санаторияву истироҳатгоҳҳо, ҳангоми беморӣ ё рухсатии онҳо, инчунин дар фасли тобистон, новобаста ба давомнокии рухсатии падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда), ҷойи кӯдак дар Муассиса то 75 рӯз, бе пардохти маблағ, нигоҳ дошта мешавад. Дар дигар ҳолатҳо, агар кӯдак ба Муассиса наояд, маблағи муайяншуда вобаста ба нигоҳубини кӯдак аз ҷониби падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) пурра пардохт карда мешавад.

## 8. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ СУБЪЕКТҲОИРАВАНДИ ТАРБИЯ ВА ТАЪЛИМ

54. Субъектҳои раванди тарбия ва таълим тарбиягирандагон, мураббиён, дигар кормандони педагогӣ, падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда)-и тарбиягирандагон, намояндагони корхона, муассиса, ассотсиатсия, фондҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои дигар, инчунин шаҳрвандони алоҳида, ки дар фаъолияти Муассиса иштирок мекунанд, ба ҳисоб мераванд.

55. Муассис Муассисаро бо корманди тиббӣ, маводди солимгардонӣ ва воситаҳои кумаки аввалияи тиббӣ таъмин менамояд.

56. Ба фаъолияти педагогии Муассиса шахсоне машғул шуда метавонанд, ки дорои таҳсилоти миёнаи касбӣ, олии касбӣ буда, малакаи зарурии касбӣ ва сифатҳои баланди маданию ахлоқӣ бошанд.

57. Омӯзгорони Муассиса бо мақсади таъмини босамари раванди тарбиявию таълимӣ мустақилона барномаҳои имконпазир (алтернативӣ)и муаллифиро интихоб ва мавриди истифода қарор дода, воситаҳои ҳозиразамони тарбия, таълим ва солимгардонии кӯдаконро дар мавриди риоя намудани талаботи стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд.

58. Кормандони педагогии Муассиса давра ба давра аз аттестатсия мегузаранд. Аз рӯйи натиҷаи ҷамъбасти аттестатсия ба мансаби ишғолкарда мутобиқат намудани корманд, дараҷаи тахассусӣ ва сатҳи донишу малакаи ӯ муайян карда мешавад.

59. Кормандони педагогие, ки кирдори содирнамудаашон ба минбаъд давом додани фаъолияти омӯзгорӣ мухолиф аст, ба мансабашон номуносиб дониста мешаванд ё худ шахсоне, ки вазъи саломатиашон садди иҷрои уҳдадориҳои хизматиашон мегардад, мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кори педагогӣ озод карда мешаванд.

60. Шахсоне, ки мувофиқи санади судӣ, нишондодҳои тиббии тасдиқшуда ё асосҳои дигари пешбиникардаи қонунгузорӣ ба фаъолияти омӯзгорӣ машғул шуданашон манъ карда шудааст, ба кори Муассиса иҷозат дода намешаванд.

61. Мудири Муассиса дорои ҳуқуқу ӯҳдадориҳои зерин мебошад:

- якҷо бо шурои педагогӣ муайян кардани самтҳои асосии рушди Муассиса;
- ба кор қабул намудани кормандони педагогӣ ва техникии Муассиса ва роҳбарӣ намудан ба шурои педагогӣ;
- назорати тамоми фаъолияти Муассиса;
- муайян ва тибқи тартиби муқарраргардида тасдиқ намудани қоидаҳои тартиботи дохилӣ ва вазифаҳои хизматии кормандон дар асоси оинномаи Муассиса;
- якҷо бо ҳайати омӯзгорон амалӣ намудани нақшаи кори солонаи Муассиса;
- риояи қонунгузорӣ ҷиҳати таъмини истифодабарии сарфакоронаи маблағҳои буҷетӣ ва маблағҳои аз дигар манбаъҳо воридшуда;
- пешниҳоди ҳисобот ба мақомоти дахлдор оид ба фаъолияти Муассиса ва истифодаи мақсадноки маблағҳои буҷетии ҷудошуда;
- ташкили кор бо падару модарон оид ба масъалаҳои тарбияи фарзандон дар оила;
- назорати риояи коидаҳои санитарию гигиенӣ ва техникаи бехатарӣ;
- тибқи тартиби муқарраргардида ихтиёрдории маблағҳои Муассиса, аз номи он бо дигар ташкилот бастани шартномаҳо ва ҷавобгарӣ барои ғайримақсаднок истифодабарии ин маблағҳо;
- дар доираи ваколати худ ба имзо расонидани фармоишҳое, ки иҷрояшон барои кормандони Муассиса ҳатмӣ мебошад;
- ҳалли масъалаи интихоб намудан ва ҷобаҷогузории кадрҳо, тибқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансаб таъин ва аз мансаб озод намудани кормандон;
- дар доираи маблағҳои буҷетии пешбинишуда омода намудани ҷадвали воҳидҳои корӣ ва барои тасдиқ ба муассис пешниҳод намудани он;
- таъмини иҷрои талаботи санитарию гигиенӣ, зиддисӯхторӣ ва ҳифзи саломатии кӯдакон;
- мутобиқи тартиби муқарраргардида ташкили аттестатсияи кормандони Муассиса ва ҳангоми ҷобаҷогузории кадрҳо ва тартиб додани ҷадвали воҳидҳои корӣ ба ҳисоб гирифтани натиҷаи аттестатсия;
- дар асоси қарори шурои педагогӣ фароҳам овардани шароит барои ба амал баровардани раванди тарбия ва таълим дар Муассиса;
- амалӣ намудани дигар ҳуқуқу ӯҳдадориҳо тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

62. Кормандони педагогии Муассиса дорои ҳуқуқу ӯҳдадориҳои зерин мебошанд:

- аз роҳбари Муассиса барои амалӣ гардонидани раванди тарбия ва таълим шароити мусоидро талаб намоянд;
- ташаббуси омӯзгорӣ ва тавсеаи таҷрибаи пешқадами худ, интихоби озоди шакли таълим, методу усулҳои самарабахши тарбияю таълимро тибқи барнома густариш диҳанд;
- аз худ кардан ва иҷрои барномаҳои таълиму тарбиявиро аз ҷониби тарбиягирандагон таъмин намоянд;
- ба рушду инкишофи қобилияти тарбиягирандагон мусоидат карда, онҳоро дар руҳияи эҳтиром нисбат ба падару модар, ҳамсолон, калонсолон, арзишҳои фарҳангию миллӣ, таърихӣ, расму оинҳо, муҳити зист ва рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тарбия намоянд;
- одобу ахлоқи педагогиро риоя карда, ҳуқуқ ва шаъну эътибори кӯдакро эҳтиром, кӯдаконро аз амалҳои дорои зӯроварии ҷисмонию равонӣ ҳимоя намоянд, дар бобати пешгирии бемориҳои сирояткунанда, истеъмоли машрубот ва моддаҳои нашъаовар корҳои фаҳмондадиҳиро гузаронанд;
- дигар ҳуқуқу ӯҳдадориҳоеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, иҷро намоянд.

63. Падару модарон (шахсони онҳоро ивазкунанда) дорои ҳуқуқу ӯҳдадориҳои зерин мебошанд:

- барои фарзандони худ дар Муассисаҳо шакли таълимро интихоб намоянд;
- дар кори мақоми худидораи Муассисаҳо иштирок намоянд;
- ба мақомоти давлатии идоракунии маориф ва худидоракунии Муассисаҳо оид ба масъалаҳои тарбия ва таълими фарзандони худ муроҷиат намоянд;

- манфиатҳои қонунии фарзандони худро вобаста ба тарбияю таълим дар мақомоти давлатӣ ва суд ҳимоя кунанд;

- барои саломатии ҷисмонӣ ва равонии кӯдак пайваста ғамхорӣ карда, ӯро ба Муассиса омода намоянд ва барои инкишофи қобилиятҳои кӯдак шароити зарурӣ муҳайё созанд;

- намуди Муассиса ва забони таълимро тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа интихоб намоянд;

- ҳуқуқ ва шаъну шарафи фарзандонро ҳимоя намоянд;

- фарзандонро дар руҳияи ватандӯстӣ ва башардӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, ҳисси накукорӣ, раҳмдилӣ, эҳтироми аҳли оила, забони модарӣ, адабиёту таърих ва анъанаҳои миллӣ, фарҳангии миллии худ ва эҳтироми арзишҳои миллӣ тарбия намоянд;

- ба фарзандон барои гирифтани тарбияю таълим дар Муассиса мусоидат намуда, дар хона шароити мусоид муҳайё созанд;

- дигар ҳуқуқу уҳдадориҳоеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, амалӣ менамоянд.

64. Тарбиягирандагони Муассиса ҳуқуқҳои зеринро доро мебошанд:

- гирифтани таълиму тарбия дар Муассиса;
- дастрасӣ ба хизматрасонии ройгони тиббӣ дар Муассиса;
- нигоҳдории саломатӣ, инкишоф, таълим ва тарбия дар шароити мусоиди бехавф;
- ҳуқуқҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст.

**9. ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВИЮ ХОҶАГИДОРИИ МУАССИСА**

65. Сарчашмаи маблағгузории фаъолияти тарбиявию таълимӣ, хоҷагиву иқтисодии Муассисаи давлатиро маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, аз ҷумла маблағҳои муассис ва сарчашмаҳои дигаре, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, ташкил медиҳанд.

66. Муассисаҳои ғайридавлатӣ аз ҳисоби маблағҳои муассис ва сарчашмаҳои дигари маблағгузорие, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, фаъолият мекунанд.

67. Супоридани маблағ аз тарафи падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) ба мақсади пардохти хароҷот барои нигоҳубини кӯдакон дар Муассиса мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

68. Маблағгузории Муассиса дар асоси механизми маблағгузории сарикасӣ аз рӯйи меъёр барои як тарбиятгиранда ва меъёр барои хӯрокворӣ дар як рӯз аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ва маблағҳои Муассис ба нақша гирифта мешавад.

69. Муассиса ҳуқуқ дорад бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағҳои иловагии бо оинномаи он пешбинигардида, инчунин маблағҳои хайрия ва пардохтҳои мақсадноки шахсони воқеию ҳуқуқӣ ва хориҷиро истифода барад.

70. Маблағи Муассиса мутобиқи оинномаи он истифода мегардад.

71. Меъёрҳои маблағгузории Муассисаи ғайридавлатӣ аз меъёрҳои маблағгузории Муассисаи давлатии дар ҳудуди дахлдорбуда кам буда наметавонад.

72. Муассиса ҳисоботи муҳосибавӣ ва оморӣ тартиб дода, онро дар мӯҳлатҳои муқарраршуда ба мақомоти дахлдор пешниҳод менамояд. Шаклҳои ҳисобот, суроға ва мӯҳлати пешниҳоди он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**10. ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МУАССИСА**

73. Муассиса мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо пас аз мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм тибқи тартиби муқарраргардида метавонад бо ташкилотҳои хориҷӣ робитаҳои ҳамкорӣ дошта бошад.

**11. БАРҲАМДИҲӢ ВА АЗ НАВ ТАШКИЛ ДОДАНИ МУАССИСА**

74. Барҳамдиҳӣ ва аз нав ташкил додани Муассиса тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

75. Дар сурати барҳамдиҳии Муассиса, мақомоти маҳаллии идоракунии маориф ва илм ва муассис тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба Муассисаи дигар гузаронидани кормандон ва тарбиягирандагонро таъмин менамоянд.

# МУАММОИ «ШАҲРОШӮБ»



1. «*** ба ту ёд медиҳад илму адаб» (Садриддин Айнӣ). 2. Маркази давлати Сомониён. 3. Мураббӣ, устод, тарбиятгар. 4. Исми собиқи шаҳри Турсунзода. 5. Муқобилмаънои «чап». 6. Повести Ҷалол Икромӣ. 7. «Роҳе, ки бе *** аст, душвор менамояд» (Соиби Табрезӣ). 8. Ҳарфи алифбои ниёгон. 9. Илм дар бораи ҳодисаҳои табиат. 10. Моеъи хушбӯй. 11. Сабз, кабуд, сафед. 12. Дарё дар Ҳиндустон. 13. Қаҳрамонзан дар «Шоҳнома» - и Фирдавсӣ. 14. Муқобилмаънои «душман». 15. Навъи каллапӯш. 16. Пйесаи Файзулло Ансорӣ. 17. Шаҳр дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. 18. Пурра, мукаммал. 19. Кӯл дар Федератсияи Россия. 20. «*** як лаҳза ба мижгон бор аст» (Мирзо Абдулқодири Бедил). 21. «*** и давр», асари Абдулҳамид Самадов. 22**.** Воҳиди қувваи ҷараёни электрикӣ дар системаи воҳидҳои байналхалқӣ. 23. Номи аспи Рустам дар «Шоҳнома» - и Фирдавсӣ. 24. Асари Сайидои Насафӣ. 25. Он, ки бино месозад. 26. Ҳамдигарфаҳмӣ, дӯстӣ. 27. Миллат. 28. Навъи ранг. 29. Шумораи миқдорӣ. 30. Асари эпикӣ, ки лаҳза ва ҳолатҳои муҳими зиндагии инсонро дар бар мегирад. 31. Номи моҳи тақвими григорианӣ. 32. Асъори хурди миллӣ. 33. Муаллифи достони «Ливои зафар». 34. Аломати номуайянӣ дар илми риёзӣ. 35. Ҷирми осмонӣ. 36. Андози давраи амирӣ. 37. Қитъаи олам. 38. Адиби адабиёти классикӣ, муаллифи «Хусравнома». 39. Муродифи «ташаккур». 40. Асбоби тории миллии мусиқӣ. 41. Муродифи «сурат». 42. «Муҳаббатро зи *** бояд омӯхт». 43. Санъати бадеии шеъри тоҷик. 44. Чирадаст, тавоно. 45. Силсилаи сурудҳо дар «Шашмақом». 46. Истилоҳи илми математика.

***Мураттиб Ҳотами ҲОМИД***